РАҲМАТ НАЗРӢ

# СИТОРАБОРОН

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5
Н-18

Муҳаррир *Сайидалӣ Маъмур*

Н-18 **Раҳмат Назрӣ. Ситораборон** (Барчидаи ашъор). – Душанбе, «Адиб», 2011, 320 саҳ.

Барчидаи ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Раҳмат Назрӣ «Ситораборон» намунаҳои барҷастаи ашъори ӯро, ки дар тӯли чиҳил сол суруда шудаанд, дар бар мегирад. Андешаҳои нек ва ишқи поки шоири мумтоз, ки аз шодмониву андӯҳи зиндагонӣ саршоранд, дар пояи баланди ҳунарӣ ба қалам омадаанд. Дар сухани сабзаш набзи меҳанпарастиву инсонпарварӣ гарм метапад.

ISBN 978-99947-2-059-0

© Раҳмат Назрӣ, 2011

# ТО ҚИЁМАТ ТАРОНА ПАРДОЗӢ

Дар ин китоб самараи заҳмати зиёда аз чиҳилсолаи яке аз шоирони чирадасти мо Раҳмат Назрӣ гирд омадааст. Хонандаи фарзона ва борикбин сари ҳар шеър ба андеша меравад, гармии дили шоир, шодиву андӯҳи ӯро аз наздик эҳсос мекунад, дармеёбад, ки солҳои тӯлонӣ гӯяндае дорад, ки садои набзи ӯро аниқу дақиқ мешунавад, ба пурсишҳои гунагунаи умраш посухи равшан медиҳад. Қаламбадастон зиёданд ва китобҳои нашркардаи онҳо низ кам нестанд. Аммо на ҳамаи онҳо бо хонанда ҳамдарду ҳамнасибанд. Сабаб ин аст, ки худи онҳо аз бедардӣ, бидуни ниёзи дарунии хеш, «қофиябозӣ» мекунанд.

Ман шеърҳои аввалини Шоири халқии Тоҷикистон Раҳмат Назриро дар ёд дорам. Вақте ки ҳанӯз шогирди мактаби миёнаи шаҳри Кӯлоб буд, шодравон Мастон Шералӣ чанд шеъри Раҳматро дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» чоп кард. Бояд ин ҷо зикр кунам, ки «кашшоф»-и Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғойиб низ ҳамин Мастон Шералӣ буд…

Агар шеърҳои овони наврасии Раҳматро бо шеърҳои тозатаринаш муқоиса кунед, ба натиҷаи ҳайратовар мерасед: тарзи гуфтори шоир заррае тағйир наёфтааст!

Шеърҳои аввалини аксари шоирон аз сурудаҳои охиринашон аз замин то осмон фарқ мекунад.

Чаро бо Раҳмат чунин ҳолат рух додааст? Ба гумони ғолиби ман ӯ фитрати шоиронаи модарзод дорад ва бо пухтагии фавқулодда по ба арсаи адабиёт ниҳодааст.

Порае, ки меорам, аз зумраи шеърҳои нахустини шоир буда, тақрибан аз чиҳил сол пештар аз ин навишта шудааст:

*Ман чашмавор сар задаам дар талоши умр,*
*Эй рӯзгори тоза, маро дар канор гир!*
*Эй орзуи ман, ту бишав нурпоши умр,*
*Дар ноумедии дили покам шарор гир!*

Инак, пораи дигаре, ки чаҳор-панҷ сол пеш аз ин ба рӯи сафҳа омадааст:

*Эй сӯзи дил, ба синаи худ мефишорамат,*
*Эй ашк, аз ду гунаи худ мегусорамат.*
*Эй обу хоки поки диёри ғарибi ман,*
*Умре сипоси нону намак мегузорамат.*

*Дар пораи харитаи зарди қаламзада,*
*Эй кишвари аламзада, сар мефурорамат…*

Ман дар ин ҷо аз ҷиҳати маҳорат, истеҳкоми сухан, хушоҳангии мисраъҳо фарқе намебинам. Бояд гӯям, ки вазне, ки Раҳмат барои ин шеърҳояш ба истифода гирифтааст, аз авзони бисёр зебову фиребо ва дилнишини адабиёти мо ба шумор меояд. Аксари шоирони номии баъдазинқилобии тоҷик ин вазнро ба кор бурдаанд, аммо ҳамеша вайронаш кардаанд. Дар шеърҳои Раҳмат беэътиноӣ нисбат ба вазни арӯз хеле кам ба мушоҳида мерасад. Вай дар истифодаи вазну қофия эҳтиёткор аст ва шояд аз ҳамин рӯ ба сурудани шеърҳои озоди нимоӣ майл накардааст.

Ба ин дубайтӣ зеҳн монед:

*Парасту лона дар долони ман монд,*
*Фиғонаш дар дили нолони ман монд,*
*Ки ҳамболони ӯ сӯи баҳорон*
*Миёни роҳ чу ҳамсолони ман монд.*

Дар ин дубайтӣ мазмуни зебо бисёр ҳам зебо ба қалам омадааст. Аммо чун сухан аз вазну қофияи бенуқс рафт, метавон гуфт: агар ба ҷои Раҳмат шоири дигаре мебуд, ҳатман «долон»-ро «айвон» менавишт. Аммо Раҳмат мехоҳад, ки «долон», «нолон» ва «ҳамсолон» (бо ҳамоҳангии «ҳамболон»-и мисраи савум) ҳамқофияҳои устувори бенуқс бошанд.

Дар шеърҳои Раҳмат Назрӣ истифодаи қофия ва радифҳои тоза бисёр ҷолиб аст, ки ин дар дигар шоирони мо хеле кам ба назар мерасад.

*Дар яхи худ шаби аёс, эй дӯст,*
*Карда буд гул ба сони ёс, эй дӯст.*
*Дар нигоҳам фурӯғи дунёро*
*Осмон мекашид ос, эй дӯст.*
*Тез мекард моҳи навро ӯ*
*Бар сари сахти ман чу дос, эй дӯст.*
*Хештанро шинохтам ногоҳ*
*Дар ту, дарвеши ношинос, эй дӯст….*

Ба ҳам қофия шудани калимаҳои *аёс, ёс, ос, дос, ношинос* ва ғайра ба ғазали ӯ тозагӣ илқо кардаанд. Ин бори дигар собит мегардонад, ки барои мазмуни тоза воситаҳои тозаи ифода низ бисёр муҳиманд.

Ё ба ин чанд мисраъ таваҷҷӯҳ фармоед ва бубинед, ки қофияҳо чи тозагие халқ кардаанд:

*Ба сарзамини пур аз сӯзи офтобзада,*
*Ғунуда нимашабон пуштаҳои хобзада.*
*Гузашта пораи абре чу рӯҳи овора,*
*Ба хоки сӯхта бо ашки хеш об зада.*
*Ба сояҳои парешони боғу роғи хазон*
*Вазида аз дара шаббодаи шитобзада…*
*Чи рӯз мерасад аз раҳ, ки осмон хомӯш,*
*Ба хобномаи худ мӯҳри моҳтоб зада.*

Ҳунармандии шоир дар он аст, ки хонанда, ҳатто ҳамқаламаш, ки аз асрори шеър бохабар аст, сохтакории ӯро эҳсос намекунад, шеър барояш табиӣ ва самимӣ менамояд.

Раҳмат Назрӣ ба мусиқии шеър, ки ҷони шеър аст, дилбастагии дардмандона дорад. Ӯ аслан ба гуфтани шеърҳои тӯлонӣ (ё ба қавли эрониҳо – баланд) хуш надорад. Сурудаҳои ӯ мисли садафанд, ки чун ба даст гириву ба гӯш наздикаш барӣ, ҳатман оҳанге танин меандозад.

*Аз оташи поки хеш бахше бахшо,*
*Дар чашми сиёҳи ман дурахше бахшо.*

Дар ин байт ба такрор омадани овозҳои «ш» ва «х» оҳанги танинандозе ба вуҷуд овардаанд ва шеърро ҷаззоб гардонидаанд:

*Дар сарам андешаҳо чун селаи занбӯри ёбоӣ,*
*Мехӯранд аз чашмҳоям шираи ангури ёбоӣ.*

Ин байтро ба ҳам ҷӯр омадани овозҳои «ш» ва «р» ба шеваи шево зебо кардааст.

Дарк кардани оҳанги ибораҳо, калимаҳо, ҳиҷоҳо барои ҳар

эҷодкор бисёр муҳим аст ва ин бофти садоиро бо бофти маъноӣ даромехтан ҳунари сода нест.

Вақте ки Раҳмат Назрӣ мегӯяд:

*Фиғони чокак аз чоки дили худ*
*Шунидам ҳар қадам дар ҷангали шаб,*

– мо дармеёбем, ки «чокак» ва «чоки дил» бозии сухан нест ва дар зимни худ мазмуни оличаноб ҳам доранд.

Дар ҷое шоир мегӯяд:

*Эй саги хонабон, саги зотӣ,*
*Зии дарвоза зистгоҳат буд.*

Чаро Раҳмат ба ҷои калимаи «зии», «кунҷи» ё «таҳи»-ро истифода намекунад? Зеро барои ӯ мусиқии шеър муҳим аст ва «зии» бо «зистгоҳ» ҳамоҳанг мегардад ва мисраъ зебо мешавад. Шоир ва муҳаққиқи эронӣ устод Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ дар китоби пурарзиши худ «Мусиқии шеър» (Теҳрон – 1370) барҳақ менависад: «Шеър чизе нест, ҷуз ба мусиқӣ расидани калом».

Раҳмат Назрӣ аз воситаҳои дигари тасвир низ, ба вижа аз таззод, фаровон истифода мекунад ва мазмунҳои оличаноб меофарад ва дар ин ҷо ҳам меъёрро медонад:

*Сафед ӯ мекунад девори худро,*
*Набинад то касе рӯзи сиёҳаш.*

* * *

*Сияҳ пӯшида аз бахти сиёҳаш,*
*Сафедии сари худ карда урён.*

Бубинед, истифодаи ҳунармандонаи «сиёҳу сафед» чи миқдор тасвиру мазмуни тоза ба миён овардааст.

Устод Мӯъмин Қаноат дар пешгуфтори худ ба якҷилдаи Раҳмат Назрӣ «Ҳафтранг», ки онро нашриёти «Адиб» соли 2002 ба табъ расонидааст, менависад: «Огоҳии амиқ аз расму русум, анъанаи зист ва ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии мардум дар сухан ва андешаи шоир ҷозибаи аҷибу наҷиберо меангезад».

Воқеан, вақте ки дафтару коғазҳои пешини худро варақ меза-

дам, чашмам ба навиштае афтод, ки онро соли 1988 дар рӯзҳои ба дарёфти Ҷоизаи Комсомоли Тоҷикистон пешниҳод гардидани Раҳмат Назрӣ ба қалам овардаам. Порае аз он навишта ин аст:

«Раҳмат аз суннатҳои халқӣ, расму ойин, маросиму маъракаҳои мардум ҳунармандона истифода мекунад ва дар зимни онҳо тасвирҳои ҷолиб ба миён меорад:

*Ба сӯи пушта рӯяш, пуштнокӣ меравад хуршед.*

Аввалан, офтоб ҳаргиз рӯ наметобад ва «пуштнокӣ меравад» гуфтани шоир аз суннати иззату эҳтиромдории халқ омадааст. Сониян, истифодаи «пушта» ва «пуштнокӣ» мисраъро хушоҳанг кардааст. Чанд мисоли дигар:

*Туӣ чун хонадоне, ки дар он тифлон*
*Ба навбат ҷомаҳои якдигар пӯшанд.*

* * *

*Бичинам ҳамчу пири рустоӣ мағзи нонро*
*Зи рӯи роҳҳо ҷун аз таги пои Душанбе.*

* * *

*Чу тарсидам шабе ман аз сиёҳӣ,*
*Сиёҳии таги дегат даво шуд.*

* * *

*Пас аз маргаш худоии варо бин,*
*Ба мардум мурдааш ҳам медиҳад нон.*

Оё пораҳои боло ба назари мо манзараҳои ҷаззоби рӯзгорамонро ҷилвагар намесозанд? Оё ин мазмуну мафҳумҳо дилнишин нестанд?..»

Шеър гуфтан – ин омӯхтан ва таҳқиқ кардан аст. Агар мо танҳо ба донистани ду-се вазни арӯзӣ ва риояи қофияву радифҳо иктифо кунем, ба манзили мурод нахоҳем расид. Мутолиаи шеъри Раҳмат Назрӣ гувоҳӣ медиҳад, ки гӯянда забони халқ, расму маросимҳои мардум, адабиёти шифоҳиву китобии моро хуб медонад. Вожаҳое, ки шоир истифода мекунад, шеъри ӯро рангин ва дилангез мегардонанд. Чанд намуна: *таҳдашт, нӯшкоса, тӯтак, сарҳӯй, лош, саглес, пуркидан, ғавҷидан, хели-*

*дан, алохун, бефара, лангурӣ, лухт* ва ғайра.

Шоир бо даромехтани ибораҳои мардумиву китобӣ таркибҳои бисёр шоирона ва тасвиргарона сохтааст, ки зеби ашъори ӯст: *соати тиллоии маҳтоб, кафтарони коғазии паршикаста, кулбаи хомӯши ғамдевори модар, сароғози биҳиштии баҳорон, гулбонги хурӯси офтоб, мокиёни сефеди моҳ* ва ғайра.

Ин таркибҳо дар сурудаҳои Раҳмат тасодуфӣ ва раҳовард нестанд, балки маҳсули заҳмат ва андешаҳои баландпарвози шоиронаи ӯянд. Масалан, номаҳои ошиқии ба нишонӣ нарасидаро «кафтарони коғазии паршикаста» гуфтан, шаҳодати балоғати шоирии Раҳмат аст.

Адабиёт аз эҷодиёти як ё ду кас иборат нест. Ба ғайр аз офтоб моҳу ситраҳо низ ҳастанд ва бе онҳо фарози осмон зебо нахоҳад буд. Дар ин миён эҷодиёти шоири ҳунарвар Раҳмат Назрӣ истисно нест ва ҳунарманд буданро ҳам Худованд ба ҳар кас арзонӣ надоштааст.

Дар анҷом як байти Раҳмат Назриро бо каме тағйир ба худи ӯ эҳдо мекунам:

*Кош, ҳар шаб, шабони бепоён*
*То қиёмат тарона пардозӣ!..*

***ГУЛНАЗАР,***
*Шоири халқии Тоҷикистон*

# АНДЕША ДАР АНДЕША

# НАВРӮЗ

Наврӯз, эй хуҷастатарин рӯзи рӯзгор,
Наврӯз, эй баробарии рӯзу шаб, дуруд!
Эй ҷашни офтобии пирӯзии фурӯғ
Дар сарзамини дойирабазми куҳансуруд!

Эй ҷашни обу оташу хоку ҳаво, зиҳӣ!
Ойини сабзи сабзаву ойинаи умед!
Шогуни поки пок ба некӯтарин шугун,
Дар навдаи кабуд шукуфоии сафед!

Наврӯз, эй паёми пагоҳии рӯшанӣ,
Дарвозаҳои баста ба рӯят кушодаем.
Дар хонаи такидаи худ аз ғами ҷаҳон
Пеши ту боз суфраи рӯзӣ ниҳодаем.

Наврӯз, эй навиди кулангии навбаҳор,
Эй муждаи шукӯҳи фурӯзони лолайӣ!
Фархундапай биё, ки ба роҳат задем об,
Нӯшем май барои ту як-ду пиёлайӣ.

Наврӯз, эй ҳамешабаҳор, эй ҳамеша сабз,
Эй такдарахти рустаи тагрешаи Аҷам!
Сабзидаӣ ба шохи тари худ фаротарин
Гул-гул пур аз шукуфа аз андешаи Аҷам.

Аз орзуи бахт ҳазорон ҳазор сол
Меҷӯшад ормони ту дар хуни тоҷикон.
Наврӯз – зодномаи фарҳанги Бохтар,
Наврӯз – зодрӯзи ҳумоюни тоҷикон!

*Соли 2010*

# ҲАВОИ ПАРВОЗ

Боз оям ба зодгоҳам агар,
Сӯи Кӯлоби кӯдакии хеш,
Ба ду зону занам ба погаҳи он
Чун ба меҳроби кӯдакии хеш.

Боз аз хокроҳаи куҳанаш
Бозгардам агар ба мижгон гард,
Ба чанорони бозмондаи он
Даст бар дил салом хоҳам кард.

Ман дар ин шаҳри офтобзада
Метапам боз аз табу тобаш.
Як назар ҳам дигар дареғ маро
Нашиносад ба ғайри Сангобаш!

Саргарон сарбараҳна дар ба дараш
Такя бар сояи касе назанам.
Пушти девори куҳнапохсааш
Пушт дар ҳафт пушти хештанам.

Бо ду дасти кушоди бозтарин
Гирам оғӯш тути фартуташ,
Ки ҳанӯз аст соябони сарам
Бо дили лахт-лахти хулбуташ.

Ба ҳавояш кулоҳи худ фиканам,
Бо ҳаёҳу кунам сарафрозӣ.
Дил ба каф, ҷон ба лаб, алов ба сар
Боз бо зиндагӣ кунам бозӣ…

Боз бо як ҷаҳон гунаҳгорӣ
Назди Кӯлоби кӯдакии хеш,
Худ ба худ пок мекунам парвоз
Ҳамчу дар хоби кӯдакии хеш.

*Соли 2010*

## ОФТОБИ БОМДОД

Дуруд, эй офтоби бомдодон,
Бидам аз хоку оби бомдодон!
Ба дидорат сипос орам, ки охир
Ба рӯзи нав расидам боз шодон.

Парид аз дидагонам хоби ман дӯш,
Нигоҳам дар хаёли хеш ғӯтид.
Зад армони дилам паҳлӯ ба паҳлӯ,
Намози соям дар хок лутид[1].

Дуои ваҳм зери лаб ҳаросид
Шаби торик аз торикии хеш.
Парешон сӯи бесӯии гардун
Гусаст овозам аз борикии хеш.

Гиреҳ зад банд-бандам аз табу тоб,
Тапид аз шӯри пинҳон бахш-бахшам.
Маро нохост дар анбӯҳи андӯҳ
Ғанав бурду сиёҳӣ кард пахшам.

Чунон нолидам аз хоби гулӯгир,
Ки бедорам садои хештан кард.
Вале пилкони худ, чандон задам зӯр,
Кушудан ҳеҷ натвонистам аз дард.

Фурӯғе аз ҳавои тира ҳар сӯ
Ба дасти хеш ҷустам кӯрмолон…
Дуруд, эй офтоби рӯзии ман,
Намозат оварам як дил ба долон!

*Соли 2009*

1. Лутидан – жулидан, ғелидан.

## АЛОВИ АЛАМ

*Ба ёди додари равоншодам*
*Неъматулло*

Аз ту дареғ, додари берӯзиям, дареғ!
Нафрин ба рӯзгор, ки рӯзат надод ҳеҷ!
Аз рӯзи хеш рӯз надидиву зистӣ
Дар соясори тирашабу хобҳои гиҷ.

Ғамгинтар аз ҳавои парешони тирамоҳ
Андешаи ту лаб-лаби Сангоб мевазид.
Дар пуштаҳои абрии гардун нигоҳи ту
Аз пушти модару падар овора мехазид.

Бо сӯзи бозмондаи онҳо ту доштӣ
Сӯзон чароғбонии даргоҳи покашон.
Марҳам ба захми хотири ошуфтаи ту буд
Аз сарзамини хотира як мушти хокашон.

Аз ту дареғ,оҳ, ки аз зодрӯзи хеш
Дар зодгоҳи хеш надидӣ ба ҷуз алам.
То рӯзи вопасин дили озурдаи ту буд
Аз қисса-қисса ғуссаи дунё қалам-қалам.

Эй бар сарам алов, ки пинҳон дарун-дарун
Аз ҳар ҳадиси ҳодиса ман не, ту сӯхтӣ.
Эй рӯи ман сияҳ, ки ба як лахча васваса
Дар ин ҷаҳони дахмаса ман не, ту сӯхтӣ.

Эй вой дод, додари берӯзиям, ки шуд
Рӯзи ту кӯр яксара то рӯзи бозхост.
Дар вопасин дами ту нигоҳат намоз хонд,
Лабҳои хушки ташнаат об аз сароб хост.

Эй додари ғарибi ман аз Ҳафтдодарон[1],
Аз осмон ситораат афтод бар замин.
Сӯи сипеҳри меҳр ду чашми ту боз монд
Охир ба роҳпоии ҷовид дар замин.

Рафтӣ ту дар хаёли мани осмонзада
Аз роҳи Осмондара[2] то Осмонхудо.
Эй хок бар сарам, ки сари сахти хештан
Аз сӯзи дил куҷо занам аз ту дигар ҷудо!

*Соли 2009*

## ГИРДОБ

Рӯзи сурхи соли хуршедии Лоиқ буд,
Дошт дар бегоҳии он сури домодӣ.
Обварзӣ бурд ӯ ёрони меҳмонаш,
Дар дили дарёии худ шӯри бунёдӣ.

Покшӯӣ рафт гӯё сӯи рӯди пок,
Хешро якбора дар оби Зарафшон зад.
Дар Зарафшоне, ки хезобаш сарафшон буд,
Аз ҳавои дил ба тезобаш парафшон зад.

Раг ба раг сардоб дар пайванди ӯ печид,
То кушад ӯро, кашидаш ногаҳон гирдоб.
Таг ба таг аз бонги ӯ ларзид кӯҳистон,
Як нафас оби равон истод чун мурдоб.

Вой, андак монд, ин дам, ин дами душвор
Зиндагӣ вопас диҳад аз даст осонаш.
Вой, андак монд, сури ӯ шавад мотам,
Дасту по хӯрданд ёрони ҳаросонаш.

1. Ҳафтдодарон – Дубби Акбар, ситораҳои ҳафтгонаи гардун.
2. Осмондара – Роҳи Каҳкашон.

Зуд як меҳмони бебокаш вале чолок
Кард сӯи ӯ шино, эй хуш, наҷоташ дод!
Ҷон ба каф дар рӯ ба рӯи марги безинҳор,
Бо кашокаш аз фано ҳаш-ҳаш наҷоташ дод.

Дӯсти меҳмони ӯ худ бехабар он рӯз
Бо Зарафшон сар ба сар яксон ба сад сахтӣ,
Вораҳонид аз аҷал алломаи миллат!
Буд ин меҳмони бахташ Меҳмон Бахтӣ!

…Лек дар хунаш Зарафшони ниҳон нагзошт
Дар ҷаҳон ором дигар як нафас ӯро.
Гашт Лоиқ ғарқи дарёи дилаш охир,
Вораҳонд, оваҳ, на худро худ, на кас ӯро!

*Соли 2009*

## ОРИЁНО

Ориёно, Ориёно,
Меҳани яздонии ман,
Меҳани поки ниёгон,
Меҳани армонии ман!

Зодгоҳи рӯшноӣ
Дар паси тирукамонҳо!
Эй нахустогарди найсон
Дар заминҳову замонҳо!

Ориёно, Ориёно,
Эй нахуставранги тоҷик!
Аз фари хеш офаридӣ
Дар ҷаҳон фарҳанги тоҷик.

Эй нахустандарзи ҳастӣ,
Эй нахустандешаи дод!
Вожаҳои вижаи ту
Мезананд аз санг фарёд.

Осиёи обии ту
Кард гардон Осиёро.
Осиёи бодии ту
Бурд гардун гарди моро.

Дар ҷаҳон аз пушти хуршед
Кӯч баст озодагонат.
Кишвари кишваркушоён,
Бурд бо худ зодагонат!..

Аз ту, эй меҳроби меҳрам,
Остони бостонӣ,
Монд дар обу гили ман
Сарзамини осмонӣ.

Ориёно, Ориёно,
Дигар, эй хоки ниёиш,
Дорам армони ниёгон
Дар кафи поки ниёиш…

*Соли 2006*

## ХОБНОЛИШ

Имшаб чу кӯдак моҳи нав дар хоби рӯшан
Ангушти худро мемакад ширини ширин.
Аз дида ашкам мечакад сӯзони сӯзон,
Оваҳ, ғами ман мешавад дерини дерин!

Аз ёди дури кӯдакӣ армони худро
Дар хонаи дил кардаам гаҳворабандон.
Аз мори печони алам дар соярӯшан
Гаҳворабонӣ дорадаш гаҳвораҷунбон[1].

1. Ҳашараи сабз аз тираи малах.

Оғози ман меафканад аз хобам овоз,
Анҷоми бедории ман чун мешавад, чун?
Оворагарди хештан аз хеш дурам,
Гардон сари шӯридаам дар зери гардун.

Дар бепаноҳии ҷаҳон дар худ паноҳам,
Бо сад фиғон аз худ амон мепурсам аз худ.
Аз сояи кас мерамад мардум агар, ман
Метарсам аз худ, эй худо, метарсам аз худ!

*Соли 2005*

## МЕҲАНИ ДИЛ

Эй Тоҷикистони дилам,
Уммеду армони дилам.
Эй зодгоҳи офтоб,
Гардуни гардони дилам!

Эй сарзамини меҳри ман,
Дар синаам дил мезанӣ.
Дар чашм оби чашмаат
Гирам ба сони рӯшанӣ.

Эй лолазори озарин
Дар домани боди вазон,
Аз набзи сабзи хоки ту
Ҷӯям баҳори бехазон.

Дорад ба сангистони ту
Андешаи сангин замон.
Ҳангом дар ҳангом бош
Ҳангомаи рангинкамон!

Болотар аз ҳафт осмон,
Эй меҳани волои ман!
Ҷуз ту дар ин дунёи дун
Набвад ягон колои ман.

Як кӯҳ андӯҳи туро
Охир ба Роҳи Каҳкашон
Аз кӯҳсорат мебарам
Сӯи ҷаҳони бенишон!..

*Соли 2005*

**ХОРИШАК**

Бо пасоби сияҳ ба воя расид
Зодаи дашти офтобзада,
Бо пасоби сияҳ, ки мехӯрдаш
Подаи дашти хушки қобзада.

Бо пасоби сияҳ, ки як ҳавзак
Дар бари селроҳа во мемонд.
Аз бунаш найза-найза най меруст,
Ғук аз обсабзааш мехонд.

Бо пасоби сияҳ, ки аз тафи он
Бодаки хокбоз метаспид.
Бо пасоби сияҳ, ки хира аз он
Пашшааш тӯда-тӯда мечаспид.

Бо пасоби сияҳ, ки мехушкид,
Инак, эй вой, ӯ ба воя расид.
Баст кӯчаш ба обу ободӣ,
Ҳар куҷо сӯ ба сӯ ба соя расид.

Аз пасоби сияҳ валек ҳанӯз
Дорад андешааш танини магас.
Хоришак хуфтааст дар хунаш,
Дар ниҳодаш ниҳон ҷанини магас.

Дар хамӯшии ӯст хомӯшак,
Баҳри ҳар чиз мекунад бозор,
Мешавад пашша бар сари ҳама хон,
Мешавад пашша дар сари ҳама кор.

*Соли 2005*

## АРҒУШТИ АНДӮҲ

Меҳани хуррами ман, эй Кӯлоб,
Меҳани суру суруду шодӣ,
Меҳани базму тамошову ноз,
Меҳани ҷашну муборакбодӣ!

Аз баму зери навои ҷӯшон
Устухонат ҳама метаспад зуд.
Аз нигоҳат ба ҳавои мастӣ
Оташи замзама мечаспад зуд.

Вой, якбора ба як зарби даф
Чусту чолок ба арғушт ой.
Кифтларзон, ҳама нози арзон,
Сӯи ҳар саҳна ба як ҳушт ой.

Мезанӣ чарх ба ҳар кафкӯбӣ,
Мезанӣ хез ба ҳар гулпошӣ.
Бастаи риштаи пинҳонӣ ту,
Дар бузакбозии дунё бошӣ.

Бозият панҷаи кас медорад
Дар миёнҷои намоишгоҳон.
Аз паси пардаи созу овоз
Карда бепарда туро бадхоҳон…

Вой, ин валвалаамро бахшой,
Меҳани меҳри ману кини ман!
Аз алам мекунамат густохӣ,
Офарини туву нафрини ман!

Оҳ, ғамкуштаи пойизӣ ту,
Зори як барг баҳору садбарг.
Аз ягон муждаи ночизи бахт,
Бим дорам, ки шавӣ шодимарг!

Оҳ, аз мотами худ мерақсӣ
Дар нигоҳи нами ман, эй Кӯлоб!
Дорад андӯҳи дилат хурсандӣ,
Зодгоҳи ғами ман, эй Кӯлоб!

*Соли 2004*

## ТАБЛАКБОЗӢ

Сӯи майдони ҳаёҳуву кашокаш
Марде омад таблаки худ дар таги каш.
Зад навои бенавоиро ҳавоӣ,
Дар дили мардум ба арғушт омад оташ.

Зеру бам дар шеваи шевои таблак
Рӯ ба рӯву таг ба таг омад ба бозӣ.
Зарб андар зарб аз овои таблак
Хуни мардум раг ба раг омад ба бозӣ.

Бодҳову бедҳо дар рақс омад,
Кафтарони бомҳо омад ба парвоз.
Рӯи як майдон ба ҳам омад ба арғушт
Фалғару Фархору Ашту Рашту Дарвоз.

Бо ҳама бозии гардан сӯи гардун,
Бо ҳама бозии абрӯҳову дастон,
Худ ҳам аз таблакзании худ ба арғушт
Омад охир ӯ ба гирдогирди майдон.

*Соли 2004*

## ДАШТИ ХОР

Эй марзи хорзор,
Эй марзи хору зор,
Эй сарзамини ташнаи борони навбаҳор!
Эй дашти бепаноҳ,
Партоб лахт-лахту парешон дар офтоб!
Эй хоки хомсӯзи ман, эй хоки комсӯз,
Шуд чашми зодагони ту сероб аз сароб!

Дар шӯразори хуфтаи оғӯши тафтаат
Тафбоди шӯрапушт
Бе пушт-пушт мевазад аз пуштаҳои ту.
Дар хонаҳои мӯру малах мезанад алов
Фарёди оташини аташкуштаҳои ту.
Дуди сиёҳмаст
Бо рақси мор мехазад аз киштаҳои ту.

Эй хоки хорпарвари ман, марзи сабзасӯз,
Эй пойгоҳи реги равон аз паи тамуз,
Эй ҷойгоҳи хармагасу хоришу харош,
Эй сарзамини хоркаши хасфурӯши ман,
Пешониям бихушкад аз ин пешаи ту, кош!

Эй дашти хушки рештар аз гирдбоди хеш,
Эй меҳани парештар аз гардбоди хеш,
Эй хоки хоксор,
Эй хоки хокпош,
Беоб бош, лек
Беобрӯ мабош!
То кай дар офтоби палакмурдаи фалак,
Нопухта ҳандалак,
Полезҳои лалмии ту мешаванд лош?!

*Соли 2004*

# САГАЛҒОВ

Кӯчаҳои кӯдакии ман пур аз саг буд,
Кӯчаҳои кӯдакии ман пур аз сагбоз.
Бонги сагҳои раҳои шаб
То саҳар мегашт дар хобам танинандоз.

Бонги сагҳои раҳои ҳор
Аз миёни кӯчаҳои тор
Нимашаб мекард пешандоз хобамро.
Мегирифт овози ман аз тарс,
Мешунидам сахт чарсочарс
Зарби дандонларзаҳои изтиробамро.

Як назар чашмом шав мезад,
Як нафас мезад дилам тап-тап.
Дар ҳавои соясорони пур аз гап-гап
Мелапид андешаҳои тираам лап-лап.
Бомдодон хоб медидам:
Дар хари гарданшахи суре саворам чап.
Чор пояш чормех, аз ҷо намеҷунбад,
Ҳар қадар мегӯямаш их-их!
Духтари ҳамсоя механдад ба ман пих-пих,
Лек дар пиндоштам мегиряд ӯ фих-фих.

Тӯдаи мардум тамошо дорадам аз дур,
Мекунанд онҳо миёни ҳамдигар миш-миш.
Чун ба сӯи як сагалдак чашмашон дар ман,
Мекунанд онҳо миёни якдигар фиш-фиш.
Хаш-хаши хомӯшии ларзон
Мехарошад пардаи гӯши маро хиш-хиш…

Ногаҳонӣ пири сагбозе сагонашро,
Вой, меандозадам киш-киш!
Мерамад якбора аз ҳав-ҳав хари якрав,
Чор сӯе мезанад силтав,

Чорхезе мезанад беист аз сагдав,
Барҳадар мегӯямаш иш-иш!..

Инак, ин хоби парешамро
Чил сари сол аст, мебинам ба бедорӣ.
То ҳанӯз аз кӯчаҳои кӯчакиҳоям
Мечаканд аз пушти ман сагҳои хунхоре.
То ҳанӯз аз солиён дунболагири ман
Бонги хашмолуди сагбозони сагсоре.
Аз сагалғови ҷаҳон тӯрида метозад
Қисмати ман чун хари шӯридаи зоре…

*Соли 2004*

## МОТАМ

Мотами рӯзи даргузашти падар
Соя афканд дар нигоҳи намаш.
Бар сараш боди сарсар оҳ кашид,
Навдаи бед шуд асои ғамаш.

Ранги ӯ канд рӯ ба рӯи алам,
Дар ҷабинаш дареғ хӯрд гиреҳ.
Дар дилаш гарчи зад фағона фиғон,
Дар гулӯяш чириғ хӯрд гиреҳ.

Натаровид оби дидаи ӯ
Назди мардум аз ин қазову қадар.
Натавонист гиряду нолад
Пушти тобути хоксори падар.

Лек шаб худ ба худ ба танҳоӣ
Сар ба зонуи ғам ниҳоду гирист…
Эй худо, бурдборияш бахшо,
Эй худо, шодмонияш бифирист!

*Соли 2004*

## ЯК ПОРА САФЕДӢ

*Ба ёди устод Мастон Шералӣ*

Бо орзуи роҳи сафедат ба зиндагӣ
Кифти туро ба орд
Модар сафед кард,
Лек аз шаби сиёҳ
Шуд ормони рӯзи сафедат таби сиёҳ,
Охир туро сафедадамон сарсафед кард.

Дар шохсори сабзи баҳори умеди ту
Зоғи сиёҳи шуми хазон пар сафед кард.
Хуршед ҳам накард сиёҳӣ, ки бингарад,
Танҳоият чи сон ба дил ахгар сафед кард.
Якчанд дилсиёҳ сиёҳат намуд агар,
Шеъри тар аз сиёҳнависи алам туро
Як-ду қалам фузуну фаротар сафед кард.

Марги сиёҳи ту
Ногоҳ, оҳ, дар кафани тозаи сухан
Худро ба хок ҳамчу ба оҳар сафед кард.
Дар мотами сафеди ту шоми сиёҳпӯш
Аз гиряҳои шамъи сари гӯр милт-милт
Чодар сафед кард.
Маҳтоб дар алови ғами осмоният
Деги сиёҳи хеш чу хоҳар сафед кард.

Аз соясори лаҳза сафедори ёдгор
Як ларза ёдбуди пур аз ҳасрати туро
Дар бар сафед кард.
Дар роҳи омадат нигарон сӯи бекарон
Даҳлези бози ту
Чашми сиёҳи хеш саросар сафед кард…

Эй мотами кабуди ту бар дӯши осмон,
Хоки ту пок боду равони ту шодмон,
К-аз хонаводаат сияҳиро дар ин миён
Сури наводагони ту дигар сафед кард!

*Соли 2004*

## СОЯДАСТ

*Ба мусаввири мумтоз*
*Юсуф Сангов*

Менигорӣ мӯ ба мӯ бо мӯқалам
Рӯйдоди рӯшаниро рӯ ба рӯ.
Ранг гулбонги раҳоӣ мезанад
Тӯ ба тӯ аз қоби рангин сӯ ба сӯ.

Дар нигоришҳои доғи ташнаат
Мемакад хун аз раги санг офтоб.
Обшор аз хобсори пуштаҳо
Мекушояд боли парвози уқоб.

Роҳи кӯҳ аз лавҳаи ангораат
Меравад берун ба печу тобҳо.
Аз ҳавои рангҳои гарму сард
Мечакад хуршедҳо, маҳтобҳо…

Гар наметобад хасе бе сояаш,
Гар суроб аз соя пайдо мешавад,
Дар назар аз сояи дасти ту маст
Ояи ҳастӣ ҳувайдо мешавад!

*Соли 2004*

## ОҲИ СӮЗОН

Магар, эй дил, дили озурдаи ман,
Дигар ёрои ёриро надорӣ?
Магар дар меҳру кини хеш дигар
Тавони бурдбориро надорӣ?

Магар, эй дил, дили афшурдаи ман,
Дигар як бонг шӯри ту намонда?
Магар дар корзорони баду нек
Дигар як донг зӯри ту намонда?

Магар, эй дил, дили афсурдаи ман,
Намепоӣ ба ҳар бешу кам акнун,
Ки меларзӣ ту аз андӯҳи андак,
Ки метарсӣ ту аз шодии афзун?!

*Соли 2003*

## ОВОРА

Гап зан, эй дӯст, чаро хомӯшӣ?
Гап зан, эй дӯст, чи ҳоле дорӣ?
Аз куҷо омадаӣ саргардон?
Дар сари худ чи хаёле дорӣ?
Дар дили худ чи малоле дорӣ?

Эй бало аз ту дур,
Зиндагони-т ҳамеша ободӣ!
Эй нигоҳи нигаронат пурнур,
Бозувонат пурзӯр,
Мушкилат осон бод!

Бар сари хеш чи рӯзе дорӣ?
Дар дили хеш чи сӯзе дорӣ?
Аз чи дорӣ озор?
Гап зан, эй дӯст, ки дишаб дар хоб
Мегиристӣ ба алам хору зор…

*Соли 2003*

## ХОКИСТАРИ СӮЗОН

Хоки хокистарии меҳани ман
Таҳ ба таҳ, лахча-лахча месӯзад.
Пушта дар пушта аз табу тобаш
Барфу борону яхча месӯзад.

Оҳ, аз оҳи бод дар гирад
Дар ниҳон оташи нуҳуфтаи ӯ.
Бӯи андӯҳи ҷовидон дорад
Дар ҷаҳон оташи шукуфтаи ӯ.

Дар ҳавои даф, аз навои най,
Рӯ ба рӯи ғами фурӯзонаш,
Мардуми побараҳна мерақсад
Сар-сари лахчаҳои сӯзонаш…

*Соли 2002*

## ХОКБОРИШ

Хокбориш, хокбориш, хокбориш,
Чашмҳоям мекунанд аз гард хориш.
Дар нигоҳам зиндагонӣ менамояд
Хокии беобурангу бенигориш.

Метакад домони чанголуди худро
Осмон дар остони кишвари ман.
Боди ғам хоки маро мебезад охир,
Чун кунам, эй хоки дунё бар сари ман?!

Устухонпайванди кӯҳистони дардам,
Ашки сангам метаровад мӯмиёӣ.

Кай шавад бар дидаи торики хуршед
Хоки поки меҳани ман тӯтиёӣ?

Хоксорӣ мекунад шаҳтути хуншор,
Лобаи доғи варо дорад лаби ман.
Сояи дамгири ӯ сӯям дамида,
Оби дам ҳам нашканад акнун таби ман.

Сӯхтор афғон кашад аз сохторам,
Дар бигирам ногаҳон худ аз худ оё?
Оташи поки диламро хокбориш
Мекушад бо хоки худ охир, худоё!

*Соли 2002*

## ТАКДАРАХТ

Сарзамини офтобии маро
Зиндагӣ дар офтоб афкандааст…
Такдарахти ташна аз пиндори хеш
Сояи сӯзон ба об афкандааст.

Ӯ намедонад, ки кайҳо боз об
Гашта дар паҳнои тобистон сароб.
Худ надорад огаҳӣ аз худ дигар,
Монда аз ҳастии ӯ танҳо суроб.

Лек чун дар хоб аз гардун ҳанӯз
Дасти ларзонаш бипалмосад наме.
Дар ниҳон бо панҷаҳои решаам
Ранҷаҳои шохааш печад ҳаме.

Ташнасӯзи офтоби нимарӯз,
Такя дорад соям бар сояаш.

Баста санг андӯҳи сангини ҷаҳон
Ҳамчу санги суфтае дар пояаш.

Чун ба санги хуфтае бар гӯри худ
Монда оби чашми ӯ доғе нишон.
Рӯи санги тафтае дар офтоб
Ашки сӯзонам кашад сӯяш фиғон!

*Соли 2002*

**ОФАРИН**

Эй мардуми сапедадамон, офаринатон!
Аз нав ба роҳи рӯзи умед об мезанед.
Бо ин ҳама шикасти дили лахт-лахти хеш
Ҳаргиз дил аз ҷаҳони пурармон намеканед.

Эй мардуми нажанди ман, эй аз нажоди ғам,
Аз нав ба шодбошии дидори офтоб,
Ҳамчун ба шодмонии рӯзи сафеди хеш
Аз дидагони ташнаатон метаровад об.

Аз пушти зиндагонии худ мурда-мурда боз
Аз пушта мекашед ба раҳ пуштворае.
Ҳаргиз ба рӯзгори гарон тан намедиҳед
Дар орзуи рӯзии як муштворае…

Эй мардуми фигору низор, офаринатон,
Сад офаринатону ҳазор офаринатон!
Дар бомдоди сӯхта ҳатто ба сӯзи хеш
Шукрона мекунад нигаҳи озаринатон!

*Соли 2002*

## ЗИНДАГИНОМА

Сарнавишти ҳазорпораи ман,
Вожаи вожгуни пешонӣ,
Эй нигоринтарин нигориши ғам,
Эй парешонтарин парешонӣ!

Эй дурӯғинтарин фурӯғи умед,
Номаи рози хомаи армон,
Ман ба ҳар гуфтаи нуҳуфтаи ту
Хоҳу нохоҳ мебарам фармон.

Кай зи пешонии дурушти хеш
Пешгӯӣ туро тавон кардан?
Сӯи пешомади худ аз гардун
Саргарон то куҷо ниҳам гардан?

Дорам, эй сарнавишти инсонӣ,
Дар кафи худ сияҳнависи туро.
Оҳ, бо ашки хеш чун шӯям
Вожагонии хушку хиси[1] туро?

Оҳ, чун хушнависи нобино
Дидаи дил ба сӯи обу гил,
Дорамат вожа-вожа покнавис
То дами вопасин ба хуни дил!

*Соли 2002*

## ТАКЯГОҲ

Сӯи оромгоҳи Пири пок
Мардум аз раҳ пиёда меояд.
Бар сар андешаву ба дӯш андӯҳ,
Даст бар дил ниҳода меояд.

---

1. Хис – тар.

Дар сари гӯри хоксори ӯ
Пиру барно дуо ба лаб дорад.
Хоки покаш ба дида молида,
Ҳар кӣ ҳар чӣ аз ӯ талаб дорад.

Як кас аз Пири пок мепурсад
Бо ниёиш ба дарди худ дармон.
Як кас аз Пири пок мехоҳад,
Бахти душвори вай кунад осон.

Як кас аз Пири пок бо уммед
Дар ҷаҳон такягоҳ меҷӯяд…
Оҳ, бепуштбону саргардон
Мардум аз ӯ паноҳ меҷӯяд.

Ғофил аз он, ки бо дили решаш
Буда бечоратар аз онҳо ӯ.
Бо бузургии хеш дар дунё
Буда оворатар аз онҳо ӯ!

*Соли 2000*

## ОЙИНАИ ШИКАСТА

*Ба ёди хоҳари равоншодам*
*ҲАНИФАМОҲ*

Эй хоҳари ғарибы ман, эй меҳрубони дур,
Аз офтоб сӯзи дили худ нуҳуфтаӣ.
Дар пушти хокпуштаи хокистарии Рашт,
Эй хок бар сарам, ки таги хок хуфтаӣ.

Дунё намедиҳад дигар аз дур ҳам нишон
Як барги сабзи чеҳраи сабзинаи туро.
Бишкастаанд бар сари санги мазори ту
Ҳамчун дили шикастаат ойинаи туро.

Ман бо дили аламзадаву чашми намзада
Аз пораҳои ёди ту садпораам дигар.
Дар орзуи рӯи ту бо пушти хамзада
Дар ин ҷаҳони ғамзада овораам дигар.

Эй вой, эй дареғ, ки дар зиндагии хеш
Худро ба посдории андӯҳ хондаӣ.
Ғамкушта гаштаиву дар анбӯҳи кӯҳсор
Як кӯҳи ёдгории андӯҳ мондаӣ.

То рӯзи бозхост кунун ҳарду реш-реш,
То рӯзи боздид кунун ҳарду чок-чок,
Ман доғ-доғ гиряму гирйӣ ту зор-зор,
Ман рӯи хок гиряму гирйӣ ту зери хок...

*Соли 2000*

## ШИГИФТ

Дар шигифтам, дар шигифтам, дар шигифт аз одамизод,
Гӯспандеро намемонад ба марги худ бимирад,
Гӯспандеро кунад қурбонии шодиву андӯҳ,
Гӯспандеро ба пеши пои меҳмон сар бигирад.

Дар гулӯи гови хешу аспи хешу уштури хеш
Низ пеш аз маргашон теғи худоӣ мекашад ӯ.
Дасти сабзи хеш бар дастури сурхи домдорӣ
Мекунад бузғолаву гӯсола парво, то кушад ӯ.

Дар шигифтам, дар шигифтам, дар шигифт аз одамизод,
Аз чунин фарҳанги хунини савоб андар вуболаш.
Ҷонваре бо марги худ мирад, ҳаромаш мешуморад,
Ҷонвареро гар кушад худ, мекунад гӯё ҳалолаш.

*Соли 1999*

## ГАДО

Монда аз ӯ ба раҳи ночорӣ
Зор ду дидаи чор,
Боз ду дасти дароз.
Зиндагӣ аз бари худ зиндаҷудояш карда.

Бахшише аз касу нокас пурсад,
Ҳар кӣ ҳар чӣ диҳадаш,
Рӯзи ӯ рӯзии ӯст,
Рӯзгори пури дархост адояш карда.

Чашми пур аз гила мепесонад
Сӯи дороии кас.
Ёди ёроии дур
Аз фаромӯшии хомӯш садояш карда.

Ҳастии хеш бубахшандаш ҳам,
Мардумиро дили ӯ
Н-оварад ҳеҷ сипос,
Мекунад шукри худое, ки гадояш карда!

*Соли 1999*

## СИТЕЗА

Туро, эй зиндагӣ, ман нағз медидам ба шайдоӣ,
Туро, эй зиндагӣ, ман мепарастидам ба тобу таб.
Туро ман месурудам бо ҳама зеру бами овоз,
Туро ман месутудам бо ниёишҳои зери лаб.

Туро аз хуни гарми хеш меафрӯхтам дар дил,
Туро чун рӯшанӣ мепарваридам дар нигоҳи худ...
Чаро, эй зиндагӣ, акнун ба меҳрам кина меварзӣ?
Намедонам, намедонам, намедонам гуноҳи худ!

Ту бо ангезаҳои тунд мепечӣ ба ҷони ман,
Ту бо андешаҳои талх хобамро бипурконӣ.
Чу оташ медавӣ аз риштаи сӯзони пайвандам,
Ки то дар ман ғами борутии худро битарконӣ.

Намедонам, биранҷам ё наранҷам аз ту ё аз хеш,
Ки зери бори дунё сахту сангин мекунӣ пахшам.
Барои поймоли орзуҳои дилам лекин
Туро, эй зиндагӣ, то зиндаам, ҳаргиз намебахшам!

*Соли 1999*

## ҲУШДОР

Падарам зинда ҳанӯз
Сӯи хоби саҳарам меояд
Аз фаросӯи раҳи бепоён
Ҳамчу аз дурии як р а с т о х е з!

Медиҳад ҳушдорам
Дар баёни баду нек:
– Бош ҳушёр миёни баду нек,
Огаҳ аз суду зиёни баду нек!

Ногаҳ овози азизаш аз хоб
Мекунад бедорам.
Оваҳ, ором намегирад ҳеҷ
Рӯҳи поки падари ғамхорам!

Мекашад таҳ дили ман,
Мезанад чарх сарам,
Дар нигоҳам дунё
Мекунад ҷ а с т о х е з...

*Соли 1999*

## АНГЕЗА

Мекунад ҷону дилам сӯзиш,
Аз ту хоҳам, эй алам, пӯзиш!
Оҳ, андак ҳам надонистам
Зиндагониро ба омӯзиш.

Сояи андӯҳи маҳтобӣ
Ранги шомамро ҳамесояд.
Аз паи ман боди гунги ёд
Барги номамро ҳамехояд.

Чашми ман дар косаи ашкаш
Фол мебинад ба хомӯшӣ.
Хоби ман хамёзаҳояшро
Мекашад сӯи фаромӯшӣ.

Мекушояд тору пуди хеш
Панҷаи андешаи гиҷам.
Пои ман меғеҷад аз ҳастӣ,
Зиндагонӣ мекунад ҳеҷам.

*Соли 1998*

## ТӮРИ ТОРТАН

Мерасад аз кохи меҳан бӯи тунди калламуши дузд,
Мехазад аз боми меҳан сояи калмурғи худхоҳӣ.
Нӯли ӯ олудаи хуни шафақ дар домани гардун,
Лахта дар чанголи сахташ лошаи хуршеди бегоҳӣ.

Дар буни девори меҳан кини каждум хок мелесад,
Аз бари девори меҳан медавад келаски вайронӣ.
Дар хиёбонҳои меҳан сӯи бесӯӣ ба печу тоб
Мевазад андешаи пучи ҳавои пуки ҳайронӣ.

Аз сафедорони меҳан чун сиёҳӣ медиҳад овоз
Пашшаи анбӯҳи андӯҳи парешонии пешомад.
Чун малах дар кишти меҳан офиятро мехӯрад офат,
Мечакад дар хушкасорон оби пешонии пешомад.

Тортан дар хонадони тори мардум тӯр мебофад,
Эй худо, он тору пуди зиндагии содаи мо ку?
Мезанад кирми ҳаромӣ буду нобуди ҳалолиро,
Эй худо, он хоки поки хурраму озодаи мо ку?!

*Соли 1998*

## ЧАКОМАИ ШИКАНҶА

Солҳои сол оби новаи бом
Мечакад оҳиста чак-чак аз баландӣ.
Дар буни девор охир сангро ҳам
Мешикофад андак-андак аз баландӣ.

Мечакад аз халтаи чашмони гардун
Чакраи зардоби турши чаккаи ғам,
Дар замини синаи ман меканад чоҳ,
Мекунад обу гиламро рахна кам-кам.

Солҳои сол так-так метаровад
Тирагӣ сӯи фурӯғи зиндагонӣ.
Мечакад як-як лак андар лак, худоё,
Бар сари гиҷам дурӯғи осмонӣ.

Бар сари сахтам шабони тирарӯзӣ
Гарму сӯзон мечакад ашки ситора.
Ӯ чу заҳри сӯзан андар сӯзи ҷонам
Мекунад дар мағзи ман ҳамвора кора.

Бо ҳазору як гиреҳ занҷири тақдир
Баста ҳастии маро дар кӯҳи андӯҳ.
Бар сарам чун оби ях аз шах паёпай
Мечакад озор аз анбӯҳи андӯҳ.

Устухони торакамро мешикофад
Нам-нами ранҷ аз шиканҷи бостонӣ.
Солҳои сол дар ман меканад ҷон
Қаҳрамони бегуноҳи достонӣ.

*Соли 1998*

## ДОҒИ ДАРЕҒ

Тӯдаи пасти сарзамини баланд,
Тӯдаи бехуди худозадааш
Оташи хашми хешро фиканад
Бар сари сахти шаҳру деҳкадааш.

Меситезад ба донишу ба хирад
Бо камону каманду ханҷари хеш,
Аз гулӯи суханвараш гирад,
Бишканад панҷаи ҳунарвари хеш.

Мекашад мушт сӯи устодаш,
Мекушад пири хешро ба лагад.
Мениҳад бо ҷанозаи фарҳанг
Пири тадбири хешро ба лаҳад.

Во аҷаб, боз солҳои сол
Гӯри ӯро кунад парасторӣ.
Во аҷаб, боз рӯзи сахти хеш
Пурсад аз рӯҳи поки ӯ ёрӣ!

*Соли 1998*

**УМЕД**

То баҳорон зинда бояд монд,
То баҳорон зист бояд, зист...
Дар раҳи кӯри умеди дур
Барфу борон мезанад беист.

Дар нигоҳам аз чароғи боғ
Рӯшании вопасин монда.
Дар дилам аз мурғаки кӯчӣ
Лонаи сарди хасин монда.

Мӯҳри андӯҳ аст дар меҳрам,
Боди сармо кина меварзад.
Дар тани ман ҳамчу танҳоӣ
Беди боронхӯрда меларзад.

Арраи буррои ях сӯям
Мекунад дандони худро гиз,
Ҳалқаҳои солҳоямро
То канад аз кундаи ман тез.

Шохаи шаҳтутии умрам
Бо ҳама шохиву бебаргӣ
Дар раги хуншори худ дорад
Орзуи сабзи бемаргӣ.

Зист бояд, зинда бояд монд
То баҳори дури фаррухзод.
Кош, як бори дигар ҷонам
Гул кунад, пас ҳар чи бодо бод!

*Соли 1997*

**ХОКИ ПОК**

Шаҳри сангу оҳан, эй Кӯлоб,
Шаҳри оҳу шеван, эй Кӯлоб.
Шаҳри хокии пур аз армон,
Шаҳри андӯҳи ман, эй Кӯлоб!

Шаҳри дар дил нолаҳои най,
Шаҳри хунёи «Фалак» дар хун,
Шаҳри сар дар зонувони хеш,
Шаҳри дар андешаи гардун.

Офтоби сӯзаниҳоят
Аз бари деворҳои ту,
Кош, сӯзамро барафрӯзад
Як сари сӯзан барои ту.

Бомдодони туро аз бом
Хаста мехонад хурӯси пир.
Мекунад хуршеди хушхобат
Аз намози бомдодаш дер.

Мерасад бӯи ҳазориспанд
Аз ҳавои хонаи тангат.
Риштаи тӯмор мебандад
Дар сутунҳои ту фарҳангат.

Шонаи дарвозаҳои ту
Мезанад хам аз хами кифтат.
Мепарад чашми шигифти ғам
Аз хами хамёзаи шифтат.

Боғи захмини ту мегирад
Шираи хунини ангурӣ.
Дар раҳи сабзи ту мехушкад
Меваҳои сурхи лангурӣ.[1]

Аз чанорони ту мерезад
Сояҳои зарди пазмонӣ.
Мекашад аз бостон сӯят
Шиҳаи зор аспи хатлонӣ.

Оҳи кӯҳи Хоҷамӯъмин, оҳ,
Гиряи талхи туро дорад.
Оби чашми чашмаи шӯраш
Аз дили фулхи ту мешорад...

Аз ғами ширини деринат,
Зодгоҳи покам, эй Кӯлоб,
Дар бари гӯри падар рӯзе
Мекунӣ дар хокам, эй Кӯлоб!

*Соли 1997*

## БОДИ АФҒОН

Боди афғон, боди хоколуди хокафшон
Мевазад дар пуштаҳои хоксори дашт.
Боди афғон аз миёни шӯраву явшон
Мехазад чун кӯрмори хокхори дашт.

---

1. Лангурӣ – кавар.

Боди афғон аз гули зарди хазони хеш
Оварад бӯи палиди шанбалид аз дур.
Рангҳои сард дар гарди вазони хеш
Менамояд осмони нилгунро бур.

Боди афғон ҳамчу ҷоду медамад бар об,
Мекунад ҳамчун дуои бад ҳаворо чок.
Мекашад ӯ дуди гулханро ба печу тоб,
Оташи вомондаашро мекушад бо хок.

Боди афғон аз паи найранг мехезад,
Хок мепошад ба чашми мардуми хушбин.
Бар сари дарвеши саргум ширк мебезад,
Мекунад андешаи покизааш чиркин.

Боди афғон медиҳад бод аз хами гардун
Ҳамчу коҳи кӯҳна дунёи парешонро.
Аз дами нопоки ӯ гирад дами гардун,
Ҳеҷ парвои хасу кас нест эшонро.

Боди афғон оҳи гул мечинад аз боғам,
Ранги туту токи хоколуда мекоҳад.
Шираи ҷони ман аз мағзи дили доғам
Шири аз гарди ҷаҳон полуда мехоҳад.

Оваҳ, оваҳ! Чун ба роҳи кӯри тӯлонӣ
Хешро дур аз ғубори печу хам гирам?
Оҳ, борон, оҳ, эй борони яздонӣ,
Боди афғонро фурӯ биншон, ки дамгирам!..

*Соли 1997*

## РАНГИ САНГ

Аз бутони Бомиён, аз Сурхбут, аз Хингбут
Кӯҳи сангин мондааст, андӯҳи сангин мондааст.
Аз бутони кӯҳпайкар пайкари решу париш
Лахт-лахту зор аз пайкори нангин мондааст.

Барбарон то бишкананд ойинаи ойини нек,
Санги гардони фалохун сӯяшон афкандаанд.
Бадманишҳо тоҷи заррин бурдаанд аз тахташон,
Бадгуҳарҳо гавҳари чашмонашонро кандаанд.

Бар сари сахти бутон кӯбида путки оҳанӣ,
Домани худро ба хуни санги пок оғуштаанд.
Мӯҳраи фирӯзаи меҳри фурӯзон дода пош,
Чилчароғи рӯшани кеши куҳанро куштаанд.

Лек ранги поки сурху ранги поки хингро
Душманӣ кай бистурад аз ранги андоми ҷаҳон?!
Ҳамчу набзи ҷовидони ранг дар рагҳои санг
Метапад Сурхобу Хингоби дили Боми Ҷаҳон.

*Соли 1997*

## СӮЗИ НИҲОН

*Ба устод Бозор Собир,*
*ки сӯи Амрико кӯч бастааст.*

Туӣ он сӯи дунёву манам ин сӯи дунё,
Туӣ сарсони дунёву манам сарҳӯи дунё.
Аз он рӯву аз ин рӯ, аз дурӯиву дурангӣ
Сияҳ он рӯи дунёву сияҳ ин рӯи дунё!

Туӣ он сӯи дарёву манам ин сӯи дарё,[1]
Ҷудоӣ дар миён бод асту ҳою ҳӯи дарё.
Қафои кӯҳи Қоф оё панохе ҷустаӣ ту
Ба пушти кӯҳаи барҷастае аз тӯи дарё?

1. Дарё – уқёнус.

Ғами дерини меҳанро ба он шаҳри ҷудоӣ
Ба сони баҳраи худ бурдаӣ баҳри ҷудоӣ.
Вале аз ёди марзи ёдгории ниёгон
Надорӣ заҳраи нӯшидани заҳри ҷудоӣ.

Аз он дурии бепоёну беандозаи ту
Наояд сӯям овози ту ҷуз овозаи ту.
Чу аз чашми умеди ман ба роҳи бозгаштат
Таровидаст ашки чашмаки дарвозаи ту.

Ту он ҷову ман ин ҷоем беҷо, ҷои гап нест,
Дили мо лек ҳаргиз аз баду аз нек хап нест.
Ту берун аз ватан, ман дар ватан яксон ғарибем,
Ба мо чизе чунин ҷуз ростии хеш чап нест.

Ту чунӣ бе ҳавои зодбуди хеш акнун?
Чӣ дорӣ ҷуз алам дар шодбуди хеш акнун?
Ба ҷуз армон нишоне аз мани дерин намонда,
Сияҳ пӯшидаам дар ёдбуди хеш акнун.

Ту зору ман низор аз шеваи базмии мастон,
Ба зеру бам нағунҷад шевани меҳанпарастон.
Бурун аз парда бӯи хун кунад хунёи дунё,
Бупечад захма дар захми суруди Тоҷикистон.

Меҳолуд аст меҳан, гардафшон гирдбодаш,
Хазида тирагӣ дар рӯшноии ниҳодаш.
Дареғо, Ховарон хуршеди худ дар Бохтар бохт,
Намози шом дорам ман дуои бомдодаш.

Дигар хокистари хоки Аҷамро бод бӯяд,
Дигар аз киштаҳои талхкомон талха рӯяд.
Дигар Вахши дамон доғи сиёҳи доманашро
Ба рӯи тахтасанги тахтапушти хеш шӯяд...

Туӣ он сӯи дунё зор аз андӯҳи меҳан,
Манам ин сӯи дунё хор аз андӯҳи меҳан.
Худоё, сар занад сӯзи ниҳони мо ягон рӯз
Ба сони оташи зери замин аз кӯҳи меҳан!

*Соли 1996*

## СОЯИ АНДӮҲ

Аз ҷаҳон дилгирам имшаб, сахт дилгирам,
Ҷонсарак аз зиндагӣ, аз ҷони худ серам.
Оҳ, ман дар ормони пири худ пирам,
Кош, имшаб бехабар дар хоби худ мирам!

Лек сӯи чашми раҳпоям намеояд
Хоби саргардони ман аз роҳи дури шаб.
Сояи андӯҳ чун анбӯҳи торикӣ
Мехазад дар рӯи ман аз роҳи кӯри шаб.

Аз сарам гаҳ пашшаи андеша меронам,
Метакам сарсахтии худро гаҳ аз болишт.
Ноаён аз астари бехобии бистар
Мемакад хуни маро шавзоди[1] ёди зишт.

Сурмаи ғам мекашад истораи дурам,
Моҳ мерезад ба гӯшам сурби хомӯшӣ.
Тухм дорад мурғи шаб дар лонаи чашмам,
Дар куҷоӣ, хоби ман, хоби фаромӯшӣ?

Оҳ, фарзандони ман дар хоб мегирянд
Нимашаб аз бими дунёи пур аз пархош.
То набинам рӯзи онҳоро дигар торик,
Барнахезам ҷовидон аз хоби худ, эй кош!

Лек сӯи зиндагониву талоши бахт
Кӯдакони нозанини гармдидорам
Бо садои рӯшани рӯшантар аз хуршед
Бомдодон мекунанд аз хоб бедорам.

*Соли 1996*

1. Шавзод – тахтакана.

## ГАРДИ МИЖГОН

Бод гарди доманашро мефишонад,
Сурфа мегирад гулӯи бедҳоро.
Мекунад нушхор гови шаҳргарде
Баргҳои коғазии зери поро.

Бӯи мурдор ояд аз мурдоби боғе,
Саргарон бӯяд саге саргини худро.
Қози хоколудае хорад ба нӯлаш
Зери болу гардани гаргини худро.

Гурбае дар гӯшаи партовгоҳе
Хешро хеши паланги беша донад.
Пашшае аз лошаи кирме парида,
Хешро аз кеши бозу боша хонад.

Дар танӯри кӯҳнае аз ҳезуми тар
Доғ месӯзад димоғи оташи пок.
Кӯрдуде мехазад чун кӯрморе,
Аз хами девори мардум мехӯрад хок.

Хорад аз нопокии худ дасти дузде,
Дастмузде мерабояд ӯ ниҳонӣ.
Пирамарди жандапӯши боданӯше
Мекунад дашном туф бар зиндагонӣ.

Эй дареғ, акнун чу ангал зери нохун
Дар ҳалолиҳо ҳаромиҳо нуҳуфта.
Дар савобе пардапӯшии вуболе,
Дар сафедиҳо сиёҳиҳост хуфта.

Оҳ, акнун барги гул чиркинтар аз пул,
Рӯзгорон ғаждтар аз рӯзи бозор.
Ҷомаҳо олудатар аз ҷомаи ғук,
Тортан дар хонадонҳо метанад тор.

Дар диёри офтобии ман имрӯз
Офтоби ноб танҳо пок монда.
Аз кадомин навбаҳорон кай расад боз
Муждаи сабзи парастуҳои ронда?!

*Соли 1996*

## ШАҲРИ ДАРЕҒ

Ту, эй шаҳри ҷавонии ман, акнун
На он шаҳри умеду орзуӣ,
На он шаҳри баланди обрӯманд,
На он шаҳри кабуди оби рӯӣ.

На он шаҳри парастуҳои сабзӣ
Ба чашми сабзи бонуи баҳорон.
Набинӣ хобҳои рӯшане шаб,
На рӯзи рӯшане аз рӯзгорон.

Дигар шаҳри сиёҳи шоми хешӣ,
На он шаҳри сафеди бомдодон.
Дигар шаҳри дареғӣ дар дили ман,
На он дунёи ободону шодон.

Чароғони ту шабкӯранд акнун
Ба банди ёдҳои тираву тор.
Даре ҷӯянд аз даргоҳи торик,
Хӯрад пешонии онҳо ба девор.

Чу мурғони хаёли бомҳоят

Парида ногаҳон ҳуш аз сари ту.
Ба сӯи лошаи кафтар чу кафтор
Сагонат рафта аз ёди дари ту.

Дарахтони хазонат жандапӯшанд
Чу бурси латтабандии мазоре.
Ғами танҳоии худ зери гардун
Ба гӯши сояаш гӯяд чаноре.

Дигар Аҳриман аз паҳлӯи мардум
Ба рӯи оби покат мекунад туф.
Равад бар бод то хокистари ту,
Кафе ҷоду ба хокат мекунад пуф.

Барои тангае дар тангсолӣ
Фурӯшад тӯда бому бораи ту.
Чу савдоӣ ба савдо монад акнун
Ғами худ мардуми бечораи ту.

Ба сӯи гавҳари duздии бозор
Дурахшад гавҳари чашми гадоӣ.
Аз ин пас шаҳриёру шаҳрвандат
Наметарсанд аз хашми худоӣ.

Куҷо аз роҳи бозургонии ту
Гурезам ман тиҳипову тиҳидаст?
Ба ҳар кӯят равам, оям ба бозор,
Ба ҳар сӯят равам, оям ба бунбаст!

*Соли 1996*

## БУТИ ВАХШ

Бути поки Вахшо, бубахшо, бубахшо,
Ба чашм озарахшо, бубахшо, бубахшо,
Ки меҳри туро дар дили хеш куштам,
Ба тундар дурахшо, бубахшо, бубахшо!

Туро офаридам ба уммеди зебо,
Чу андеша рангин, чу ҷоду фиребо.
Нафас баркашидӣ нафис аз дили санг,
Ки аз шонаи ту билағжид дебо.

Туро офаридам ба меҳроби кошӣ,
Ки бозофаринандаи ман ту бошӣ.
Туро офарин хондам аз ҷон, ки аз нав
Маро офаринӣ, ба ман бахт пошӣ.

Туро ман сутудам ба садҳо ситоиш,
Туро ман сурудам ба садҳо ниёиш,
Ба он орзуе, ки рӯзи накӯе
Гиреҳи диламро бубахшӣ кушоиш.

Бути поки Вахшо, ба дастури вахшур
Шудам бо ту наздику аз хештан дур.
Худо гуфта худро чунон кардаам гум,
Ки ҷӯям паи худ дигар аз раҳи кӯр...

*Соли 1996*

## ДАР КӮИ КӮДАКӢ

Бо ёдҳои содаи ширини кӯдакӣ
Боз омадам ба кӯчаи дерини кӯдакӣ.
Пайроҳаи ғариб ҳамон буд то ҳанӯз,
Мехонд побараҳнаам аз ҳини кӯдакӣ.

Дигар наменамуд чаноре, ки бар сараш
Пирӣ нишаста буд чу калхоти шалпаре.
Оё чу мурғи шохааш ӯ ҳам паридааст?
Оё шудаст барги кабудаш кабӯтаре?

Дар гашти рӯз такя ба девори худ надошт
Бобои хоркаш, ки миёнаш хамида буд.
Дигар, дареғ, аз сари бесарпаноҳи ӯ
Девори умр сояи худро кашида буд.

Аз кӯдакии ман писаре дар канори ҷӯй
Медод об аспи падарро ба ҳушт-ҳушт.
Мехостам, ки об хӯрад чашми ман, вале
Ӯ рӯи хеш тофта, гардонда буд пушт.

Дар ҷустуҷӯи додараки кӯчагарди худ
Бонги шинос духтараке дошт сӯи ман.
Нури нигоҳи дури вай аз шишаи дилам
Озод мегузашту намедид рӯи ман.

Бо меҳри модарона сари тилти кӯдаке
Бо панҷаҳои нарм зане гарм менавохт.
Акнун маро ба чеҳраи фарзанди дури худ
Бегонавор кӯчаи дерин намешинохт.

Ногаҳ ба сӯям аз дами дарвозаи падар
Бо бонги ношинос саги кӯчаке ҷакид.
Аммо хамӯш монд, чу бӯид ӯ маро,
Афшонд хеш, хашми худ аз пашми худ такид.

Бӯи нуҳуфтаи падарамро зи пайкарам
Дарёфт бо фаросати зотии хештан.
Бишнохт ӯ ба зиракӣ аз кӯи кӯдакӣ
Овози додарони маро дар садои ман.

*Соли 1996*

## НӮЛАИ САГ

Мекашад нӯла саге зортар аз боди парешон имшаб,
Мекунад нола саге хортар аз ёди парешон имшаб.
Медамад нӯлаи ӯ аз дами торикии танги анбӯҳ,
Мерасад нолаи ӯ аз буни девори баланди андӯҳ.

Мекашад нӯла саге бастаи занҷири сиёҳӣ имшаб,
Аз шикасте дили ӯ медиҳад, эй вой, гувоҳӣ имшаб.
Ё замин бонги гарон яксара меафканаду меҷумбад,
Ё ягон кӯҳ фурӯ мераваду сели дамон мехамбад...

Мекашад нӯла саге, мерасад, эй вой, ягон бадбахтӣ
Боз дар кишвари ман, дар ватани сӯхтаи сарсахтӣ.
Мекашад нӯла саге аз ғами ёбоияш имшаб ба алам,
Мекашад зузаи гургона саги кӯчаи торики дилам!

*Соли 1996*

## ЧИЛЧАРОҒИ УМЕД

Шом дар боми осмони сиёҳ
Мокиёни сафеди яккаи моҳ
Чида дони ситорагон бо нӯл
Як-як аз Каҳкашон чу аз таги коҳ.

Гурги бинои шаб варо хӯрда,
Гашта аз устухони ӯ шабкӯр.
Зуза дорад шағоли дузди шамол
Сӯям аз ёдҳои тираи дур.

Бар сарам фоли шум афканда
Сояи боли буми бими шаб.
Кӯдакиям ҳанӯз мебинад
Рӯшаниро ба хоб номи шаб.

Ӯ ба дунёи худ тани танҳо
Меравад рӯ ба рӯи торикӣ.
Чилчароғи ягона метобад
Сӯяш аз чорсӯи торикӣ.

Чилчароғи шукуфтаи рахшон
Кӯдакии маро ба худ хонад.
Рӯшноии дураш аз наздик
Дидагони варо ба худ хонад.

Пайзанон сӯи чилчароғи умед
Кӯдакиям кай аз куҷо донад,
К-ин раҳи бекарона чил сол аст
Чилбуреро ба пои ман монад.

Сӯи афсуни чилчароғи умед
То кунун мехазам шаби торик.
Сад қадам дуртар равад аз ман,
Як қадам гар ба он шавам наздик.

*Соли 1996*

## ТУТИ БАЛХӢ

Эй дарахти падарам,
Ёдгори сари сахти падарам,
Соябони сари ман,
Тути балхии бузург!
Шохаҳои хами дерини туро,
Меваҳои тари ширини туро
Оварам ёд,
Ба чашми тари ман
Медамад ашк ба талхии бузург.

Нарм чун боди баҳор
Сояи сабзи ту буд
Бар сари сабзи ман афшону вазон.
Сахт акнун ба сафедии сарам
Соя афканда сиёҳии хазон.

Зиндагӣ арра кашид
Кунд бар кундаи ту.
Устухонам ба фиғон
Омад аз нолаи афкандаи ту.
Печ дар печ дар обу гили ман
Монд чун решаи реши дили ман
Аз замин решаи баркандаи ту.

Гулхани оҳ шудӣ, шоха кашид
Сӯзи сабзидаат аз буду набуд.
Оташи пок туро аз ту рабуд!
Дуди печидаат омад ба намоз,
Осмон хонд туро сӯи фароз
То фарохои кабуд.

Эй буни қиблагаҳи ман, ту дигар
Дар ҳаво дар нигаҳи ман ту дигар
Навдаи сабзи худ афрохтаӣ.
Бар сари бепанаҳи ман ту дигар
Сояи дасти нигаҳбони падар
Аз қазову қадар андохтаӣ.

*Соли 1996*

## ГАҲВОРАСАНГ

*Ёднома аз гаҳворасанги нигорин,*
*ки паҳлӯи мақбараи порсои бузургвор*
*Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар*
*шаҳри Кӯлоб ба ёдгор монда.*

Модари ман ҳафт чалпак ҳафтае мепухт,
Назди оташдон сипос оварда яздонро.

Аз сарам гардондаву мебурд бахшидан
Дар мазори Ҳазрати Мири Кабир онро.

Хуфта буд гаҳворасанге дар канори боғ,
Бо гули сангии худ дар хоб меболид.
Бо ниёиш модарам аз гирди он мегашт,
Даст сӯяш бурдаву бар дида мемолид.

Бо нигоҳи кӯдакии хеш медидам,
Мефуромад офтоби меҳрубони зард.
Бӯса мезад аз паси шохи баланди сарв
Гарм дар пешонии гаҳворасанги сард.

Баргҳои сояи худро чанори пир
Бар сари гаҳворасанги пок пошида,
Ҳамчу нобино ба нӯги панҷааш мехонд
Номаи дерини дар мармар тарошида.

Наварӯсоне ба оби дидаи уммед
Чеҳраи гаҳворасанги бахт мешустанд.
Аз шикофи зери он мӯре, хасе, чизе...
Муждаи фарзанд аз тақдир меҷустанд.

Модарам мегуфт, боре донаки челон
Дар кафи ӯ аз таги гаҳворасанг омад.
Моҳи сабзи хеш диду доманаш сабзид,
Бахти сабзи ӯ ба дунё шӯху шанг омад.

Чун маро бо чашмҳои худ нишон медод,
Гунаҳоям аз нигоҳи гарм метафсид.
Рӯй мегардондам аз кас сӯи челонзор,
Гӯшҳоям аз алови шарм метафсид.

Лек дар дил фахр мекардам, ки дар олам
Зодаи ихлосу имону дуоям ман.
Донаки сабзидаи челони бахшида,
Як ниҳол аз боғи Пири порсоям ман!

*Соли 1995*

## ДУОИ РӮШНОӢ

*Ба Алиашраф Муҷтаҳиди Шабистарӣ,*
*ки дар оростани ҷашнвораи орифи бузург*
*Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сидқан кӯшида буд.*

Ҷавонмарде, ки дар бунёди поки хеш
Ҷавонмардии пири порсоро дошт,
Ба Хатлон аз паи Мири Кабир омад,
Ба гӯри ӯ намози мардумӣ бигзошт.

Ба сӯи ёди ҷовидон ба зону зад,
Ҷабин сойид бар хоки фаромӯшӣ.
Ниёишҳои дерини ниёгонро
Шунид аз гӯшаи меҳроби хомӯшӣ.

Таровид осмон аз дидагони ӯ,
Лабонаш аз табу тоби дуо ҷӯшид.
Ба каф аз обшори офтоби ноб
Нигоҳи ташнааш оби дуо нӯшид.

Вуҷудаш дар суҷуди зиндагӣ ларзид,
Ба сӯи худ худоро хонд аз гардун.
Ба сӯи сарзамини бепаноҳи зор
Худои ғамзудоро хонд аз гардун.

Дуои рӯшноӣ дар дили гармаш,
Замони тори борониву бӯронӣ
Ба мӯҳри офтоби ҷонамози роз
Ниҳод аз меҳр пешонии нӯронӣ.

*Соли 1995*

## БОЗОРИ ХУРОСОН

Хурӯси бомдод аз боми бозори «Хуросон»
Ба чашми офтоби навдамида мезанад нӯл.
Зани савдогари пир об резад бар сари шир,
Зи гесӯи сафедаш рӯшноӣ мехӯрад гӯл.

Шафақ аз дидагони ташнакоме метаровад,
Сафед аммо барояд тарбузи хушкардаи ӯ.
Дар ин ҷо тарбузи хуршед меафтад зи дасташ,
Таги по мағзи сурхаш пош мегардад ба ҳар сӯ.

Дами дӯкони бозургон чу дар назди бузургон
Харидор аз хари худхоҳии худ мефарояд.
Даҳонаш мекушояд об сӯи баррабирён,
Вале аз нархи он дуд аз димоғаш мебарояд.

Касе бӯ мекашад як дона себ аз дасти бозор,
Касе як дона олу мечашад аз чанги сахташ,
Вале аз меваи ширину талху пухтаву хом
Намебинад касе ҷуз шӯрии ашки дарахташ.

Касе бармекашад бо чашмҳои худ ягон чиз,
Касе бармекашад бо дастҳои худ ягон бор,
Ки мизони фалак ҳам мешавад вайрон ягон рӯз
Аз ин вайронкашиҳои тарозуҳои бозор!

*Соли 1995*

## ГУШНАШИНӢ

Гушнапуште
Аз шикамсерии хеш,
Аз шакамбории беш
Поси овони фаровонӣ н а д о ш т.

Дар миёни тӯдаи майдони доғ
Гушнашинии дурӯғин кард ӯ,
Кард ранги сурхи худро зард ӯ.
Дар гумони пуч бо имони луч
Пуштбони қавми худ худро г у м о ш т.

…Нафс гашт охир даҳояш,
Иштиҳояш аждаҳо.
Аз даҳонаш
Ҳеҷ чиз акнун намеёбад раҳо.
Меҳрро ҳам,
Моҳро ҳам
Мезанад дандон,
Ба дандон меканад.
Осмонро мекашад дам,
Дам ба дам дам мекунад.
Муфт дунёро дар ишкам меҷафад,
То мекафад!…
Лек наҳси гушнашиниҳои майдонии ӯ
Гушна мардумро г у з о ш т !

*Соли 1995*

## ЗИНДА БОШ, ЭЙ ГУРГ!

Зинда бош, эй охирин гурги сара,
Гурги танҳо, гурги пири бефара!
Бод рахшон чашми алмосии ту
Дар шаби тори шикории дара!

Ман туро, эй гург, эй гурги бузург,
Пос медорам, ситоиш мекунам.
Ин замон гӯё туро аз бостон
Чун ниёи худ ниёиш мекунам.

Ашки худро, кош, тӯморам диҳӣ,
То маро аз ҳар бало дорад нигоҳ,
То ки аз дандони кас ҳифзам кунад,
То ки аз гургодамон дорад паноҳ.

Одамӣ ҳар ҷо димоғи иштиҳо
Ҳамчу гурги гушна ҳар сӯ мекунад.
Ӯ кулоҳи баррагини хеш низ
Ҳамчу қурбонии худ бӯ мекунад.

Ҳамсадои гурги шуми тундбод
Нӯла дорад гурги хашми тӯдае.
Дар ҳавои гургумеши рӯзгор
Меҳаросад меши чашми тӯдае.

Дар шигифтам ҳамчу чашми гӯспанд,
Гарчи кас хун аз маки ӯ мемакад,
Лек сӯи пуштаҳо аз пушти ту,
Гурги саргардони ман, саг меҷакад.

Зӯза сӯи модари шаб мекашӣ,
Гургаки кӯрак туро ӯ зода буд.
Пас ба шири рӯшани пистони маҳ
Чашмакони бастаат бикшода буд.

Имшаб акнун чашми дил во кардаӣ,
Сӯи худ ҳис мекунӣ чашми камон.
Сӯи ман ҳам ӯ шабе барқ афканад,
Ал-амон, эй гург, аз гургодамон!

*Соли 1995*

## ФОЛИ СОЛИ МОР

Дар баҳорони гарми соли мор
Зад банохост барфи сармоӣ.
Сахт печид мори соли шум
Бар тани боғҳои гармоӣ.

Шаҳдханди шукуфаҳои шох
Шах шуд аз заҳри мори зарди сол.
Дам кашид эй басо парастуро
Мори печони боди сарди сол!

Сояи марги мурғакони пок
Бар сари сахти Тоҷикистон зад.
Хест дигар аз ин диёр ошӯб,
Рӯй гардонд аз ин диёр эзад.

Ҳафт сол аст, инак аз ин хок
Мерасад бӯи хуни шорида.
Мардуми бепаноҳи он худро
Дар паноҳи худо супорида.

Ҳафт сол аст, аз ғами меҳан
Синаҳои фишурда метарканд.
Аз ягон нохушӣ ба фоли бад
Чашмҳои рамида мепурканд.

Ҳафт сол аст тунду хашмогин
Бар сари меҳр кина метозад,
Тирагӣ сӯи рӯшании пок
Дасти нопоки хеш меёзад.

Ҳафт сол аст, нест осоиш
Дар ягон хонаводаи мардум.
Мефитад боми осмон охир
Рӯи боми кушодаи мардум.

Ҳафт сол аст, ҷанг меҷӯшад...
Аз чунин худкушӣ кӣ медонад,
К-андар ин хок то замони нек
Зинда, эй зиндагӣ, кӣ мемонад?!

*Соли 1995*

## САРМОИ САНГИН

Сояи андӯҳ дар анбӯҳи меҳ зад,
Барф дар андешаҳои сарди деҳ зад.
Роҳро дар гардани кӯҳ чун раги хоб
Панҷаи сармо ба ҷодуе гиреҳ зад.

Нони хуршед аз танӯри сарди гардун
Ҳамчу аз чакдони мардум хом афтод.
Боғ аз бонги сиёҳи зоғ ларзид,
Себи моҳ аз шохи хушки шом афтод.

Аз нигоҳи осиёи бозмонда
Оби чашми чашмаи шӯрида шорид.
Бар сари танҳоии пиронаи деҳ
Чиллабарфи чиллашин бориду борид.

Гурги зишти гушнагӣ аз пушта хамбид,
Меши ланги тангсол аз пушта ҷар шуд.
Гови дӯшоии дунё монд аз шир,
Модагови охирини пода фар[1] шуд.

1. Фар шудан – аз шир мондани модагов. Гови фар – гови қисир.

Рафт охир аз даҳони охури деҳ
Таъми каҳ чун аз лаби хон маззаи нон.
Кӯр шуд чашми чароғи хонаи шаб,
То набинад гушнае чун меканад ҷон.

Рӯзи сангин теғи худро санг сойид,
Мардум охир зад маки гови фари деҳ.
Бо дуо бикшод сархони худой,
То балоро афканад дур аз сари деҳ.

*Соли 1995*

## САВГАНДИ ҶОВИДОН

*Дар пояи пайкараи*
*Абулқосим Фирдавсӣ*

Аз фурӯғи поки яздонӣ дурахшида
Ҷоми Ҷам дар косаи чашмони Фирдавсӣ.
Бар тани ойинаи ойини ҷовидон
Бардамида рӯшании ҷони Фирдавсӣ.

Бо пари Симурғи дил аз сарнавишти дур
Ӯ навишта саргузашти родмардонро.
Раҳ ба раҳ ҷои асо килки расо бар даст
Ӯ наваштa[1] дар замин гардуни гардонро.

Паҳлавиро паҳлавонӣ хонда дар майдон,
Муштҳояшро чу мушти дил гиреҳ карда.
Аз сухан, аз тору пуди печ дар печаш
Бар тани гурдонаи меҳан зиреҳ карда.

1. Наваштан – тай кардан.

Бар забон оварда чун савганди меҳру кин
Дар набарди неку бад номи далеронро.
Бар сухан нерӯи оташро барафзуда
Ҳамчу дар бозуи Рустам зӯри Эронро.

Пайки пайкор аз камоне дар пари пайкон
Аз камине ҷаста сӯи синаи покаш.
Хӯрда ӯ ҳам ханҷаре бар гурда чун гурде,
Хуни сӯҳробӣ чакида аз дили чокаш.

То нагардад поймоли пили маҳмудӣ,
Ӯ паноҳе ҷуста аз ҳампешаву ҳамкеш...
Пуштбони мардуми озода худ акнун,
Пуштбони ҳафт то ҳафтод пушти хеш.

Душманаш бо дасти хунин рӯзи ёди ӯ
Мекунад дар ашки мардум ҷомашӯиҳо,[1]
Лек то фарзонае «Шаҳнома» мехонад,
Хомаашро нест бок аз номашӯиҳо.

*Соли 1994*

## КОМИ ДИЛ

Мизоҷи мо на сард асту на гарм аст,
На хушк асту на тар, не сахту нарм аст.
Тагорӯ пӯсти худ додаем ош,
Ҳама чарби тани мо низ чарм аст.

Ба сони дона аз қисмат бичинем
Барои чинадони мурғи дил рег.
Бисӯзад шавлаи шабмондаи мо
Ба оташдони дунё дар таги дег.

1. Дар рӯзи ёдбуди фавтидагон ҷомашӯӣ вубол аст.

Парад андар гулӯи хушкамон об,
Нафас барпечад аз талвосаи мо.
Дигар кай порсое бо дуое
Дам андозад ба оби косаи мо.

Ба дастурхон нигоҳи кунҷковон
Давон чун нонхӯракҳои рамида.
Ба сони пӯпанак дар мағзи ноне
Хаёли нон ба мағзи мо дамида.

Даме аз оши талхе талхкомем,
Даме аз оши турше туршрӯем,
Даме аз оши шӯре шӯрбахтем,
Даме аз оши тунде тундхӯем...

Вале андешаи парҳезро дил
Чу фикри зиндагӣ аз сар фурида.
Намеояд пашораш андаке ҳам
Ба ҳар оби заку шири бурида.

Занем обе ба нони гарми хуршед
Ба чашмони тари овораи худ.
Ҷаҳон бахше набахшад, ком ҷӯем
Ба дандони ликок аз ворaи худ.

*Соли 1994*

## ДЕВДОР

Девдоре ба девлохи баланд,
Мурғи андешааш ба шохи баланд.
Такя андар асои қомати хеш
Мекунад як дами фарохи баланд.

Сӯи ӯ дар ҷануби серпахол
Мевазад сахт аз шимол шамол.
Мезанад хок аз ҳаво ба сараш
Ҳамчу дар чашми чашмаҳои зулол.

Мерамад бошае чу кабки ҳилол
Дар вай аз нӯлаи шағоли шамол.
Мешавад дар сараш хаёли ҷаҳон
Дарҳаму барҳам аз хаёли шамол.

Сӯи гардун чу пири деҳкада
Даст ёзад шигифту девзада.
Дод аз девбод металабад
Ҳам ба худ, ҳам ба беду бурсу сада...

Лек монанди ёди ғунду пареш
Мевазад тундбоди тунду пареш.
Печ чун девмор мезанад он
Дар тани девдори кунду пареш.

Навдаи ӯ, дареғ, мешиканад,
Аз алам сар ба зер мефиканад.
Решаи хешро ба панҷаи хеш
Балки мехоҳад аз замин биканад!

*Соли 1992*

## БУТИ ФАРХОР

Эй бути пок, эй бути Фархор,[1]
Меҳри ҷовиду ёри ҷовидон,
Аз биҳори[2] ту чун шаман дорам
Дар дили худ баҳори ҷовидон.

То ҳанӯз аз сари ту мегардам
Бо табу тоб дар хаёли дур.
Мекунам дуд чун ҳазориспанд
Зор дар он ҳазор соли дур.

---

1. Фархор – буткадаи бузург.
2. Биҳор – бутхона.

Аз ту андак паноҳ мехоҳам,
К-андарин зиндагӣ чу дар ҳомун
Бар сарам тунд мезанад тундар,
Мекунад сангсорам аз гардун.

Лек мебинамат, ту ҳам чун ман
Бепаноҳӣ ба ранги пуркида.[1]
Чун дили пора-пораи ман низ
Мармари синаи ту таркида.

Чун гули санг барг-барг охир
Сӯи дунё ба гиря механдам.
Сар ба пои ту, эй бути сангин,
Об дар дида санг мебандам!

*Соли 1992*

## ХОБИ МАҲТОБӢ

Дина шаб дар об маҳ дидам,
Дина шаб дар хоб раҳ дидам...
Дина шаб дар хоб дар Кӯлоб
Хешро дар понздаҳ ё шонздаҳ дидам.
Дар таги долонамон хушҳол
Хешро ҳамлонаву ҳамбол
Боз бо мӯсичаҳои бегунаҳ дидам.

Боз ман дар хонаи обод
Ҳеҷ парвое намекардам, ки меафтод
Каҳгили андоваи девор аз ҳар ҷо.
Дар суроби шаҳсутуни росту барҷо
Боз дидори падарро як нигаҳ дидам.

---

1. Пуркидан – паридани ранг, чашм ва ғайра.

Тоқии нақшини гирде бар сари ӯ буд,
Балки бори ними дунё дар сари ӯ буд.
Чун ба рӯи гирдаи гардони ҷуғрофӣ
Нақшаи ними Замин дар ин кулаҳ дидам.

Ман ҳанӯз осуда паҳлӯи падар будам,
Орзуяш аз қазову аз қадар будам.
Ӯ бароям хонаи нав сохтан мехост,
Ӯ гилеми нав дар он андохтан мехост...
Ҷомаи домодии он гаҳ кушодамро
Дар таги сандуқ таҳ дидам.

Ман ҳанӯз огаҳ набудам, к-андар ин дунё
Марг омурзиш намедонад,
Ҷовидон як фард ҳам фардо намемонад,
Гарчи лол андӯҳи пириро
Дар ғанавҳои саги дар пойгаҳ дидам.

Дина шаб армони ман дар хоб меболид,
Акси ман дар об меболид,
Ҳамчу дар ойина механдид,
Шонаханд аз сина механдид.
Бехабар буд аз дили зорам, ки менолид,
Чашмҳоям об меполид,
Гунаҳоям ашк дар болишт мемолид...

Хешро ҳайрон саҳар дар ҷойгаҳ дидам.
Боз як рӯзи сафедамро сияҳ дидам,
Боз худро бепадар бесарпанаҳ дидам.
Дар буни девор заҳ дидам...

*Соли 1992*

## ОБХЕЗ

Дамон дарёи пуршӯри замон аст,
Ситезаш, обхезаш беамон аст.
Чу бонги бимноки сел аз кӯҳ
Ғиреви он ба гӯши одамон аст.

Пулеро афканад аз дӯш бо ҷӯш,
Барандозад ба туғён хонаеро.
Ба поёбаш кашад аз пои роҳе,
Ба гирдобаш кушад фарзонаеро.

Вале беҳуда бо гӯле ба ошӯб
Кунад зӯрозмоиву кашокаш,
Ки ӯ дорад шино бе ҳеҷ осеб
Кадуи каллаи худ дар таги каш.

*Соли 1992*

## ГОВЕ ДАР ГОВГУН

Гове андар говгун[1] аз пода пас монда,
Дар хаёлаш кавшае аз хору хас монда.
Дар гулӯи гови лоғар ҷоғар овезон,
Подароҳи зиндагонӣ хокаш афшонда.

То ки эмин бошад аз чашми бади дунё,
Мӯҳраи чашмӣ ба сар аз чашми худ дорад.
Мегазад андешааш чун кайк аз пушташ,
Пӯстини кӯҳнае аз пашми худ дорад.

Менамояд подачар чун дар хаёли дур,
Кӯҳи сангинро забони бод мелесад.
Коми талхи гов ширин мекушояд об,
Гӯиё санги намак дар ёд мелесад.

---

1. Говгун – говгум.

Сӯи шаб аз говгуни рӯзгори хеш
Гови мардум меравад саргаштаву саргум,
Морпечи роҳи худро мезанад бо сум,
Пашшаи андӯҳи худро мезанад бо дум.

Ногаҳон овои шуми гург меояд,
Мерамад ӯ, мегурезад шири пистонаш,
Тарс каҳ пур мекунад дар пӯсташ гӯё,
Ҷо ба ҷо шах мешавад, раг мекашад ронаш.

Медурахшад чашми гурги гушнапушти шаб,
Мекунад дандон ба сӯяш тез бо разме.
Шохи кунди гов охир зор мемонад
Аз сараш чун шохҷоми монда аз базме.

*Соли 1992*

## БОЗХЕЗ

Ногаҳон барканд дарёи замон сарбанди худро,
Ногаҳон баргашт дар маҷрои пешинаш дубора.
Ғел зад аз пуштаҳо бар киштаҳои сабзи мардум,
Сел зад шудгорашонро аз канора то канора.

Деҳ паи деҳ дар таги хезоби дарёи замон монд,
Хонумони ишқро тезоби дарёи замон бурд.
Нолаи бетоби кас ғарқид дар фарёди селоб,
Оби чашмони маро низ оби дарёи замон бурд.

Зиндагонӣ боз аз маҷрои деринаш гузар кард,
Хонавайронӣ бимонд аз хонаободии мардум.
Зиндагонӣ боз дар гирдоби тӯфони худ афканд
Бандагонашро ба номи сурхи «Озодии мардум»!

*Соли 1991*

## АНДЕША

Дар сарам андешаҳо чун селаи занбӯри ёбоӣ,
Мехӯранд аз чашмҳоям шираи ангури ёбоӣ.
Оташафшон дар дилам ёде чу тафбоде ба гандумзор,
Дуд андозад маро чун ошёни мӯри ёбоӣ.

Чун ниҳоле аз шамоле, аз хаёле сахт меларзам,
Бишканад як шоха дар боғи дилам, як шоха гул резад.
Офарини арғувон, то нашканад аз бори барфи кӯҳ,
Хам шавад сӯе ба сармо, сӯи гармо боз бархезад.

Бар сарам ғавғои дунё шохборони баҳорон аст,
Барканад аз синаи ман варғи толобе чу селобе.
Ғарқ дар хезоби дарёи дили худ мешавам охир
Ҳамчу дар амвоҷи селобе ба сони санги ғелобе.

Хондаам бо чашми нам аз оби чашми халқи кӯҳистон:
Сел агар дар тангное дам хӯрад, пурзӯр хоҳад шуд.
Гар набандӣ пеши роҳаш, бигзарад аз хеш пешопеш,
Аз паси худ зуд мехушкад, балояш дур хоҳад шуд.

Лек як дам аз дами сели дамони дил амоне ку?
Саркаш аз анбӯҳи беандеша оям, сархуш аз андӯҳ.
Зиндагӣ дар селаи андешаам чун сел мепечад,
Порае аз рӯҳи ман бармеканад чун хорае аз кӯҳ.

Ҳар нафас мекоҳаму кам мешавам дар хештан лахте,
Чакраи хуне, нигоҳе, орзуе, хандае, оҳе...
Охир аз ҳастии ман як тиккаи андеша хоҳад монд
Дар ҳавои офтобӣ ҳамчу аз кӯҳе пари коҳе.

*Соли 1991*

## ДОҒИ ВАТАН

Мешавад пора-пора марзи ватан
Чун дилу ҷони пора-пораи ман.
Мешавад пора-пора аз ҷанҷол
Чун гиребони пора-пораи ман.

Серғавғову сериғво шуд
Дар ватан рӯзгори ноҳинҷор.
Мекашад кас ба сӯи кас ханҷар,
Мезанад кас ба рӯи кас ханҷор.

Дар миёни набардҳо имрӯз
Захми гарме ба сина, хун дар чашм,
Дардро ҳис намекунад мардум,
Дардро ҳис намекунад аз хашм.

Захми носур мешавад фардо
Ин ҳама захми тоза дар ҳама тан.
Об гирад, варам кунад, сӯзад
Дилу ҷонро ба сони доғи ватан.

*Соли 1991*

## РӮ БА МЕҲРОБ

Парвардигоро, бахшой моро,
Бахшой моро, парвардигоро!..
Хоки ватан хун ошомад акнун
Куштаст мардум дар худ худоро.

Дар остоне хуне чакида,
Дар остине хуне шакида.
Аз чаккаҳои меҳан чу рагзан
Ҳар тан ба нохун хуне макида.

Аз роҳи заллат мардум ба зиллат,
Дар сина кина, дар дида иллат.
Хоки Қаробоғ хокистари доғ,
Андар шабохун миллат ба миллат.

Мепечад оташ дар хонае боз,
Оташ бигирад Фарғонае боз.
Ёрон кафанпӯш дар домани Ӯш,
Андозад иғво бегонае боз.

Аз дарди кишвар коҳад гурӯҳе,
Фарде ба минбар дорад шукӯҳе.
Аз пои шумаш ларзида марзе,
Аз афти шумаш афтода кӯҳе.

Дорад ҷилое тоси сари ӯ,
Доғи балое моси сари ӯ.
Бо хуни дандон туф карда шайтон
Гӯё ба тоси коси сари ӯ.

Меҳан такида сархони бенон,
Саросиёҳо истода бедон.
Бе доси мардум вомонда гандум
Дар дашти Қипчоқ, дар истапи Дон.

Деҳқон надорад парвои кишта,
Зеро биҳиште аз дил биҳишта.
Сармаст ҳар сӯ дорад ҳаёҳӯ,
Гӯё ки лишта хуни фаришта.

Ҳар банда бандӣ чун бардаи кон,
Ҷӯяд раҳоӣ чун аз тане ҷон.
Чун мехкӯби девори зиндон
Ӯ мехи чӯбе гирад ба дандон.

Дар хоби афсун мардум фитода,

Аммо ду чашми лолаш кушода.
Аз хоби бисмил дар роҳи ботил
Чун хобгарде гоме ниҳода.

Бас фолбине фоле кушояд,
Ку ҳолбине, фардо намояд!
Яздон, биёмурз моро, ки меҳан
Дар пойкӯби мардум напояд.

*Соли 1991*

## ГУЛХАНИ НАВРӮЗӢ

Эй гулхани наврӯзӣ,
Эй оташи пок,
Сӯи ту сипос орам
Аз домани хок.

Аз оташи поки хеш бахше бахшо,
Дар чашми сиёҳи ман дурахше бахшо.
Абрӯи сиёҳи абри найсон пурчин,
Дар сӯзи нигоҳам озарахше бахшо.

Эй гулхани наврӯзӣ,
Эй оташи пок,
Дар гирди ту мегардам
Бо синаи чок.

Чун боди сабо хаёли ман саргардон,
Озори маро бигиру озар гардон.
Дар сӯзи дилам обу гилам месӯзад,
Мурғи дили ман мурғи Самандар гардон.

Эй гулхани наврӯзӣ,
Эй оташи пок,
Аз тоби ту мепечам
Чун навдаи ток.

Аз партави худ ишқи худоӣ бирасон,
Дунёи маро ба рӯшноӣ бирасон.
Чун оташи Зардушт гуноҳамро сӯз,
Аз Порс маро ба порсоӣ бирасон!

*Соли 1991*

## АНДӮҲИ ГУГУШ

Овози ту, эй Гугуш, гирён ояд,
Аз роҳи кавири синабирён ояд.
Гулбонги даройи корвоне гӯё
Аз ҳар қадами қадими Эрон ояд.

Овози ту чун хотираи ошуфта,
Рози ту чу доғи бӯса дар лаб хуфта.
Ҳамчун кавар аз кавир сурхи рӯшан
Хуни дили ту чакидаву бишкуфта.

Дар сояи абри гузаронӣ роҳӣ,
Аз боли Ҳумо бахти ҳумоюн хоҳӣ.
Овоз диҳӣ ташна ба дашти сӯзон:
– Обе, обе! Кучост чоҳе, чоҳе?

Овоз кашӣ ба чарс-чарси ангушт,
Аз пушти сароб хуш равӣ бо арғушт.
Хуршед ба дашти дур дар шоми кӯр
Ғелад чу дафи фитодаи ту аз мушт.

Овози ту аз тобу таби танҳоӣ
Якбора шавад оҳи шаби танҳоӣ.
Андӯҳи ту чун сиришки сӯзон шорад
Аз чашми тари моҳи шаби танҳоӣ.

*Соли 1991*

## ХОНАИ БОҚӢ РАҲИМЗОДА

Дар пеши дари кушодаи ту
Аз хонаву хонаводаи ту,
Устод, туро садо кунад боз
Шогирди ҳанӯз содаи ту.

Афсӯс, дигар наменамоӣ
Дидори азизу ошноe.
Аз чеҳраи рӯшани ту монда
Дар хонаи тор рӯшноӣ.

Девори ту боз ҳам сафед аст,
Даргоҳи ту хонаи умед аст.
Иншои ту чун ба сарнавиштам
Аз ҳарфи навиштаам падид аст.

Айвони ту боз ҳам кушода,
Сархони ту боз ҳам кушода.
Қандили ту нурбор то ҳол,
Меҳмони ту боз ҳам зиёда.

Бе пир ҷаҳон ба мо напирад,
Андарзи ту чун дуо намирад.
Аз хони ту бе ту гар хӯрам нон,
Чун гиря гулӯи ман бигирад.

*Соли 1990*

## САМАНДИ МАЙДОН

Ба замин рӯй ниҳам,
Ба замин гӯш диҳам,
Бишнавам зарби суматро аз дур,
Шиҳаи боаламатро аз дур,
Эй саманди майдон!
Медавӣ пеш пареш,
Мезанӣ хез чу аз мурдаи хеш,
Ҷаста аз банди каманди майдон.

Оташи ҷанг ба ёд,
Мевазӣ тунд ба монанди шамол.
Дар сари зини ту зор
Афсари захмии сурх аст кашол,
Дар узангӯ пояш,
Дода аз даст лаҷом
Дар раҳи беанҷом.

Медавӣ, то ки наҷоташ бахшӣ,
Медавӣ, то ки ҳаёташ бахшӣ.
Медавӣ сол ба сол,
Медавӣ дур ба майдони хаёл,
Бингарам сӯи ту лол...

Оҳ, эй бехабар аз нақши азал,
Медавӣ сӯи аҷал.
Охир ой бо шаст
Сӯи соли шастум,[1]
Шаҳсувори ту миёни мардум
Мезанад тир ба пешонаи ту,
Бишканад шонаи ту.

*Соли 1990*

## ГӮРИ ДУРӮҒИН

Дар раҳи фардои фирӯзи дурӯғин
Қаҳрамони зиндаи пайкори дирӯзи дурӯғин
Дар сари гӯри ҷудое,
Дар сари гӯри дурӯғини фидой
Мекашад оҳи ҷигарсӯзи дурӯғин.
Ҳамчу дар оромгоҳи худ шаҳиди зинда ғамнок
Мекунад ашки дурӯғинро ба нӯги остин пок,
Мекунад аз пилки чашми хеш чирки ростин пок.

---

1. Ишора ба он замон, ки бо фармони ҳукумат дар кишвари шӯравӣ саршумори бузурги чорвои хонагӣ, аз ҷумла асп зӯран нест карда шуда буд.

Доди дар ҳаштод дорад,
Аз ҷавонию ҷавонмарди набарде ёд дорад.
Дар сари ин гӯри обод
Инқилоби мардуми вайронаҳоро ёд орад.
Гул ба гӯри кӯҳнаи сарбози дунёи нави худ
Бо сари хам, бо сипосе мегузорад.

Лек гӯри ростини қаҳрамони инқилобӣ
Нест дар ин сарзамини офтобӣ,
Хуфта дар як гӯшаи сарди Сибир ӯ ҷовидонӣ,
Дар мазораш не салибе, не нишоне...

Бар сари гӯри дурӯғини фидоӣ
Қаҳрамони зинда ояд сер аз оши худоӣ,
То ба ёд орад рафиқи хеш хомӯш.
Лек ӯ гӯри падарро
Карда аз хотир фаромӯш.

*Соли 1990*

## КУНДАИ ҚАССОБ

Ҳарфҳои лавҳаи дӯкони қассобӣ харошида,
Пушти девораш саге як пой боло карда шошида.
Тахта урёну намак дар кундаи қассоб пошида,
Говзанбӯрон ба гирди каллаи гови тарошида.

Моҳиёни шӯр дар болои раф зеру забар монда,
Дар тарозу доғи хуну дар сутун реши табар монда.
Думбаву рону ҷигар савдо ба як сӯи дигар рафта,
Интизори гӯшт мардум назди дӯкон бехабар монда.

Бо умеди устухони шӯрбоӣ пири бедандон
Пӯст асту устухон чун бандии деринаи зиндон.
Сӯи ӯ қассоби гарданғавси кунди кундамонанде
Бингарад аз гӯшаи дӯкони худ то гӯши худ хандон.

Мерасад қаҳтӣ зи бозиҳои чашми гушнаи қаллоб,
Рӯзгори ҳамчу бозор аст акнун рӯзии ҷаллоб.
Ин замон ҳамчун сари осӣ ба рӯи кундаи ҷаллод
Зиндагӣ гӯё сари моро ниҳад дар кундаи қассоб.

*Соли 1990*

## ГАРДУНИ ГАРДОН

Кадхудое аз ҳавои бозсозӣ шуд ҳавоӣ,
Кард вайрон хонаи ободи бобоии худро,
То ба ҷои он ниҳад бунёди кохи бошукӯҳе,
То бисозад аз дигар бунёди ёбоии худро.

Хонаи дерини пур аз ёдҳои талху ширин
Аз ниёгону ниёишҳояшон дар дил нишон дошт.
Канд болори варо, афканд девори варо зуд,
Шифтро аз кифти худ андохт сӯе ӯ ба пиндошт.

Устувор истода буд ин хона дар таҳдоби сангин,
Аз заминҷунбии сахти кӯҳсорон ҳам наафтод.
Лек охир аз такони ногаҳонии замон гашт,
Боми ҳамвораш фурӯ рафту ғубораш рафт бар бод!..

Кадхудои пушт дар девори синҷ осудаю тинҷ
Хонаи ободи бобоии худро кард вайрон,
Лек натвонист пӯшад боми нав, боми баланде,
Бо сари гардон ба зери боми гардун монд ҳайрон.

*Соли 1990*

## ЗАРГАРИ БЕЗАР

Заргари безар ба печу тоби симоб
Хешро дар оташи дил мекунад об.
То ки созад зеваре, бечора ночор
Мегудозад мис ба монанди зари ноб.

Резад ӯ ангуштариву дастпона,
Бо ҳунар меофарад аз мис фасона.
Лек эҷодаш ягон арзиш надорад
Дар ягон бозор дар чашми замона.

Хаста ангуштонаш аз ранҷи дучандон,
Лек чашмонаш баумmedанду хандон.
Ҳар саҳар хуршедро чун сиккаи зар
Дар хаёли рӯшанаш санҷад ба дандон.

*Соли 1989*

## ТАМОШО

Дорбози пир аз дори баланд,
Бо ду чашми баста аз тори баланд,
Ҳамчу аз тори асаб пай мезанад,
Ҷон ба каф, вирде ба лаб пай мезанад.

Меравад фарзанди худ бар дӯши хеш,
Мебарад дилбанди худ дар ҳӯши хеш.
Чӯбдасташро тарозӯ мекунад,
Дар расан бозӣ ба бозу мекунад.

Бо каманди ҷонраҳоӣ аз камар
Не падар бастаст худро, не писар.
Гар нагун оянд аз дори баланд,
Ҳарду ҳам бо хок яксон мешаванд.

Сӯи ин эъҷоз мардум бингарад,
Бо даҳони боз мардум бингарад.
Аз ҳароси ҷони онҳо ҳеҷ кас
Ин замон гӯё намегирад нафас.

Лек аз роҳи ҳаёти худ равон
Бо умеди якдигар пиру ҷавон.
Бо замину осмон дар ресмон
Нест пайванде ба ҷуз пайвандашон.

Аз набарди бенишони зиндагӣ,
Саркашону ҷонфишони зиндагӣ,
Дар таноби дор гӯё ин замон
Ҳарду як тиранд дар зеҳи камон.

*Соли 1989*

## КАЛАНДИ БОБОӢ

Эй каланд, эй каланди бобоӣ,
Дар замини баланди бобоӣ
То ҳанӯз аз дами ту менӯшам
Об чун аз сароби ёбоӣ.

Дар сарам гарди ёди саргардон,
Бар сарам гирдбоди саргардон.
Сӯи гардун кашидаам гардан
Дар ҳавои кушоди саргардон.

Дер аз дур, аз азал гӯӣ
Ташнаҷон бо ту меканам ҷӯе.
Мебарам оби чашмаҳои кӯҳ
Ҳамчу дар чашмҳои худ сӯе.

Ҳамчу аз роҳи сарнавишти хеш
Оварам об сӯи кишти хеш.
Об дар чашму обила дар каф,
Меҷафам гӯиё сиришти хеш.

Дасти ман дастаи туро сояд,
Хок дар ҷонам об бикшояд.
Гар ба санге хӯрад дами тезат,
Оташ аз устухони ман ояд.

Дар ту бозуи зӯрманди ман,
Дар ту зонуи зӯрванди ман.
Чун кишоварз бар асои пир
Мекунам такяат, каланди ман!

Даст бар дастаат дурушту тунд
Мекунам обу хоки худро ғунд.
Лек дар панҷаҳои ман, ҳайҳот,
Мешавад ҳисси хушнависӣ кунд!

*Соли 1989*

## КӮЧИ ЯҒНОБ

Сӯи диёри дур
Сӯи замини шӯр
Кӯчонданам ба зӯр.[1]
Яғноби ман чу хонаи партоби ман тиҳӣ
Дар пушти ағбаҳои баланди Ҳисор монд.
Чун ошёни кӯҳнаи Симурғ зор монд.
Дар кӯҳсори дур чу як ёдгори дур
Аз бахти сабзи ман
Бурси мазор монд.
Аз зодбуди хеш чу аз ёдбуди хеш
Кардам фирор бо дили аз ғусса чок-чок.
Дар косаҳои чашми худ аз чашмаҳои пок
Овардам об сӯи биёбони тобнок.

---

1. Солҳои шастум мардуми кӯҳистони Яғноб – бозмондагони Суғди бостониро ба дашти хушк иҷборан барои пахтакорӣ кӯчонда буданд.

Якбора пахтакор шудам дар хаёли ном,
Деҳқони пухтакор шудам дар хаёли хом.
Аз буду аз набуд ба каф ҳар чи доштам,
Бо пунбадонааш
Дар хок коштам.
    То аз замини хушки куҳан пунба неш зад,
    Хори ҳазорсолаи гармо ба ҷони ман
    Чун ғунда неш зад.
    То шӯрахоки аз намаки захми худ сафед
    Аз пахта шуд сафед,
    Аз бахти шӯри ман ба дилам шӯра реш зад.
Чун оҳани сипор ба зангори зиндагӣ
Сабзид оҳани танам аз кишти бандагӣ.
Чун гарди рӯи деҳи дами боди заҳрбор
Доруи пахтазор ба мижгони ман нишаст,
Поруи пахтазор ба домони ман нишаст.
Дар осмони дашт
Тайёраи «Ҷуворияк»-и дӯст гирд гашт.
Заҳроби «дуст»-ро
Ҳамчун ба кирми пахта ба рӯям зада гузашт.
    Печид ногаҳон нафасам дар гулӯи ман,
    Дамгир шуд хаёли ману орзуи ман.
    Чун аз дами хазон
    Гирад дами дарахт,
    Дар ман буни сада
    Дур аз ҳавои ҷашни пур аз гулхани Сада,
    Эй вой, шуд карахт.
Чун аз забони оташи Зардушти меҳрабон
Бе Суғди бостонии худ мондам аз забон.
Чун аз забони содаи яғнобии куҳан,
Чун аз забони ноби аҳуроии ватан
Мондам ман аз сухан.
    Дигар дар ин ҷаҳон
    Чун лолаҳои лол бисӯзам ба хештан.
    Хуршеди зард сард кунун дар нигоҳи ман,
    Чун дуд сӯи дудаам оҳиста мехазад
    Аз пахтаи сафед
    Бахти сиёҳи ман...

Аммо ба ин ҳама
Ранҷу шиканҷи хешу дилу ҷони ланҷи хеш
Ҳамчун ба мурданам
Бовар намекунам.
Гӯё ман ин замон
Дар хоби нохушам,
Дар хоби нохушам ҳама ин ранҷ мекашам.
Гӯё ба нимашаб
Табларзае ба пайкараму ҳарзае ба лаб
Хоҳам, ки боз чашм кушоям ба зистан,
Аммо наметавонам аз ин хоб хестан!

*Соли 1989*

## СОЯБОН

*Мардумони ҷаҳон аз дарахтон тимсоли худро доранд. Аз ҷумла, тӯсро русҳо, хурморо арабҳо, зайтунро румиён, булутро чиниён тимсоли миллии худ донистаанд. Чинор рамзи тоҷикон аст.*

Шаҳчинор, эй соябони мардуми бесоябон,
Эй дарахти меҳрубон, эй ҳамзабони безабон.
Ниманонам дар миёнам, нимаҷон дар нимароҳ
Аз ту мепурсам дуову аз ту мехоҳам паноҳ.

Мӯри кӯри доғи гармо мехазад дар пӯстам,
Ҳамчу мӯри пӯстлохат мегазад дар пӯстам.
Оҳ, монанди ту дар марзе, ки месӯзад гиёҳ,
Аз сафедии тани худ пӯст андозам сиёҳ.

Аз хами гардун туро дар тан ҳазору як гиреҳ,
Мезанад қисмат чунин дар ман ҳазору як гиреҳ.
Устухонҳоям тиҳӣ чун кундаи ковоки ту,
Мехӯрам худро худ аз андешаи ғамноки ту.

Сояҳо дар сояат, эй шаҳчинори союбон,
Сояҳои порсоёне, ки панде дар лабон
Як замон дар сояат оши худоӣ хӯрдаанд,
Оқибат аз сояат тобуташонро бурдаанд.

Сояи хоби гарон дар пояат хонад маро,
Сояи пирони пок аз сояат ронад маро,
То ба роҳи хеш хезам дар раҳи кӯри азоб,
То гуноҳи хеш резам дар раҳи дури савоб.

Панҷаи барги туро тӯмор гирам дар барам,
То наояд панҷаи марги муфоҷо бар сарам.
Аз ту мепурсам дуову меравам доманкашон,
Аз пасам дасте фишон дар роҳи дури бенишон.

*Соли 1989*

## ГУРГИ ПОЛОНДИДА

Гурги танҳои шаби танҳоии ман,
Гурги полондидаи[1] дашту даманҳо.
То саҳар пай мезанӣ чун аз паи худ
Дар фарохои тиҳӣ танҳои танҳо.

Меравӣ аз ғору ҷар бо линги лангон,
Мехазӣ аз пушта чун аз пушти худ дур.
Ҳамчу оташ аз буни найзори торик
Медурахшад чашми тезат аз шаби кӯр.

Гурги захмин, гурги аз полон раҳида
Мезанӣ худро ба ҳар сӯ зору нолон.
Мечакад хун чакра-чакра аз паи ту,
Аз паи дандони пӯлодии полон.

Чун ба доми оҳанин пои ту дармонд,
Чун саропои туро ларзонд дарде,

1. Полон – дом, банд.

Хашмгин хойида пои худ ба дандон,
Хешро аз чанги марг озод кардӣ.

Нимаҷон дар нимароҳи нимаи шаб
Бо забон лесида захми тозаи хеш,
Хуни худро мемакӣ, эй ташнаи хун,
Хуни худро мемакиву меравӣ пеш.

Инчунин аз захми хуншори дили худ
Дар талоши зиндагӣ хун мехӯрам ман.
Зиндаи худро ба дӯши худ кашида
Бо маҷоли охирин раҳ мебарам ман.

*Соли 1988*

## САГИ БУР

Эй саги кӯдакии ман, эй Бур,
То кунун ёдат оварам ноҷур.
Нӯлаат ҳамчу нола бар гӯшам
Ояд аз хонаи падар, аз дур.

Эй саги хонабон, саги зотӣ,
Зии дарвоза зистгоҳат буд.
Сӯи пайроҳа гӯшҳоят сих,
Тез ҳамчун алав нигоҳат буд.

Мекашидӣ дароз дар погаҳ
Хоҳу нохоҳ роҳ пойида.
Аз даҳони ту бар замин ногаҳ
Мефитод устухони хойида.

Каллаҷумбону думликон аз дур
Медавидӣ ба хезу пар сӯям.
Мешакидӣ ба пои ман гардан,
Мекашидӣ зи ҳар тараф бӯям.

Баччаи раҳгузар наметарсид
Аз ту, эй дӯст, эй саги хӯгир.
Аз паи кӯдакии ман ҳар сӯ
Мегирифтӣ пай, эй саги бӯгир!

Бо ҳам аз пушти пода мерафтем
Дар раҳи серхок то пушта.
Нони ширини пода мехӯрдем
Ҳарду дар чанги пода оғушта.

Дард мекард агар сарам як дам,
Чарх мезад агар сарам як он.
Эм мекард ҳамчу аз саглес
Зуд момои ман маро бо нон.

Нон ба гирди сарам ҳамегардонд,
Зери лаб ӯ ягон дуо хонда.
«Дардакат бигзарад ба саг»-гӯён
Бар ту медод нони гардонда.

Ҳар балое ба сӯи мо ояд,
Мегирифтӣ ба ҷони худ гӯё.
Бо ҳамин раҳ, саги балогирам,
Доштӣ поси нони худ гӯё.

Субҳ момои ман туро мехонд
Аз ягон кунҷи кӯча бо фарёд.
Аз лаби хон туро лаби ноне
Аз ҳақи ношитои худ медод.

Баркашидӣ шабонгаҳе нӯла,
Эй саги неки ман, ба фоли бад,
Ҳамчу пеш аз такони сахти замин,
Ҳамчу пеш аз ягон шамоли бад.

Рӯзи дигар гузашт аз дунё
Оҳ, момои меҳрубони ман!
Чашмҳои ту ҳам нам аз ғам шуд,
Ҷонвари лоли безабони ман!

Пас дар андӯҳи сахти момоям
Хушку лоғар шудӣ ба сӯзу гудоз.
Нон зи дасти касе намехӯрдӣ
Гушнаву ташна рӯзҳои дароз.

Меҷакидӣ ба гурги шаб ҳар шаб,
Хуфта дар рӯи хоку хокистар.
То пагоҳӣ нигоҳбон будӣ
Хоби моро ба болишу бистар.

Лаб-лаби бому сар-сари девор,
Руст-рустӣ ба дидаи носер,
Гурбаи зарди дузд меомад
Сӯи долони мо ба бӯи шир.

Талхакаф мегурехт, агар сӯяш
Медавидӣ ба хашм, бо ҳаф-ҳаф.
Ҳамчу кафки даҳони ту мерехт
Аз лаби хурма шири пур аз хаф.

Гурба дар тори бом меларзид,
Меҷаҳидӣ ба сӯи ӯ аз таг.
Мепарид аз ду дидаат оташ,
Гург будӣ ту ин замон, эй саг!

Чоште сӯи хонадони мо
Як зани бева бо мағал омад.
Бо лагад зад ба пушти дарвоза,
Гурбаи зард дар бағал омад.

Дод гуфто: – «Саги шумо имшаб
Гурбаамро гирифта ғавҷидаст.
Меравад саг ба соҳиби шумаш,
Аз шумо ҳам сагӣ ҳама дидаст.

Аз либосу палосатон доим
Мерасад бар димоғ бӯи саг.
Нонатон ҳамчу устухон монад,
Кош, эй кош, дар гулӯи саг?!».

Дод моро ҳазору як дашном
Дар миёни худиву бегона.
Ӯ ба як саггазидае мемонд,
К-аз даҳонаш шудаст девона.

Гурба то аз кашаш раҳо ёбад,
Мезад он дам ба дасти ӯ чангол.
Лол будем мо аз ин аҳвол,
Лол будем мо аз ин ҷанҷол...

То дили сахти бевазан нармад,
То даҳони калони ӯ бандам,
Эй саги бегуноҳи ман, сӯят
Рост санги маломат афкандам.

Гарчи санги ман аз сарат бигзашт,
Гарчи он дар тирезае бархӯрд,
Лек ойинаи дилатро рехт,
Хотири нозуки туро озурд.

Рафтӣ аз хонадони мо берун
Ҷаста аз ҷо, парида аз бора.
Дар кучҷое ту гум шудӣ се рӯз,
Дар суроғат шудем овора.

Эй саги меҳрубони ман, охир
Аз гуноҳам магар ту бигзаштӣ?
Нимарӯзе ба хонаи мо боз
Нимаҷон, нимаҳӯш баргаштӣ.

Омадӣ сӯи зистгоҳи хеш,
Омадӣ, лек омадӣ мурдан.
Оҳ, дигар наметавонистӣ
Пораи нони хони мо хӯрдан.

Нолаат чун навола печида,
Монда аз нӯш дар гулӯят неш.
Ҳамчу аз сурфае гулӯафшон
Метакидӣ вуҷуди хеш аз хеш.

Аз таби тунд тоб мехӯрдӣ,
Мезадӣ дасту по чу дамгире.
Балки мехостӣ зи гардани худ
Зиндагиро канӣ чу занҷире.

Гашт дунё ба чашми ман торик,
Чун аён шуд, чу шуд ба мо рӯшан,
К-аз сари кина бевазан дина
Дода дар мағзи нон туро сӯзан.

Марги худро ба чашми худ дидам,
Чун бидидам ҳама азобатро.
Он дами вопасин гирифтам ман
Дар дили хеш печу тобатро.

Орамидӣ ту оқибат хуншор,
Орамидан вале ба ман душвор.
Меканам ҷон ҳанӯз мисли ту,
Чун саги хӯрда нони сӯзандор.

*Соли 1988*

## СЕЛИ САНГОБ

Аё сели баҳор, эй сели сангоб,
Ба гӯшам бонги хезоби ту дорам.
Ба бунёдам табу тоби ту монда,
Ба ҷонам бими тезоби ту дорам.

Ханӯз аз кӯдакиҳои ман, аз дур
Ту меоӣ пур аз ово, пур аз шӯр.
Ба сӯят медавам аз ёди дерин
Чу тифли шӯхи бепарвои бегӯр.

Тамошоят кунам боз аз сари ҷар,
Бубинам дар ту туғёни диламро.
Ман аз оби гилолудат шиносам
Сиришти хешро, обу гиламро.

Замони кӯдакӣ пурсида будам:
– Маро кай, аз куҷо карданд дарёфт?
Ба шухӣ посухам доданд: – Селоб
Барои мо туро оварду партофт.

Дар он овон мани сода, мани гӯл
Ба ин афсона бовар карда будам.
Ба пиндорам, ман аз болои кӯҳе
Ба пойин санги оборда будам.

Аз ин рӯ бо табу тобе чу сангоб
Туро ман интизорӣ мекашидам.
Туро дар санглохи дил ба уммед
Хаёлан интизорӣ мекашидам.

Баҳоре пур шуд аз оби ту сангоб,
Ба сӯи хонадони мо задӣ ғел.
Яке тарсидаму пурсидам: – Эй вой,
Намемонем оё дар таҳи сел?

Маро бардошт модар, илтиҷо кард:
– Макан, эй сел, аз бун ҳаччаамро[1],
Ту ҳам дорӣ дили модар, дили об,
Мабар ҳавлии пур аз баччаамро!..

Гузаштӣ аз дами дарвозаи мо,
Гузаштӣ бегазанд, эй сели сангоб!
Вале ҳамчун паи об аз паи ту
Ба сангоби дили ман монд зангоб.

Зи дунё бехабар, эй сели сангоб,
Амон гуфтам дигар, эй сели сангоб:
– Маро бо худ мабар, эй сели сангоб,
Макун зеру забар, эй сели сангоб!

Мани кӯдак намедонистам он дам,
Ки умре ноаён фарсанг-фарсанг
Маро сели замон ғелон барад дур,
Сарамро мезанад аз санг бар санг.

*Соли 1988*

## ТУТИ САФЕД

То сипос оварам ба тути сафед,
Ба дарахти муқаддаси Дарвоз,
То ба зону занам ба пеши ӯ,
То ба гӯшаш дароз гӯям роз.

То ниҳам сар ба пои тути сафед,
По ниҳам сӯи сарзамини бузург.
Хамчу аз даври гушнагӣ шунавам
Аз паси пушта нӯлаҳои гург.

1. Ҳачча – лона.

Саргарон аз хаёлҳои дур
Сӯи тути сафед меоям.
Гӯӣ аз қаҳтсолҳои дур
Сӯи ӯ бо умед меоям.

То ки шохи варо биафшонам,
Тут чинам чу мағзи нони сафед.
Маззаи офтобро бичашам
То ки аз тути хушки хони сафед.

Лек чун мерасам ба тути пир,
Метаровад сиришкам аз дида.
Нимаи ӯ ҳанӯз месабзад,
Нимаи ӯ ба сӯз хушкида.

Чашмҳои сиёҳи тути сафед
Пур зи андӯҳ, пур зи андеша.
Барги ӯ чида, шохаҳош зада,
Дар саропои ӯ паи теша.

Барги ӯро ба кирми пила кунун
Медиҳад мардуми бирешимпӯш.
Тути урён ба дидаи гирён
Мехӯрад печу тобҳо хомӯш.

Шохи сабзи варо баҳор буранд,
Навдаҳои наве давонад боз.
Ӯ ба нерӯи охирин гӯё
Мекунад зиндагии хеш дароз.

Кӯҳро устувор медорад
Решаи тути поки кӯҳистон.
Дар хаёлам агар бихушкад ӯ,
Мехӯрад пош хоки кӯҳистон.

Сар фуруд оварам ба тути сафед,
Дар вуҷудам бисабзад ӯ ногоҳ,
То ки ман ҳам ба худ фурӯ наравам,
То нарезам ба сони хоки сиёҳ.

*Соли 1988*

**ХАТЛОН**

Хатлони ман, Хатлони ман,
Уммеди ман, армони ман!
Эй сарзамини ганҷҳо,
Эй сарзамини ранҷҳо!

Эй хоки поки гандумӣ,
Эй хоки поки мардумӣ.
Эй марзи озодии ман,
Андӯҳи ман, шодии ман!

Дар чашм гирам оби ту,
Дар чашм гирам оташат,
Бар чашм молам хоки ту
Чун осиёни саркашат.

Хатлони ман, эй буми ман,
Эй Мисри ман, эй Руми ман!
Сарномаи дар санги ман,
Фарҳанг дар фарҳанги ман!

Аз донапошии нахуст
Марзи ту шуд тақдири ман.
Душман чу оташ зад варо,
Доси ту шуд шамшери ман.

Дар зини аспат сарфароз
Дар зини меҳан зистам.
Майдон ба майдон дар набард
Бо кини меҳан зистам.

Эй сарзамини лолаҳо,
Садсолаҳо дар ёлаҳо
Поси ту лангар доштам,
Дар пушти сангар доштам.

Хатлони ман, эй бахти ман,
Эй сарнавишти сахти ман,
Дунёи дунёзодагон
Озодии озодагон!

Аз остони бостон
Чун пораи гил мондаӣ,
Чун пораи шеъри дарӣ,[1]
Чун пораи дил мондаӣ.

Бахт аз ту рӯ гардонд агар
Дар қисмати дунёи гич,
Аммо натобад офтоб
Рӯи худ аз рӯи ту ҳеч!

*Соли 1988*

## МАРГИ ШАҲЧИНОР

Рост дар пои хеш меистод
Шаҳчинори ҳазорсола ҳанӯз.
Дар сари бепаноҳи ӯ мезад
Шохборону барфу жола ҳанӯз.

Дар сиришташ сиришк мехушкид,
Чашми ҳайрон дарахти гирён дошт.
Хамчу дасти дуои пир баланд
Навдаҳои карахти урён дошт.

1. Ишора ба яке аз қадимтарин намунаи шеъри тоҷикӣ “Аз Хуталон омадия”.

Об мехост ӯ дами маргаш,
Ташналаб буд дар лаби Сангоб.
Реш мекард решаҳояшро
Хамчу зардоби синааш зангоб.

Зиндагӣ сахт пӯсташ меканд,
Панҷа мезад ба пӯстлохи ӯ.
Зиндагӣ гардани шахаш метофт
Ҳамчунон шохаҳои шохи ӯ.

Домани осмон раҳо мехӯрд
Андак-андак дигар зи чанголаш.
Ҳамчу сутхони кӯҳна мепӯсид
Дар замин кундаи кӯҳансолаш.

Мардум аз шаҳчинори хушкида
Рӯзу шаб дар ҳаросу ҳавле буд.
Чунки бо пайкари бузурги хеш
Рост ӯ дар миёни ҳавлӣ буд.

Ногаҳонӣ агар биафтад ӯ,
Пахш мекард хонаи мардум.
Чор сӯ ҳам занад агар паҳлӯ,
Пахш мекард шонаи мардум.

– Марги ӯ ҳам чу марги инсон аст, –
Панд мегуфт пири донишманд.
– Гар бузурге зи пои худ афтад,
Зиндаҳо зери мурдааш монанд!

Лек дидем, шаҳчинори пир
Як шабонгаҳ, ки буд мардум хоб,
Рост афтодааст беосеб
Тори дарвоза, ҷониби Сангоб.

Ӯ ба ишкам задаст гӯиё
Сӯи Сангоб аз барои об,
Ташнагии ҳазорсола ба дил,
Бо табу тоб аз барои об...

*Соли 1987*

## СИТОИШ

Як нахӯди хом буд хурди калонкор
Бо хаёли хоми худ дар зери гардун.
Ҳампалакҳояш варо карданд таъриф,
Аз бузургиҳои ӯ гуфтанд афзун:

– Эй шукӯҳи тозаи қавми нахӯдон,
Бо ту нозад лӯбиёву наску арзан...
– Калламағзиву калон аз чормағзӣ...
– Нусхае аз куррат-ул-арзӣ ту аслан!..

Дар бузургии худ охир кард бовар,
Васфи ӯ чун дам ба дам шуд, дум ба дум шуд.
Аз ситоиш он чунон болиду ғелид,
Ончунон худро ба ҳар сӯ зад, ки гум шуд.

*Соли 1987*

## ОФТОБРӮ

Нимарӯзи офтобии баҳорон
Пиразан гӯяд сипоси рӯзгорон.
Хешро аз чини рӯи худ кушода
Чун ҳавои дилкушои баъди борон.

Дар замин ӯ гарчи лахти офтоб аст,
Дар палоси лахт-лахте шиста имрӯз.
Ҷои худро дар гилеми сабзи дунё
Ҳамчу бахти сабзи худ дониста имрӯз.

Пиразан дар офтоби навбаҳорон
Ҳамчу кӯдак гардад аз паҳлӯ ба паҳлӯ.
Онҷуноне гул барорад тифли маъсум,
Доғи пинҳон аз дили ӯ мезанад рӯ.

Сӯи гардун даст меёзад чу кӯдак,
Даст меёзад чу кӯдак сӯи оташ.
Гӯиё хуршедро дидаст момо
Бори аввал дар навад соли ҳаёташ.

Гар ба сӯи офтоб имрӯз мардум
Аз саҳаргоҳон кушода хонаи хеш,
Ӯ ба сӯи равшанӣ равзан кушода
Дар дилу ҷони пур аз афсонаи хеш.

То ки бидҳанд офтоб, аз хонаи худ
Бонувон болишту бистар карда берун.
Лек ӯ дар офтоб афканда худро,
То барад аз дил заҳи дунёи серун.

Аз бари ӯ чун насими навбаҳорон
Бигзарад гулдухтаре бо мӯи чилбоф.
Пиразан ёд орад он овон, ки худ буд
Хубрӯтар аз париёни паси Қоф.

Мекунад дар ёди худ пушти сар аз нав
Роҳи қисмат, роҳҳои дури дерин.
Зери лаб бо офтоби худ занад гап
Дар хаёл аз саргузашти талху ширин.

Ёди дуродури овони ҷавонӣ
Мешавад дар дидааш чун хоб наздик.
Аз замин гӯё ба гардун меравад дур,
Мешавад бо офтоби ноб наздик.

*Соли 1987*

## ОСИЁИ КӮҲНА

Осиёи кӯҳнае гардон ҳанӯз,
Об меояд ба ҷӯи он ҳанӯз.
Мениҳад пире қадам чун аз қадим
Аз раҳи дерин ба сӯи он ҳанӯз.

Шишта гарди осиёи зиндагӣ
Дар сари испеди ӯ, дар мӯи ӯ.
Гашта санги осиёи зиндагӣ
Аз сари испеди ӯ бар рӯи ӯ.

Ларзаи дӯл аз дили ӯ бигзарад,
Мекунад сутхони хушкаш қарс-қарс.
Аз тани ӯ гӯӣ овоз афканад
Осиёи кӯҳнааш бо чӯби чарс.

Ин замон дар осиёи зиндагӣ
Навбати ин осиё бигзаштааст.
Чунки акнун бо тавоноии барқ
Ҳар кучҷое осиёе гаштааст.

Лек сӯи осиёи кӯҳнааш
Мӯсафед ояд кунун ҳам бо умед.
Яктаҳи суфи сафеде дар танаш,
Доманаш чун домани субҳи сафед.

Зери гардун бо сари гардон ҳанӯз
Гирд мегардад ба гирди осиё.
Гирдаи хуршед дорад дар бағал
Осмон гӯё зи гарди осиё.

Осиёи хешро гардон кунад
Ӯ барои донаи гандум ҳанӯз.
Умр фарсояд чу санги осиё
Ӯ барои орди мардум ҳанӯз.

Дар хаёли осиёбон ногаҳон
Осиёи кӯҳнааш истад агар,
Монад аз чархиданаш чархи барин,
Гардиши гардун дигар ояд ба сар.

*Соли 1987*

# САРНАВИШТ

Дар қатори кӯҳҳо сар мекашам дар хештан,
Дӯшбори кӯҳро бар мекашам дар хештан.
Аз сиришти хеш кӯҳистон маро хелидааст,
Аз ҳавову хоку обу оташам дар хештан.

Сарнавишти ман бувад дар санги пешонии кӯҳ,
Саргузашти ман бувад ожанги пешонии кӯҳ.
Ҳамчу фарзанде, ки хонад ҳикмат аз рӯи падар,
Панд меҷӯям ман аз фарҳанги пешонии кӯҳ.

Чашмасори кӯҳсор аз чашми ман сар мезанад,
Мурғи кӯҳ аз ағбаҳои кифти ман пар мезанад.
Аз сукути кӯҳсорон аст гулбонги дилам,
Кӯҳ аз фарёди ман фарёди дигар мезанад.

Дар ҳавои кӯҳсоронам ҳавосанҷи сухан,
Чун ба кишти сангзораш мекашам ранҷи сухан.
Хорасанги синаамро меканам чун кӯҳкан,
То чу ганҷи сармаде пайдо кунам ганҷи сухан.

Саргарон чун кӯҳҳо дорам хаёли кӯҳсор,
Пой дар гил пойдорам бо маҷоли кӯҳсор,
Дар ниҳоди хеш месӯзам ба ҳоли кӯҳсор,
Дар ниҳоди хеш месӯзам мисоли кӯҳсор.

Дар ниҳоди хеш месӯзам саропо, мӯ ба мӯ,
Ҳамчу кӯҳи тафтаи ангишти Фалғар[1] тӯ ба тӯ.
Мешавам охир тиҳӣ аз буду аз нобуди дил,
Ҳамчу кӯҳи фулх рӯзе меравам дар худ фурӯ!

*Соли 1987*

---

1. Кӯҳи ангишт, ки дар болооби Зарафшон ҳанӯз дарун-дарун худ ба худ месӯзад.

# КӮЧАИ БОҚӢ РАҲИМЗОДА

Аз кӯчаи Боқӣ,
Аз кӯчаи ғарқи гули олучаи Боқӣ
Дар шаҳри Душанбе,
Дар ин тарафу он тарафи наҳри Душанбе
Чун аз паи Боқӣ
Оғози баҳор аст!

Дар кӯчаи Боқӣ,
Дар кӯчаи гулпечи пур аз баччаи Боқӣ,
Дар хонаи мардум
Табақи майсаи гандум
Ҳамчун зи лаби хони пур аз кулчаи Боқӣ
Барге зи лаби хони пур аз нози баҳор аст.

Дар кӯчаи Боқӣ
Як села парасту парад аз тоқ ба тоқе,
То лона кунад бахт ба ҳар тоқу равоқе.
Чун номаи фархундаи наврӯзии Ҷамшед
Пайғоми куҳан омада дар боли парасту,
Чун вожаи некии авастоии Зардушт
Дар фоли парасту,
Аз хонаи устоди ман аз тоқи кушода
Авроқи кушода
Омодаи парвоз
Аз пушти кулангони ба парвози баҳор аст!

Дар кӯчаи Боқӣ
Боз аст дари хонаи мардум чу дари дил,
Зеро ки аз устод
Ҳамчун асари дил
Мондаст ба ҳар хона ба ҷевони кушода
Девони кушода.

Бар чомаи шоир,
Бар номаи шоир
Ҳамчун ба ҷаҳоне зи паи хомаи шоир
Оред агар рӯ,
(Доред агар рӯ?)
Дунёи ба рӯи ҳама кас бози баҳор аст!

Дар кӯчаи Боқӣ,
Аз кӯчаи сабзе ки гузар мекунад аз он
Чун аз раҳи одамгарии хештан инсон.
Аз кӯчаи сабзе, ки дар он хона ба хона
Гардонда сияҳгӯш, сароянд тарона,
Дар гӯши Душанбе
Овози баҳор аст!

Дар кӯчаи Боқӣ
Оғози баҳор аст,
Гӯё ки сароғози биҳиштии баҳорон
Аз кӯчаи Боқист, ки дар рози баҳор аст!

*Соли 1987*

## РОҲИ КӮЛОБ

Эй раҳи дур, эй раҳи Кӯлоб,
Эй раҳи қисмат аз қазову қадар,
Эй раҳи дури бозгашти ман
Сӯи даргоҳи бепаноҳи падар.

Эй раҳи дур, эй раҳи баста,
Эй раҳи кӯри зодгоҳи ман.
Оҳ, аз Роҳи Каҳкашон ҳам дур
Менамоӣ ту дар нигоҳи ман.

Ман ки ҳамчун зи ағбаи Шаршар
Кардаам ағбаи умед гузар.
Эй раҳи селбурдаи тақдир,
Бозгаштам шудаст мушкилтар.

Аз ҳаму печу тобҳои ту
Мехӯрам печу тоб сӯи ҷануб.
Мехазам деру дур ҳамчун мӯр
Пештар з-офтоб сӯи ғуруб.

Мурғи андешаам парафшон аст
Ҷониби кӯи кӯдакии ман.
Пар занад гӯиё зи ҳафт иқлим
Досаке сӯи кӯдакии ман.

Кӯ ба кӯ, сӯ ба сӯ маро бурда
Зиндагӣ бо ҳама фиребоӣ.
Монда дар тангкӯчаи Кӯлоб
Кӯдакиям ба сони зебоӣ.

Дурам аз худ ҳазору як фарсанг,
Ман на ман бошам, эй раҳи меҳан!
Асли ман мондааст дар Кӯлоб,
Нусхаи хеш бурдаам дар тан.

Ҳар қадар сӯи хонадони падар
Аз фарозу нишеб меоям,
Он қадар аз ҷаҳон ба сӯи ҷаҳон
Чун ғарибе қариб меоям.

Ҳамчу аз Роҳи Каҳкашон ба замин
Мешавам, эй раҳи ватан, наздик.
Мешавад ҳамчу бо гузаштаи дур
Нусхаи ман ба асли ман наздик.

Лек, эй роҳи дур, метарсам,
Бо ҳама ранчҳои тозаи худ
То туро сӯи хеш месипарам,
Мекунам дер аз ҷанозаи худ.

*Соли 1987*

## ДАРЁИ НИҲОН

Дарёи ниҳон, ки мезанӣ ҷӯш
Дар зери замини поки Кӯлоб,
Овои ту мерасад ба гӯшам,
Чун рӯй ниҳам ба хоки Кӯлоб.

Дарёи умедҳои дерин,
Ширинтар аз обҳои ширин,
Мегуфт нигоҳи ман хаёлан
Бар оби ту хобҳои ширин.

Месӯхт лабони ташнаамро
Номи ту, ки дошт бас табу тоб,
Афсуни дамида буд дар хок,
Афсуни дамида буд дар об.

Меҷуст аз осмон туро шом
Тифлии ману нигоҳи дураш.
Дар оби ту фоли нек медид
Маҳтоб ба косаи булӯраш.

Он гуна, ки офтоби гармо
Лабташнаву доғ об мекофт,
Ҷӯёи ту тифлиям зи сангоб,
Афсӯс, наме нишон намеёфт...

Дарёи ниҳон, чу шӯри пинҳон
Охир ба ниҳоди ман дамидӣ,
Ҷӯёи ту будам аз замин, лек
Аз дидаи шоди ман дамидӣ.

Дарёи ниҳон, ба ман ниҳонӣ
Аз сол ба сол медиҳӣ об.
Аз зери замин ба решаи ман
Ҳамчун ба ниҳол медиҳӣ об.

Дарёи ниҳон, ба ҷӯши пайдо
Дарёи дилам туӣ, туӣ, ту.
То ташнаи оби меҳанам ман,
Дар обу гилам туӣ, туӣ, ту.

Дар синаи ман агар бихушкад
Сарчашмаи меҳри поки Кӯлоб,
Дар оби ту решаам бисӯзад
Чун аз дами гарми хоки Кӯлоб.

*Соли 1986*

## ХОҶАҒОЙИБ

Нагардонад ба сӯи Хоҷағойиб пушти худ мардум,
Ки дар ин пушта дорад хоки чандин пушти худ мардум.
Ба сӯи пушта рӯяш пуштнокӣ меравад хуршед,
Ба пушти худ чу кас вопас зи хоке меравад хуршед.

Зи хоки пушта пушти ҳам дамида пуштаҳои гӯр,
Ба хоки пушта пушти ҳам хамида пуштаҳои гӯр.
Ба сони гарди мижгони кас аз боди вазон ин ҷо
Бувад гарде ба мижгони хас аз боди хазон ин ҷо.

Ба ғайри хок лавҳи ёдгоре дар мазоре нест,
Ба ғайри хок чизе ёдбуди хоксоре нест.
Ҳавои пушта бӯи хок дорад дар димоғи хеш,
Чу марҳам хокро молад ба реши ҷони доғи хеш.

Ба ҷуз шохи тари абре ба қабре сояафкан нест,
Худоё, решае зери замин ҷуз решаи ман нест,
Ки зери хоки ин тал бо падар ҷовид ман хобам,
Сари гӯраш шикаста косаи чашми пури обам.

Агар ман бекулоҳам дар мазори ӯ, гуноҳе нест,
Азеро бепадар дигар сарамро сарпаноҳе нест...
Ба ҳаққи Хоҷағойиб мерасад каф-каф дуои нек,
Чу пайғоми ҳаёт аз коинот, аз дур бас наздик.

Таҳи по то намонад ёди неки пуштаи орӣ,
Тиҳипо, кафши худ бар даст меояд азодоре.
Миёни гӯрҳои бенишон хоки падар ҷӯяд,
Намеёбад нишоне, ҳар куҷое ҳар қадар ҷӯяд.

Ба хоки Хоҷағойиб пас ба зону мезанад ношод,
Ба гирдогирди гӯристон ба зону мехазад беёд.
Ба овози гулӯгир аз қазову аз қадар гиряд,
Ба рӯи гӯри мардум ҳамчу бар хоки падар гиряд!

*Соли 1986*

## ИСПЕЧАК

Испечаки хоксори хокӣ,
Эй деҳи канораи Душанбе.
Мондаст замини корами ту
Акнун таги бораи Душанбе.

Бо панҷаи оҳанин гирифта
Шаҳр аз камари чинору бедат.
Бе сояи равшани сафедор
Торик бувад сари сафедат.

Аз пайраҳаи баҳор мерафт
То боғи дилат раҳи пиёда.
Чун аз дами сел хонаи ту
Акнун дами роҳи нав фитода.

Эй деҳаи хурд, шаҳр сӯят
Оғӯши бузурги худ кушода.
Бо пойсутуни мармаринаш
Дар пойгаҳи ту по ниҳода.

Палҳои кашидаи ту дигар
Домони кашидаи ту бошанд.
Аз хок ҷудо сипорҳоят
Дандони кашидаи ту бошанд.

Айвони баланд дорӣ акнун,
Девори дурушти тахтабетон.
Деҳқони ту тахтапушти худро
Бинҳода ба пушти тахтабетон.

Ҷуз рег ба марзи корами ту
Дигар накунанд донае кишт.
Армони ту сабзад аз таги санг
Чун сабзаи руста аз буни хишт.

*Соли 1986*

## ПОЙИ ХОБ

По баровардем зуд, аммо
Пойи ақли мо бараяд дер.
Пойи гӯли кӯдакӣ то ҳол
Мебарад моро ба тору зер.

Бо бузургон ҳамқадам будан
Орзуйе пойи мо дорад.
Гар парад аз пояшон попӯш,
Ҳамчу тӯбаш аз ҳаво дорад.

Ин бузургонанд бозургон
Ҳам ба дониш, ҳам ба мағзи хеш.
По ба пояндози кас, гӯянд
Нархи пояфзори худро беш.

Мо агар бемузд бардорем
Мағзи нонро аз таги пойе,
Мегазанд ангушти ҳайратро
Сахт бо дандони тиллойӣ.

Пеши пойи худ намебинанд
Ҳеҷ чизеро ба ҷуз ҳамён.
Тангае аз кӯдаке афтад,
Мекунандаш зери по пинҳон.

Ҳамчунон аз хок бӯи хок
Гар расад аз яктаҳи деҳқон,
Бехабар аз бӯи пои хеш,
По кашанд аз погаҳи деҳқон.

Аз паси онҳо қадам монанд
Хурдҳошон ҳам бузургона,
Аз даҳони гизашон тобад
Ширдандон ашки гургона.

Бехабар аз пешпоиҳо
По ба пойи ин бузургонем,
Ҳамчу бар хокистари сӯзон
Пойи лучи хеш мемонем.

Назди онҳо рост пойи мост,
Бо сари хам бингаремеш гиҷ,
Лек аз обилаҳои худ
Пойи мо парво надорад ҳеҷ.

Сӯи хон оби даҳон резанд
Ин бузургон бетабу бетоб.
Хоб бинад пойи хоби мо,
Кафши мардумро барад селоб...

*Соли 1986*

## КАБКИ ДАРӢ

Эй кабки дарӣ, мурғи хушовои адирӣ,
З-он рӯз, ки бо шеваи шевои замирӣ,
Дар шаҳри гаронгӯшу гаронҷону гаронбор,
Хонӣ ба сабукболии мурғони чаманзор,

Мурғи дили ман дар қафаси синаи ман нест,
Ӯ дар қафаси ту
Гаштаст ҳамовози туву ҳамнафаси ту.

Дар шаҳри ҳаводори ҳавохонии мурғон,
Эй ҳамватани содаи ман, мурғаки роғӣ,
Дар сина навои чамани тозанавое,
Дар сина ҳавои дамани тозаҳавое,
Ман доғу ту доғӣ.

Он киштаи сабзе, ки нарафтаст зи ёдам,
Чун пуштаи сабзе, ки нарафтаст зи ёдат,
Хонад ба замини ватану оташу обаш
Ҳамчун ба ибодат.

Охир раваму хона кунам дар камари кӯҳ,
Ҳарчанд ки шаҳр аст пур аз кохи саодат,
Ҳарчанд чу бо дуди тамоку ба ҳавояш
Ман кардаам одат.

Эй кабки дарӣ, ҳуши туву гӯши ту дорад
Овои шамоли тали овони зимистон
Бо нолаи мурғон,
Бо нӯлаи гургон.

Хоҳӣ диҳӣ овоз ба оҳанги суроғе
Аз пушта ба пушта,
Аз роғ ба роғе:
– Эй селаи кабки рави аз барф рамида,
Эй селаи кабки рави аз кӯҳ хамида,
Оё ба баҳорон кӣ расиду кӣ ба раҳ монд?
Афтод кӣ бар дом?
Эй дод, ки шуд ром?

Эй кабки дарӣ, реги ҷариву шағали кӯҳ
Донам, ки туро беҳ бувад аз донаи гандум,

Аз донаи мардум.
Беҳ аз бағали ҷомаи мардум бағали кӯҳ!

З-ин рӯй ба хуноби дил оғушта сароӣ,
Бо ёди баҳорони талу пушта сароӣ,
Гӯё қафаси ту,
К-он бофтаю тофта аз навдаи тут аст,
Сабз аз нафаси ту
Гӯё ба сарам шохи пур аз муғҷаи ҳут аст.

*Соли 1986*

## ЗОДРӮЗИ ОФТОБ

Дар баҳори офтобӣ зодрӯзи офтоб аст,
Дар диёри офтобӣ зодрӯзи офтоб аст!
Пешвози офтоб аз ёлаҳои офтобӣ
Чун гули оташ шукуфон лолаҳои офтобӣ.

Сӯи мардум чеҳраҳои тозаи мардум кушода,
Чун дари дилҳояшон дарвозаи мардум кушода.
Мӯрро ҳам офтоб аз хонааш берун кашида,
Шаҳриёни хонашинро то хами ҳомун кашида.

Наварӯсе навниҳоли боғҳои офтобӣ,
Доғҳои чеҳраи ӯ доғҳои офтобӣ.
Дасти уммедаш ба сӯи офтоби созгор аст,
К-ӯ сари торик дорад, чашми рӯшан чашмдор аст.

Модаре бар офтоби содарӯ чун ширхора
Менамояд чеҳраи навзоди худ аз гоҳвора,
То гузорад дар нигоҳи офтобаш ҷовидона,
То супорад дар паноҳи офтобаш ҷовидона.

Марди нобино ба гардун дидаи дилро кушода,
Бар ҷабини офтоб оҳиста дасташро ниҳода,
То шиносад чеҳраи ӯро чу рӯи ошное,
То зи дидораш ба чашми хеш гирад рӯшноӣ...

Дар сари мардум шукӯҳи зодрӯзи офтоб аст,
Барканор аз ғам чунон ҳам шодрӯзи офтоб аст,
К-одамӣ гӯё ба шеван ҳақ надорад дар чунин рӯз,
Пири пирон ҳам ба мурдан ҳақ надорад дар чунин рӯз...

*Соли 1985*

## МЕҲРИ БУЗУРГ

Тоҷикистон, модарам, модархудои ман,
Дар сипосат мегузорам сар ба пои ту.
Ҳамчу фарзанде, ки аз модар дуо пурсад,
Ман ба роҳи зиндагӣ хоҳам дуои ту.

Дар замони ҷанги дунёвии бемонанд,
Тоҷикистон, модари ғамхори кӯҳистон,
Кӯдакони дашти Донро кардаӣ оғӯш,
Ширхорони ятиме додаӣ пистон.

Ҷони сабзи кӯдакони зардмӯ будӣ,
То сафедӣ баст гесӯи сиёҳи ту.
Баҳри нӯши ҷони фарзандони мардум ронд
Реша аз реши дилат мардумгиёҳи ту.

Зодагони сарзамини сарду серунро
Нарм дар оғӯши гарми хеш парвардӣ.
Оташи хуршедро чун оташи уммед
Дар дилу дар ҷонашон ҷовид ҷо кардӣ.

Ин замон дар хонадони серфарзандат,
Тоҷикистонам, бародархонди ман беш аст.
Бар ятимон меҳри худро шойгон бахшӣ,
К-аз ҳақи ман ҳаққи онҳо гӯиё пеш аст.

Тоҷикистон, модарам, меҳри бузурги ман,
Домани поки ту бошад домани дунё.
Чанд пероҳан зи як пероҳанат дӯзӣ
Бар тани фарзанди худ чун бар тани дунё.

Тоҷикистон, модарам, эй меҳри ҷовидон,
Аз ту мепурсад дуои модарӣ мардум.
Бар сари фарзанди худ ҳам бахти испеде
Пош чун аз кифти мардум орди гандум.

*Соли 1985*

## ОСТОНИ БАЛАНД

Ватан, эй Тоҷикистони барӯмандам,
Ту ҳамчун хонадони серфарзандӣ,
Ки рӯзу шаб чароғонат фурӯзонанд,
Ки рӯзу шаб дари худро намебандӣ.

Ту ҳамчун хонадони кӯдакободӣ,
Пур аз афсонаи бобоий доим.
Ҳавоят бӯи шири модарон дорад,
Пур аз созу пур аз лолоий доим.

Аз оташгоҳи хуршедӣ фурӯзон аст
Дар оташдони ту як пораи оташ.
Ба тифлон санг ҳам дар деги ту гӯё
Чу шалғам мепазад аз кораи оташ.

Панохӣ бо қалам тифли дилогоҳе
Ба девори сафедат мекашад хуршед,
Ки то хуршеду гардун, мому вай бошад
Ҳамеша, ҷовидона, ҷовидон, ҷовид!!!

Туй он хонаи рӯшан, ки сӯи ту
Ба даст ойина тифле нур мебозад.
Чу аз ойинаи дилҳои фарзандон
Чунин хуршед дар ту чашм андозад.

Туй он хонаи поке, ки тифлонат
Ба навбат ҷомаҳои ҳамдигар пӯшанд.
Камарбанди падарро як замон баста,
Ба даргоҳи падар ҳамчун падар кӯшанд.

Ба зери боми гардун зодагони ту
Таги боми ту танҳо сарпанаҳ ҷӯянд.
Чу сӯи ошёни бахти худ умре
Зи даргоҳат ба даргоҳи ту раҳ пӯянд...

*Соли 1984*

## ҚАЛАМРАВ

Ватан, эй қаламрави ман,
Манам аз қаламкашонат,
Ба раҳи сафеди уммед
Ба қаламасо равонат.

Чу касе фасона хонад,
Ба ту ман тарона хонам,
Қаламе ба гил нишонад,
Қаламе ба дил нишонам.

Чу касе гулони баҳман
Қаламӣ занад ба доман,
Чамане ба домани ту
Қаламӣ кунам хаёлан.

Чу касе кашад ба нозе
Қалами камони абрӯ,
Бикашам чу марзбонат
Қаламикамон ба паҳлӯ.

Чу касе барои болор
Бибурад дарахти сабзат,
Қаламе сутун гузорам
Таги боми бахти сабзат.

Чу касе ба фахр номаш
Бизанад ба лавҳаи дар,
Ватанам, туро нависам
Ба дари дили худ аз зар.

Чу касе ба санг созад
Дами теғи хастаро тез,
Бикунам ба неши дандон
Қалами шикастаро тез.

Агар аз сухан бимонам,
Ба қалам кашам найово,
Агар аз ватан бимонам,
Ба қалам кушам худамро!

Ватан, эй қаламрави ман,
Қалам аз найи ту дорам.
Паи пои ман равад ҳам,
Ба қалам пае гузорам.

Қаламам чу хӯрда гардад,
Қаламам чу афтад аз мушт,
Бинависамат ба девор
Ғами дил ба хуни ангушт.

*Соли 1984*

## КУНДАПАЙВАНД

Кундаам сахт ҷовидон сахт аст
Дар заминҳои сахти кӯҳистон.
Дар тани ман ҷавона мебандад
Навдаҳои дарахти кӯҳистон.

Печ-печон гирифтаам оғӯш
Осмонро чу шохаҳои сада.
То ки бошам ман аз ҳавои ватан
Сабз дар пуштаҳои бодзада.

Барқи гардун ба ҷони худ гирам,
Чун сапедори остони ватан.
Пораи оташи ҷаҳонсӯзе
То наафтад ба хонадони ватан.

Навдаҳоям хазида аз девор
Сӯи дунё чу шохи тути сафед.
Дасти хуршед мева афшонад
Аз сари шохаҳои ман ба умед.

Бо замину замон ҳазорон сол
Чун чанори бузург побандам.
Бо ҷаҳон ҳамчу бо ватан ҷовид
Қалами сабзи кундапайвандам.

Бод сероб рӯдбори ҷаҳон,
Бод эмин ҳама диёр аз сел.
Кундаам гарчи дар Бадахшон аст,
Решаам мерасад ба рӯди Нил.

*Соли 1984*

## ДАНДОНИ ШИР

Бомдодоне, ки бӯи шир дорад,
Пардаи меҳ ҳамчу рӯи шир дорад.
Мепарад аз дидагони пиразан хоб
Ноаён ҳамчун бухори ширмаҳтоб.

Бомдодоне, ки мерезад сапеда,
Гесувони пиразан безад сапеда.
Гӯиё шираш ба ҷони ӯ бурида,
Бар сараш чун мӯи испедаш дамида.

Бомдодоне, ки мешӯяд фаришта
Рӯи тифлон бо забони хеш лишта,
Ӯ ба оби сард мешӯяд рухонаш,
Менишонад сӯзҳои устухонаш.

Бомдодон бо дуои зери лабҳо
Аз садои гурбаҳои нимашабҳо,
Гӯиё аз гиряҳои кӯдаконе,
Метакад ӯ гӯши худро бо таконе.

Гарчи дунё даст аз ӯ дигар кашида,
Дидаи дилро напӯшад аз сапеда.
Домани ҳастии худро дар замираш
Пиразан бигрифта бо дандони шираш.

*Соли 1984*

## ХОНАИ ПИРАЗАН

Мардум аз ошёни худ, аз кӯҳнашаҳри хеш
Дар ошёнаҳои баланде гирифта ҷо.
Аз остони хок дигар по кашидаанд,
Бар остонаҳои баланде ниҳода по.

Бебозгашт яксара кӯчида рафтаанд,
Кӯчида боми кӯҳнаи кошонаҳояшон.
Кӯчида ҷуфтҳои парасту зи шифтҳо,
Аз лонаҳояшон.

Афтода рост аз сари деворҳои каҷ
Болорҳои каҷ,
Бо печу тоб пойсутунҳо фитодаанд
Чун коҷи тобхӯрдаи хушке ба пои каҷ.

Аммо ҳанӯз ҳам
Як хона мондааст.
Чун охирин нишемани инсони охирин
Як хона дар миёнаи вайрона мондаст.

Як пиразан ҳанӯз,
Чун аз ватан ҳанӯз
Аз хонадони хеш ба ҷое намеравад.
Бо қомати хамида зи боғи хамидааш
Ҳамчун дарахти пир, ки кӯчат намешавад.

Мондаст хонааш
Чун байти бозгӯйи суруди ғамонааш.
Бо ёдбуди неки ҷигарбандҳои ӯ,
Дар корзори ҷанги ҷаҳон бенишонааш.

Дорад хаёл модари бечора то ҳанӯз,
Гар ӯ ба ҷои нав равад аз остонааш,
Фарзандҳои гумшудааш, зиндаанд агар,
Дар бозгашти хеш наёбанд хонааш.

Он сон ки аз фирор парастуи навбаҳор
Боз ояду наёбад аз айвони хонае
Аз лонаи кӯҳан
Дигар нишонае.

*Соли 1984*

## ХОНАИ ПАДАР

Агар дар кулбаи танги падар, дар синҷдевораш
Равад роғе, ба девори дили ман бигзарад дарзе.
Заминро сахт зери пойҳои худ кунам эҳсос,
Чу таҳдевори он гашти заминро дар заминларзӣ.

Агар дар боми пасташ пой кӯбад жола бо шасте,
Чу гарде гӯиё аз бурёи шифти он резам.
Агар деворҳои кӯҳнаи онро хӯрад шӯра,
Чу коҳандовае гӯё ман аз девори он хезам.

Агар аз бори гардун бишканад болорҳои он,
Хаёлам, бишканад аз бори дунё гардани бахтам,
Ки бе боми падар тори сари ман боми гардун нест,
Хаёлам, осмон ояд фурӯ бар ин сари сахтам.

*Соли 1984*

## ОСМОНДАРА

Эй Осмондара,[1]
Дорам нигоҳ аз дараҳои замин туро,
Дорам нигоҳи шоду нигоҳи ғамин туро.
Бо чашмҳои сабзи дил, эй Осмондара,
Бинам пур аз бунафша, пур аз ёсамин туро.

Ҳастӣ шукуфазор
Дар гӯшаи хаёли ман, эй Осмондара.
Дар домани баҳори ту бодом гул кунад
Аз боғи навниҳоли ман, эй Осмондара.

Чун бо алав ишора ба тайёра мекунанд,
Гулхан дар остони ту сӯзон ҳанӯз ҳам.
Гӯё чароғи ёди сафаркардаҳои ту
Дар хонаи ситора фурӯзон ҳанӯз ҳам.

Чор аст ҳамчу дидаи момои хонабон
Чашми ситораҳои ту ҳар сӯву ҳар канор,
Дар роҳи бозгашти ҷигарбандҳои дур
Ҳамчун ба турнаҳои ҷаҳонгард интизор.

1. Осмондара – Роҳи Каҳкашон.

Ҳар шом чун ба чеҳраи пурнури модарам
Бар чеҳраи ситораи дури ту бингарам.
Чун тифли бегуноҳ
Дар хобҳои хеш ба сӯи ту мепарам.

Монанди чашмҳои ба афсун фитодае
Чашмони ман ба сӯи ту умрест дӯхта.
Гирям ба боли сӯхтаи хеш дар Замин,
Гӯё пари ситораи дури ту сӯхта.

Аммо аз ин заминдара, эй Осмондара,
Бо боли дил ба сӯи ту ман пар кашидаам.
Аз оташи ҳаёт ба оғӯши коинот
Шаҳболҳо чу мурғи Самандар кашидаам.

Гӯё ба кӯи дури ту, эй Осмондара,
Ҳамчун шиҳобпораи саргашта меравам.
Гӯё манам ситораи дар хок шиштаат,
К-аз хок боз сӯи ту баргашта меравам...

*Соли 1984*

## МОДАРХУДО

Эй Замин, сайёраи сабзи ҳаётӣ,
Ростӣ, модархудои коинотӣ.
Ҳамчу навзоде, ки модарро шиносад,
Мешиносам ман туро бо меҳри зотӣ.

Бишнавӣ чун модари дар хок хуфта
Лобаи фарзанди худро аз Фаластин.
Безабон дар хеш мепечӣ ба посух,
Ин чи дунё, ин чи савдо, ин чи ойин!?

Нимашабҳо нимахобу нимабедор,
Ҳамчу модар нимаи нон дар таги сар,
Кӯдакони гушнамарги хеш дар ёд,
Мекунӣ андешаҳои рӯзи дигар.

Войи фарзандони модарношиносат,
К-оташи ҷанги ҷаҳон аз нав фурӯзанд.
Сахт мегирад дуои модарон, сахт!
Эй Замин, гаҳвораи худ чун бисӯзанд!?

Оҳ, аз ҷанги ҷаҳонгиру ҷаҳонсӯз
Доғи фарзандони худ дар сина дорӣ,
Лек аз дунёи рӯшан чашми рӯшан
Чун зани обистане уммедворӣ.

То ки фардо ҳам шавад кӯдак таваллуд,
То ки фардо ҳам ҷавонмардон биоянд.
То ки фардо ҳам ба дунё дил бубанданд,
Саргиреҳи зиндагониро кушоянд.

Лекин аз пайроҳаву бероҳа хунин
Мехазад боз оташи ҷанги ҷаҳонӣ,
То бигирад доманатро ногаҳонӣ,
То бупечад гирди гардун ҷовидонӣ.

Эй Замин, з-ин рӯ ба хобам медарой,
Ҳамчу он модар, ки рӯзаш мешавад буд,
Лек то дидори фарзандаш набинад,
Бо ҷаҳон осон нахоҳад гуфт падруд.

Ман чу он кайҳоннаварди дури раҳгум,
К-ӯ намеояд ба сӯи хок дигар,
Ашк мерезам ба Роҳи Каҳкашон зор
Ҳамчу фарзанде ба ёди рӯи Модар.

*Соли 1984*

## УҚОБОНИ ПАРИДА

Гар уқобе аз шахи кӯҳи баланд
Бар ҳаво болу паре бикшодааст,
Чун барои чӯҷааш парвозро
Сӯи меҳру моҳ ёдам додааст.

Арзу тӯли осмонро кардаам
Бо пару боли уқоб андозае.
Рост бо чашми уқоб афкандаам
Аз фалак бар худ нигоҳи тозае.

Чун уқобон лона дар куҳ мондаам,
То ки бошам бо само наздиктар.
Рафтаам аз худ фаро бо боли дил,
То ки бошам бо худо наздиктар.

Гар уқобе аз сари санге парид,
Боз бар он санг меояд фуруд.
Менишинам боз бар кӯҳи ватан
Ман ҳам аз парвози дурам бо дуруд.

Дар таҳи боли ғурурам ин замон
Зеру бам бо мурғу моҳӣ мондааст,
Лек дар хаслонаи мурғон маро
Аввалин парвозгоҳе мондааст.

Бас уқоб аз авҷи гардун барнагашт,
Дида дар ҳар қулла нақши пои ман.
Ман чи мегӯям ба фарзандон пагоҳ,
Войи ман, войи уқобиҳои ман!

Дар фазои зиндагӣ андешаам
Бо дилам дорад набарди тан ба тан.
Чун уқоби хашмии бархӯрдае
Бо ҳавопаймои рӯйинболи ман.

Мезанад акнун дилам якбора сих,
Гар кунам ёди уқоби кӯҳсор.
Сурати ӯро ба лавҳи синаам
Хол мекӯбам ба сӯзан зор-зор.

*Соли 1983*

## ЁҒУ

Аё ёғуи дарёӣ,
Аё ёғуи танҳое,
Ки дар болои уқёнуси тӯфонӣ
Парафшонӣ...

Саҳаргоҳон ба роҳи дур
Зи тӯри торҳои нур,
Зи банди синаи соҳил кушодӣ бол,
Зи шохи арғувони дил кушодӣ бол,
Дигар дуранд соҳилҳо,
Дигар дар пушти кӯҳи Қофи тӯфонҳост манзилҳо.

Ба арзу тӯли уқёнус
Пару боли ту охир хаста шуд, афсӯс.
Вале пайваста дар гардун парафшонӣ,
Куҷо як дам бигирӣ дам, намедонӣ.

Чӣ сон аз авҷ
Фуруд ой ба доми мавҷ?
Ту, эй мурғи умеди шоҳболи ман,
Куҷо пар мезанӣ боло,
Чи меҷӯӣ зи дарёи дамони олами воло?
Магар дар тоқи абрӯи ситора лона хоҳӣ монд?
Ба ман аз боли тӯфонхӯрдаат афсона хоҳӣ монд!

*Соли 1982*

## АСПИ ҶУВОЗ

Аспи масте дар замини синаам сум мезанад,
Об менӯшад ҳанӯз аз чашмаи чашмони ман.
Чун хаёлам дар раҳи дерина раҳгум мезанад,
Мепарад оташ зи наълаш, мефитад бар ҷони ман.

Аспи сармасте, ки гӯё болҳои бод дошт,
Аспи ҷавмасте, ки будӣ пештози пойгаҳ...
Ҳар кӣ по бар нақши пояш бо умеде мегузошт,
То ки бошад пешгарди зиндагонӣ раҳ ба раҳ.

Наварӯсон аз ҷиҳози худ ба банди ёли ӯ
Мӯҳраву шерозаҳои ранга мебастанд сахт,
То барад бар дӯш онҳоро ба роҳи орзу
Бо навои сурнаю даф то дами даргоҳи бахт.

Мебаромад аз дили мардум ғубори рӯзгор,
Аз паи ӯ чанг чун мехест дар кӯҳу даман.
Канда будам ёдгор аз ёлҳояш чанд тор,
То ки дуд андозаму пайдо шавад дар роҳи ман.

Охир аз маҳмези човандозҳои тундрон,
Аспи масти бодпо шуд бастаи тири ҷувоз.
Чарх мезад, чарх мезад, чарх мезад гирди он,
Аз сари нав, аз сари нав, аз сари нав, боз, боз!

То начархад зери пояш фаршу арш андар сараш,
Чашмҳояш баста буд аз дидаи бинои рӯз.
Мезанад чашмам сиёҳӣ, чун шавам ёдовараш,
Аз чунин гардиш сари ман чарх мегардад ҳанӯз.

*Соли 1982*

## ЭЙ КОШ!

Боли мурғи орзуям бишканад ҳам,
Кош, эй кош,
Нашканад боли парастуи баҳорон!

Шохаи боғи хаёлам бишканад ҳам,
Кош, эй кош,
Нашканад шохи анорону чанорон!

Хушкад оби чашми бинои дилам ҳам,
Кош, эй кош,
Дар дили дунё нахушкад чашмасорон!

Хушкад аз таб сабзаи обу гилам ҳам,
Кош, эй кош,
Аз тафи гармо нахушкад марғзорон!

Дар раҳи даргоҳи бахт аз по фитам ҳам,
Кош, эй кош,
Н-афтад аз по шаҳсутуни боми ёрон!

Аз сипеҳр истораам сӯзон фитад ҳам,
Кош, эй кош,
Ҷовидон бошад сипеҳри рӯзгорон!

*Соли 1982*

## САРИ БАРАҲНА

Зи боғи кӯдакӣ, аз шохи навбораш
Ба тоқӣ ғӯраҳое чида будам ман.
Зи сӯзи ташнагии кӯдакии хеш
Ба тоқӣ оби ҷӯ нӯшида будам ман.

Ба мағзи донаи бодом бедона
Таги тоқии худ парварда будам ман.
Нахустин шеърҳои хеш чун тӯмор
Ниҳон дар зери тоқӣ карда будам ман.

Ҳаво додам замоне тоқии худро,
Зи авҷи осмон дигар наомад зер.
Магар чун кӯдакиям аз сари ман рафт?
Магар мурғи ҳаво шуд охир аз тақдир?

*Соли 1981*

## АНДАРЗ

Гӯянд, аз гунаҳ
То ки шавӣ барӣ,
Аз ҳафт рӯди пок
Бояд ки бигзарӣ.

Гӯянд, аз гунаҳ
То ки шавӣ барӣ,
Бар рӯи кӯдакон
Бояд ки бингарӣ.

Гӯянд, аз гунаҳ
То ки шавӣ барӣ,
Бар дашти ташна об
Бояд ки оварӣ.

Гӯянд, аз гунаҳ
То ки шавӣ барӣ,
Дар пушта навниҳол
Бояд ки парварӣ.

Гӯянд, аз гунаҳ
То ки шавӣ барӣ,
Шаб ахтарони нек
Бояд ки бишмарӣ.

Гӯянд, аз гунаҳ
То ки шавӣ барӣ,
Аз ҳар гуноҳи кас
Бояд ки бигзарӣ.

Гӯянд, аз гунаҳ
То ки шавӣ барӣ,
Бояд ғами гунаҳ,
То зиндаӣ, хӯрӣ!

*Соли 1981*

## НИЁИШ

Бигзашт, бигзашт фаррухбаҳорон
Бо озарахше аз кӯҳсорон.
То гул дамад боз аз сангзорон,
Эй абру борон, бошед, бошед!

Бигзашт, бигзашт аз кӯҳу ҳомун
Туғёни Сайҳун, тӯфони Ҷайҳун.
То об монад дар чашми гардун,
Эй чашмасорон, бошед, бошед!

Бигзашт, бигзашт аз ҳар канора
Ринде пиёда, ринде савора.
Дар осмонанд акнун ситора,
Эй раҳсипорон, бошед, бошед!

Бигзашт, бигзашт аз ишқи дерин
Лайливу Маҷнун, Фарҳоду Ширин.
То меҳр бошад пирӯз бар кин,
Эй дӯстдорон, бошед, бошед!

Бигзашт, бигзашт мурғи Самандар.
Кай Рӯдакӣ боз ояд ба минбар?
Дунё ба уммед то рӯзи маҳшар,
Уммедворон, бошед, бошед!

Бигзашт, бигзашт ҷашни хуҷаста,
Аз Борбад монд сози шикаста.
Пайваста дар дил тори гусаста,
Эй дилфигорон, бошед, бошед!

Бигзашт, бигзашт аз чархи ҷовид
Ҳам разми Рустам, ҳам базми Ҷамшед.
То зинда монад ҳамхуни хуршед,
Эй ҳамтаборон, бошед, бошед!

*Соли 1981*

## ШАМЪИ ФУРӮЗОН

Ҳоло ки ҳастам, ҳар ҷо ки ҳастам,
Гаҳ сархушам ман, гаҳ нохушам ман.
Дунё ба дунё, уқбо ба уқбо
Сарбори худро худ мекашам ман.
Эй вой, эй вой,
Эй дил, бубахшой!

Бо сӯгворон, бо сурдорон
Аз шодиву ғам афсурдамат ман.
Бомону шомон бар ташнакомон
Ҳамчун аноре афшурдамат ман,
Эй вой, эй вой,
Эй дил, бубахшой!

Аз ишқу уммед то бахти испед
Умре дар обам, дар оташам ман.
Чун шамъ сӯзам, сад шаб фурӯзам,
Як субҳ худро худ мекушам ман,
Эй вой, эй вой,
Эй дил, бубахшой!

*Соли 1980*

## ДАРАХТИ ХУШКИДА

Дарахте дар канори боғ хушкида,
Сияҳ пӯшида аз рӯзи сиёҳи хеш.
Дигар бо чашми гурмаш гарм натвонад
Фишонад ашк аз ҳоли табоҳи хеш.

Вале бо панҷаҳои сарду урёнаш,
Ҳанӯз ӯ лонаи парранда медорад.
Ҳанӯз аз шохи хушкаш мепарад мурғе,
Ба нӯлаш обу дон аз дур меорад.

Ба сӯяш чӯҷагонаш мекунанд ово,
Пар афшонанд дар хасошёни хеш.
– Чаро нагзошт тухмашро ба шохи сабз? –
Ба худ нолад гаҳе мурғи ҳаво дилреш.

Дарахти хушк то аз шохи бебаргаш
Ба гардун сели мурғак бол накшояд,
Миёни навниҳолон рост хоҳад монд,
Табар бар кундааш ҳаргиз намеояд.

*Соли 1980*

## ГӮШКАШАК

Гар касе соҳиби фарзанд шавад,
Аз насибаш хушу хурсанд шавад,
Офарин хонда кашанд аз гӯшаш.

Гар касе сури мурод орояд,
Бо палав хони кушод орояд,
Офарин хонда кашанд аз гӯшаш.

Гар касе аспи ҷавон зин бизанад,
Ормони дили худро шиканад,
Офарин хонда кашанд аз гӯшаш.

Гар касе ҷомаи нав дӯзонад,
Бар сари худ кулаҳи нав монад,
Офарин хонда кашанд аз гӯшаш.

Гар касе хонаи нав соз кунад,
Сӯи мардум дари дил боз кунад,
Офарин хонда кашанд аз гӯшаш…

То ки саргум нашавад аз шодӣ,
То ки аз худ наравад аз шодӣ,
То ки бошад ҳама соат ҳушаш!

*Соли 1979*

## ДЕВОНАЧИНОР

Девоначинори пири Кӯлоб
Як кунда дарахти поки роҳ аст.
Дар ҷомаи жандаи гумонаш
Дарвеши карахти хоки роҳ аст.

Бо панҷаи шохаҳои хушкаш
Ӯ домани осмон гирифта.
Фарёд кашида ҳамчу гунге
Шӯридадилу забонгирифта.

Дар хоки сиёҳи зиндагонӣ
Истода ба пояи сафедаш.
Бо ёди рамида печ дар печ
Печида ба сояи умедаш.

Аз боди хазони доди худ гич
Гаҳ меравад ӯ пареш арғушт.
Аз кӯргирехҳи шохи андӯҳ
Гаҳ бар сари хеш мекашад мушт.

Девона ба чашм менамояд,
Ҳушёртар аст лек аз мо.
Фарзонатар аст ӯ ба ҳастӣ
Рӯзи баду рӯзи нек аз мо!

*Соли 1979*

## НИҲОЛИ ЗОДРӮЗ

Чун ба дунё омадам, кардам чу чашми хеш боз,
То ки умри ман шавад монанди умри ту дароз.
То ки дасти ман шавад монанди дасти ту фароз,
Дар раҳи дунё туро биншондаанд, эй шаҳчинор!

Мо ки ҳамзодем, бо ту дар замин ҳамрешаам,
Дар ҷаҳони офтобӣ бо ту ман ҳамбешаам,
Бо ту дар марзи дилу дар гӯшаи андешаам
Бешаҳое решаҳое рондаанд, эй шаҳчинор!

Бишканад дасте, ки сӯи боғ мегирад табар,
Бишканад дасте, ки бо ҳам мезанад санги шарар,
То фурӯзад гулхане аз барги сабзу шохи тар.
Хоб мебинам туро афтондаанд, эй шаҳчинор!

Доимо сарсабз бошу доимо поянда бош,
Бо сари сабзидаат сарсабзии оянда бош.
Бо умеди бахти сабзи ман туро, эй зинда бош,
Шаҳсутуни зиндагонӣ мондаанд, эй шаҳчинор!

*Соли 1979*

## СИТОРАИ ДУР

*Дар сӯгвории хоҳари*
*ҷавонмаргам Ӯғулбиҷон*

Модарам, модари азодорам,
Оҳ, аз гиряат чи суд акнун!
Хоҳари паршикастаам, ки парид,
Монд бебозгашт дар гардун.

Оҳ, аз чашми тобнокаш рехт
Вопасин ашки ӯ чу пораи нур.
Бо нигоҳи ғамини худ дигар
Гашт дар осмон ситораи дур.

Солу моҳаш, ки бар гуноҳ набуд,
Ҷовидон шуд фариштаи покӣ.
Оҳ, хуршеди бомдоди сиёҳ
Дар шафақ сӯхт аз аламнокӣ.

Гарчи як тозагул худи ӯ буд,
Лек гулҳои боғи рӯъё ҷуст.
Дигар аз хоки ӯ гули ҳасрат
Бо хумори баҳор хоҳад руст.

Оҳ, модар, марез ашки дареғ,
Бо ту кӯҳу камар кашад афғон.
Хоҳари хуфтаам агар шунавад,
Дар таги хок мешавад гирён.

*Соли 1979*

**АГАР ТАНҲОӢ...**

Агар танҳоӣ,
Аз ҷо хез, як дам бо дарахтон бош,
Бинеҳ сар бар сари зонуи тути пир,
Варо оғӯши гарме чун бародар гир,
Ба ҳоли ӯ даме хомӯш гирён бош,
Ғамат дар ғуссаи он тути пир аз ёд хоҳад рафт!

Агар танҳоӣ,
Аз ҷо хез, як дам дар лаби оби равон биншин,
Варо чун дӯсти дерина деҳ овоз,
Яке рӯ-рӯи оби рӯд санг андоз,
Ба ҷастохези қоли санг фоле бин,
Ки охир сӯзи дерини дилат бар об хоҳад рафт!

Агар танҳоӣ,
Аз ҷо хез, дар шоми ҷудоӣ гулхане афрӯз,
Ба оташ номаҳои хешро афкан,
Ба оташ нолаҳои зори ҷони решро афкан,
Забони оташин омӯз,
Саҳар хокистари андӯҳи дил бар бод хоҳад рафт!

Агар танҳоӣ,
Аз ҷо хез, сӯи осмон бингар,
Ту ҳам фарзанди хуршедӣ, саломаш гӯй,
Чу мурғони хушово аз ҳавои дил мақомаш гӯй,
К-аз ин мурғи дилат охир кушояд пар,
Зи кунҷи синаи тангат ба гардун дур хоҳад рафт!

Агар танҳоӣ,
Аз ҷо хез, дигар бо баҳори нозбӯи хеш,
Дигар бо майсаҳои сабзи мӯи хеш,

Дигар бо абрҳои ёдҳои дури гирёнат,
Дигар бо мавҷи дарёии шарёнат,
Дигар бо кӯҳи кифту офтоби гарми рӯи хеш
Барои хеш дар дунёи поки орзуи хеш
Дунё бош,
Дунё бош!

*Соли 1979*

## РОҲИ ДУР

Падарам дар кашокаши тақдир
Аз дами обу оташи тақдир
Сол то сол мешавад беҳол,
Мешавад пир, мешавам дилгир...

Дар сари пирияш аз ӯ дурам,
Дар шабу рӯзи вай наям ҳозир,
То бигирам зи дасти ӯ коре,
То бигирам зи дӯши ӯ боре,
То мадори дилаш шавам охир.

Ёдам ояд, ки дар лаби Сангоб
Рост истодааст ҳоло ҳам
Он чаноре, ки аз сараш хушкид,
Кард ду дидаи маро пурнам.

Он чаноре, ки бо падар ӯро
Сахт монанд карда будам ман,
Дар гумонам, ғами маро мехӯрд
Ҳамсукути падар шаби рӯшан.

Шом ҳар гаҳ, ки хоб мебинам
Тифлии хешу давраи дерин,
Аз падар бӯи рӯғани мошин
Мерасад бар машоми ман ширин.

То кунун кӯдакона дар хобам
Пурсамаш, ҳамраҳат маро ҳам гир.
Дар раҳи аѓбаҳои кӯҳистон
Эй падар, чун ту мешавам шофир!

Оҳ, аз хонаи падар рафтам
Бо ҳавасҳои содалавҳона.
Балки бо турнаҳо паридам дур
То диёри хаёлу афсона.

Оҳ, ҳар гаҳ агар занад тундар
Бар сари бепаноҳи кӯҳистон,
Ёди шӯри сари падар карда,
Дар дили хеш мешавам гирён.

*Соли 1978*

## МОҲИГИРИ ПИР

Шаст афкандааст бо уммед
Дар Сиёҳоб пири моҳигир.
Сояи хаскулоҳи ӯ дар об
Медамад ҳамчу хаф ба рӯи шир.

Ӯ ба дарёст ҳамдилу ҳамроз,
Ӯ ба дарё шиноси дерин аст.
Об бурдаст чашмҳояшро,
Ғарқи андешаҳои ширин аст.

Шаст ногаҳ кашида шуд андак,
Ӯ кашидаш бурун ба шаст аз об.
Дар сари чангакаш чу сагмоҳӣ
Латтаи ҷиғдае бичаст аз об.

Бо умед аз канори дарё ӯ
Бори дигар ба об шаст афканд.
Хаси дармондаро гирифт аз зеҳ,
Як нигоҳе ба дурдаст афканд.

Лой меомад об аз боло,
Шишаи холие шино мекард.
«– Оби дарё ҳалол буд як вақт! –
Худ ба худ пир бар забон овард.

– Оби дарё зулол буд як вақт,
Дошт гулмоҳии фиребое...»
Раҳмаш омад ба ҳоли дарёяш,
Сӯхт гӯё дилаш ба дунёе.

Моҳие ногаҳон ба шаст афтод,
Ӯ аз ин кӯдакона шуд хурсанд.
Лек бо хайрхоҳие аз нав
Сайди худро зи каф ба об афканд.

Пир дарди ниҳони дил то шом
Гуфт дар гӯши об зери лаб.
Дасти холӣ ба хонааш баргашт,
Мебарад сахт хоби ӯ имшаб!..

*Соли 1978*

## ПАЛАНГИ КӮҲСОРОН

Эй паланги кӯҳсорон,
Раҳ ба раҳ дунболагирӣ
Рӯзии худро далер аз рӯзгорон.
Аз паи нахчири пире
Бигзарӣ аз марғзорон,
Бигзарӣ аз обшорон...

Лек дар қасди ту низ афтода ин дам
Як гурӯҳи навшикорон.
Гушнаиву бонги хашмини ту ояд
Гаҳ зи тори ағба, гоҳ аз зери ғорон.

Гушнаиву нестӣ буз,
То хӯрӣ себаргаву қоқуву торон.

Дар кучҷое бӯ гирифта лаҳми хоме,
Лаҳми доме!
Мечҷаканд аз пуштаҳо сагҳои роме...
Бигзарӣ аз банду полон,
Гоҳ хашмин, гоҳ нолон...

Аз сигори нимасӯзе ногаҳонӣ
Дар бигирад найситон ҳамчун ҷаҳоне.
Мешавӣ тез,
Мезанӣ хез
Аз буни сӯзони найзор,
Барқи чашмат бархӯрад бо барқи ханчҷар,
Мезанӣ дар синаи сайёд ханчҷор.
Захми дандони ту мемонад ба роне,
Дар миёне,
Дар гулӯе.
Захми чанголи ту мемонад ба рӯе.

Бар сари худ тир охир мехурӣ зор,
Мешавӣ аз ҷар сарозер,
Мезанӣ дандон ба дандон,
Меканӣ ҷон.
Мехӯрад куҳсор ҳам тир!

Пӯстатро мекашад як рӯз бар тан
Шаҳрие дар барфу борон.
Бӯй гирад мурдаи нахчири пире
Бе ту андар кӯҳсорон.

*Соли 1978*

## ЧАШМАИ БАЛХОБ

Ту бо оби зулоли худ, ки ҳамчун шираи ток аст,
Ту бо оби ҳалоли худ, ки ҳамчун шири гул пок аст,
Умеду ормонам бахш, эй чашма,
Тавонам бахш, эй чашма!

Дилу ҷон дар табу тобе
Барои қатраи обе
Чу гунҷишки ғарибе ташна меоям қарибы ту,
Пару боле ба сӯи осмонам бахш, эй чашма!

Ту обу ранги рӯзу обрӯи рӯзгоронӣ,
Ту дар абри хаёли ман фарози кӯҳсоронӣ,
Таровишҳои нури чашми обии баҳоронӣ,
Дурахши шабнами гулҳои торонӣ,
Ба сони бахти нӯшин нӯши ҷонам бахш, эй чашма!

Туро дар хоб мебинам,
Туро лабрез дар шаҳкосаи маҳтоб мебинам,
Ҳама истораҳоро чакраҳои об мебинам.
Агар таъбири хоби об бошад рӯшании дил,
Фурӯғе дар булури дидагонам бахш, эй чашма!

Манам носер аз оби ту чун Сангоб,
Замини синаамро аз ту умре мекунам шодоб,
Биёбам ҳамчу фарзанди ту обу тоб,
Ба боғи дил ман аз ту мекашам ҷӯе
Нумӯ бар решаҳову шохагонам бахш, эй чашма!

Туро аз буттаҳои хорҳову майсаҳои ёс,
Туро аз навдаҳои пургули гелос,
Туро аз сабзаю ҳулбӯ,
Туро аз рошаку қоқӯ

Пас аз садсолаҳо ҳам мекунам эҳсос,
Ҳаёти ҷовидонам бахш, эй чашма!
Нишоти ҷовидонам бахш, эй сарчашмаи Балхоб,
Ки бе оби ту дунё мечакад дар коми ман талхоб!

*Соли 1978*

## ШАҲРИ РУСТОӢ

Аз ту бӯи деҳа ояд, шаҳри ман,
Аз ту ояд бар димоғам бӯи шир,
Аз ту ояд бӯи гулҳои адир,
Аз ту ояд бӯи рову бӯи сир.

Ёди саҳрои гулафшон мекунад
Мардуми саҳроии ту ҳар баҳор.
Дар хаёли дури худ, дар хоби худ
Дона мепошад ба хоки зарнисор.
Гарчи ҳар кас шаҳриёрӣ мекунад,
Лек мепурсад зи абри даргузар
Резаборонҳо ба рӯи боғу роғ,
Резаборонҳо ба кишти барзгар.

Шаҳрванди хоксорат, шаҳри ман,
Бӯи хоки кишти армон мекунад.
Хок мепошад ба захми тозааш,
Дарди худ бо хок дармон мекунад.

Сахт бо локии деҳқонӣ ҳанӯз
Пири донои ту мебандад миён.
Гоҳ онро ҷонамози худ кунад,
Гоҳ нони хеш печонад дар он.

Дар бари девори худ мӯҳри тапак,
Мӯҳраи тӯмори худ дар шохи гов,
Аз хасу хошоки деҳ, эй шаҳри ман,
Дар танӯри синаат дорӣ алов.

Осиёбат бод гардон, шаҳри ман,
Эй сиришти покат аз хоки баланд!
То кунун боғи дили фарзанди ту
Мехӯрад об аз дами белу каланд.

Хирманат пур бод, эй Кӯлоби ман,
Шаҳри сабзи рустоии дилам!
Кош, дар боми ту рӯяд лолае
Аз баҳори тозаи обу гилам.

*Соли 1977*

## ГАРМО

Мевазад боди гарми тобистон
Сӯи Сангоб хаставу бетоб.
То нахустин таронаи борон
Дигар аз пуштаҳо наояд об.
Аз паи кӯдакони бесомон
Қад-қади кӯча чанг мехезад.
Зани пире ба остин худро
Дар таги тут бод мебезад.

Аз дами гарми офтоби ноб
Офтоба ба ҷӯш меояд.
Ногаҳон бонги ташти беобе
Аз куҷое ба гӯш меояд.

Рафта шабмондае ба хоби рӯз,
Даст бар гардани кадуи об.
Дар сари чорроҳа гардон аст
Даст бар дасти кас сабӯи об.

Кӯдаке бо умед боронро,
Об ҳар сӯ зада, талаб дорад.
Бо таманнои кӯдакон гӯё
Резаборони гарм меборад.

*Соли 1977*

## ЭЙ ВАТАН!

Эй Ватан, гар як дам аз ёдам барой,
Дар хами дунё даме ҷое надорам,
Як замон бекӯҳсорам,
Як замон беобшорам.

Эй Ватан, гар як дам аз ёдам барой,
Аз сари ман мепарад ҳӯш,
Як замон худро кунам дар худ фаромӯш,
Як замон гардад дилам дар сина хомӯш.

Эй Ватан, гар як дам аз ёдам барой,
Рӯзи рӯшанро набинад чашми торам,
Фарди берӯзияму берӯзгорам,
Дар ҷаҳон имрӯзу фардое надорам.
Эй Ватан, эй сарзамини офтобӣ,
Гар барой як дам аз ёди харобам,
Як замон безиндагиву бесуробам,
Як замон беофтобам!

*Соли 1977*

## ОШЁНИ МЕҲР

Бе ту ман беостонам, эй Ватан,
Бе ту ман беосмонам, эй Ватан.
Ҳастии ман ҳаст дар ҳастии ту,
Бо ту бошам, як ҷаҳонам, эй Ватан!

Бо ту бошам, гӯиё тифлам ҳанӯз,
Дар ҳама гаҳвора хуш хобидаам.
Алла мегӯяд ҳама модар маро,
Ҳар якеро ҷону нури дидаам.

Бо ту бошам, гӯиё дар ҳар куҷо
Ошно дар чашми ҳар бегонаам.
Бо ҳама кас ҳамнишину ҳамнасиб,
Бо ҳама кас ҳамраҳу ҳамхонаам.

Бо ту бошам, мерасад бӯи замин,
Менамояд ҳафт ранги осмон.
Кӯҳ сабзад ноаён дар рӯҳи ман,
Рӯд ҳамчун дӯст хонад достон.

Бе ту ман берӯзгорам, эй Ватан,
Бе ту ман бекӯҳсорам, эй Ватан.
Бе ту дар худ нестам ман, нестам,
Бо ту кӯҳи пойдорам, эй Ватан!

*Соли 1976*

## ДУОИ РОҲ

Мон ки борон бафайзтар борад
Бар сари боғу роғи кӯҳистон.
Мон ки печон баландтар сӯзад
Гулхани суру оташи чакдон.

Мон ки ронад амиқтар реша
Дар замин шоҳтуту шоҳанҷир.
Мон ки умри дарозтар бинад
Дар бари роҳ шаҳчинори пир.

Мон ки серобтар шавад Ҷайҳун,
Мон ки тезобтар равад Сайҳун.
Мон ки ояд ба ёд рангинтар
Қиссаи ишқи Лайлию Маҷнун.

Мон ки гандум ба киштаи деҳқон
Хӯшаҳои бузургтар бандад.
Мон ки умре зи давлати хуршед
Бахти мардум сафедтар хандад.

Мон ки гардад баландтар гардун,
Мон ки дунё кушодтар бошад.
Кӯдаке боз роҳгардон шуд,
Роҳи ӯ, кош, бехатар бошад!

*Соли 1976*

## КАДХУДО

Пештар аз шахчинори кӯҳсор
Аз замини зиндагӣ сабзидаам,
Бештар ман навбаҳорон дидаам.

Пештар аз қуллаҳои кӯҳсор
Сарбаландиҳои худ афзудаам.
Бештар ман сар ба гардун судаам.
Пештар аз рӯдҳои кӯҳсор
Хуни рагҳоям ба исён омада,
Бештар шӯридаву туғён зада.

Пештар ман аз уқоби кӯҳсор
Боли симурғии дил во кардаам,
Бештар парвози дунё кардаам...

Дар сириштам обу хоки кӯҳсор,
Оташи ҷовиди он дар ҷону тан,
Кадхудоӣ мекунам ман дар ватан!

*Соли 1974*

## РОҲИ УМЕД

Падарам, боз ба роҳи сафарӣ,
Дур аз пуштаву тал мегузарӣ.
Даст бар чанбари фармон дорӣ,
Пой сӯи раҳи армон дорӣ.
Ба раҳи чарх чу чархи мошин
Сари гардон дорӣ.

Ба раҳи дуру дароз,
Ба раҳи шебу фароз
Хешро судаӣ, оҳ!
Ба сар андешаи дунё умре,
Ба дил ангезаи фардо умре
Роҳ паймудаӣ, оҳ!

Ҳар замон лаб-лаби ҷар,
Ҳар замон дар сари ҳар ағба хатар
Ҳаст домангират.
Раҳи пурпечи ҷаҳон месипарӣ
Чу раҳи тақдират.

Падарам, боз ба роҳи сафарӣ,
Бори мошинаат афзуну гарон,
Бор бар дӯши ту бори дигарон,
Бор қарзи падарӣ...

Падарам, ҷон падарам, кош, эй кош,
Зи раҳи дур саломат ойӣ,
Ки дами дар ба умед
Боз дорем туро раҳпойӣ,
Ҳама як хона пури фарзандат,
Ҳама як хона пури дилбандат...

*Соли 1974*

**ҲАМДИЁР**

Бӯи шудгор аз ту меояд,
Мечакад об аз ҷабини ту.
Ҳамчу кундакафони нерӯманд
Барзада доим остини ту.

Аз сукути ту мерасад бар гӯш
Шавшуви оби рӯди кӯҳистон.
Дар лабони ту гарм мепечад
Чун ниёиш суруди кӯҳистон.

Чашми тези ту оташак дорад,
Оварад ёд навбаҳороне,
К-андар оғӯши пуштаҳо аз барқ
Синачок аст абри боронӣ.

Дар забонат забонаи рӯшан
Мезанад гулхани шаби чӯпон.
Орзуи шукуфтаӣ дар дил,
Ормони нуҳуфтаӣ дар ҷон.

Бо тамоми вуҷуди худ умре
Сахт бо кӯҳсор пайвандӣ.
Гоҳ бар қуллаҳои сарафроз,
Гоҳ бар обшор монандӣ.

Ҳамдиёрам, ба ҳар куҷо бошӣ,
Зинда ҳастӣ ба ёди кӯҳистон.
Бехи гӯши ту мекашад ҳуштак
Аз ҳама гӯша боди кӯҳистон.

*Соли 1973*

## ФОЛБИН

Фолбинзан бо дуои зери лаб
Мекушояд суфраи худ сӯи кас.
Орд мебезад ба кифти кас аз он,
Об мепошад аз он бар рӯи кас.

Ӯ сипас дар пораи ойинае
Ҳамчу бар ойинаи дил бингарад.
Як нафас хонад парии хешро,
Як нафас ҳуш аз сари ӯ мепарад.

Гоҳ гирад фол аз як каф намак,
Гоҳ бинад фол бар як коса об.
Гоҳ чинад чанд сангакро қатор,
Гоҳ созад мӯҳраи худро ҳисоб.

Меканад аз остинаш риштае,
То бубандияш ба шохи сарви деҳ.
Мекушояд тору пуди хешро,
То кушояд аз дили мардум гиреҳ.

Бар дари ӯ ҳар кӣ ояд бо умед,
Фолбинзан мекушояд фоли нек.
Дар дили мардум фурӯзон мекунад
Шамъи пок аз суфраи иқболи нек.

*Соли 1973*

## НОБИНО

Бо асо пирамарди нобино
Роҳи ҳамвору рост мекобад.
Ҳеҷ гаҳ ӯ намезанад раҳгум,
Роҳи даргоҳи хеш меёбад.

Ашк печад ба дидаи ӯ низ,
Талх мегиряд аз ғами ёрон.
Чашми ӯ низ роҳ мепояд,
Бингарад зор сӯи гулзорон.

Ӯ ба чашми дили ҷаҳонбинаш
Фарқи ранг аз ду ранг медонад.
Ҳарф бо ҳарф, бо сари ангушт
Номаи ёри дур мехонад.

Офарин, офарин ба нобино!
Чунки мо бо ду дида, эй мардум,
Дӯсти хеш гоҳ нашносем,
Рӯзи рӯшан занем гаҳ раҳгум.

*Соли 1973*

## ХОБИ НЕК

Хоб мебинӣ агар,
Мепарӣ дар осмон бе болу пар.
Хоби неке:
Мешавӣ аз кори хайре сарбаланд!

Хоб мебинӣ агар,
Мезанад ангушт бар дар раҳгузар.
Хоби неке:
Мебиёяд меҳмони арҷманд!

Хоб мебинӣ агар,
Гулхану ойинаву оби равон.
Хоби неке:
Мекунӣ рӯшан дили пиру ҷавон!

Хоб мебинӣ агар,
Досу ханҷар,
Ҳамсари ҳамсоя меёбад писар!

Хоб мебинӣ агар,
Мӯҳраву ангуштару лабчангу даф,
Духтаре ояд зи модар
Ҳамчу гавҳар аз садаф!..

Хоб мебинему меёбем зуд
Инчунин ҳар гуна таъбири варо.
Лек, эй мардум, ба бедорӣ чаро
Рӯзи рӯшан ҳар чи мебинем гиҷ,
Ё намекобем ҳеҷ,
Ё намеёбем ҳеҷ
Аз ҷаҳон таъбиру тадбири варо?

*Соли 1973*

## АФСУН

Сеҳргар найрангҳо меофарад,
Дар даҳони хеш машъал мениҳад.
Дар канори боғи ҷодуии ӯ
Беди бебар себ ҳосил медиҳад.

Сеҳргар аз оташи чашмони худ
Мекунад ойинаро оби равон.
Дар кафи ӯ мум гардад хорасанг,
Менамояд пирро як дам ҷавон.

Сеҳргар бим орад, ангезад шигифт
Бо ҳама афсуни рангоранги хеш.
Лек мо аз вай басо соҳиртарем,
Ғофил аз неку бади найранги хеш.

Гаҳ зи рашку кинарониҳои мо
Марди дунёгир меафтад зи по.
Гаҳ зи меҳру меҳрубониҳои мо
Мурдаи садсола мехезад зи ҷо!

*Соли 1972*

## МОРБОЗ

Мекашад най пирамарди морбоз
Чорзону шишта болои намад.
Мори айнакдори хуфта ногаҳон
Каллаи худ мебарорад аз сабад.

Медурахшад рост сӯи морбоз
Чашмҳои сеҳрноки рӯшанаш.
Гоҳ мелағжад ба рӯи морбоз,
Гоҳ мепечад ба гирди гарданаш.

Бо навозишҳои ширин морбоз
Мори хашминро ба бозӣ оварад.
Бо навои дилгудозу дилнавоз
Кинаро аз синааш берун барад.

Аз чунин афсунгарии морбоз
Одамон ангушти ҳайрат мегазанд.
Чунки мо ҳарчанд дилҷӯӣ кунем,
Душманони морсират мегазанд.

*Соли 1972*

## КОСАИ ОБ

– Об аввал аз они хурдон аст! –
Пандамон пири раҳнамо медод.
Аз лаби чашма худ нанӯшида
Косаи обро ба мо медод.

Лаззати оби зиндагониро
Мо аз ин нӯшкосаҳо дидем.
Чун ниҳолони кундапайвандӣ
Бо сари сабзи хеш сабзидем.

Лек, ҳамсолҳои ман, акнун
Ташнае об додаед оё?
Сӯи боғи диле аз ин ҳикмат
Ҷӯи ҳиммат кушодаед оё?

*Соли 1972*

# ОШЁНИ СИМУРҒ
## *(Силсила)*

### ОБИ ПОК

Панҷ, эй рӯди бузурги эзадии поки кӯҳистон,
Мезанам як панҷа обатро ба рӯи хоки кӯҳистон,
Мезанам як панҷа обатро ба рӯи тобасанги кӯҳ,
Мезанам як панҷа обатро ба рӯи роҳи танги кӯҳ.
Мезанам як панҷа обатро ба рӯи киштаи гандум,
Мезанам як панҷа обатро ба рӯи тозаи мардум,
Мезанам як панҷа обатро ба рӯи остони деҳ,
Мезанам як панҷа обатро ба рӯи гарми нони деҳ,
Мезанам як панҷа обатро ба рӯи рӯшани хуршед,
Мезанам як панҷа обатро ба рӯи хеш бо уммед,
То ки сабзад зиндагонӣ ҷовидон аз хоки кӯҳистон,
Панҷ, эй оби дуо дар панҷаҳои поки кӯҳистон!

*Соли 1976*

### БАДАХШОН

Эй Бадахшон, дар дили фарзанди худ
Чун умеду ормон ҷо гаштаӣ,
Чун хаёли бекарони зиндагӣ,
Чун замину осмон ҷо гаштаӣ.

Аз кафи ӯ донаи гандум ба хок
Мешавад чун резарегат чош-чош.
Оби пешонии ӯ дар санглох
Мешавад чун резаборон пош-пош.

Дар фарози ағбаҳо сар мешавад
Осмон аз остони хонааш.
Ҳамчу аз кифти баланди кӯҳҳо
Мебарояд офтоб аз шонааш.

Дар сиришташ обу хоки поки ту,
Дар ҷабинаш сарнавишти сангҳо.
Ҳамчу аз чашми умеди чашмасор
Аз нигоҳаш метаровад рангҳо.

Бодҳои гӯшаи андешааш
Мевазад аз ёдҳои кӯҳсор.
Аз баландиҳои хомӯшии ӯ
Мерасад фарёдҳои кӯҳсор.

Мекушояд дар лаби оби равон
Хоби худро ҳамчу хоби қуллаҳо.
Гирад ӯ пешомадашро пешвоз
Дар раҳи пурпечу тоби қуллаҳо.

Ӯ ба сони кӯҳ дорад ҷовидон
Орзуи зиндагии содаат...
Эй Бадахшон, дар бари дунёи ту
Як Бадахшон аст ҳар як зодаат!

*Соли 1976*

## ХОНАИ ПОМИРӢ

Хонаи ростини помирӣ
Хонаи устувори сангин буд.
Дар бари бораи баланди кӯҳ
Қалъаи рӯзгори сангин буд.

Хонаи бетирезаи торик
Дошт танҳо ба боми худ равзан.
Дошт аз сояи гарони кӯҳ
Сӯи хуршед дидаи равшан.

Зери як боми орзу мезист
Аҳли як хонаводаи мардум.
Тангии рӯзгор мелағжид
Аз ҷабини кушодаи мардум.

Зиндагӣ меҳру кинаи худро
Гирди як хона гарм меварзид.
Ҳам зи қаҳ-қоҳу ҳам зи оҳу воҳ
Шифти як хона сахт меларзид.

Байни дунёву хонаи мардум
Буд як дар кушодаву баста.
К-аз равуои рӯзгорон дошт
Дар лаби хеш нолаи хаста.

Чор сӯи ҷаҳони фониро
Чор девори хонаи кас дошт.
Чор паҳлӯи зиндагониро
Зиндагии ягонаи кас дошт.

Хонаи чорчӯбаи ҳастӣ
Бор бар дӯши панҷ устун буд.
Бар сари сахти мардуми Помир
Боми он боми сабзи гардун буд.

*Соли 1976*

## ДЕҲИ КӮҲСОР

Деҳи хурду калони кӯҳистон
Бар-бари кӯҳ, лаб-лаби дарёст.
Деҳи хурде ҳазору як ҳастӣ,
Деҳи хурде ҳазору як дунёст.

Деҳае бо ду-се дару бомаш
Хешро ҳеҷ кам намедонад.
Бо ҳама саргузашти деринаш
Балху Чочу Хуҷандро монад.

Деҳае дар канори танги кӯҳ
Ҳамчу шаҳри бузурги беғавғост,
Ҳамчу шаҳри бузурги бебозор,
Гарчи ӯро басо сару савдост.

Бармаҳал хоб меравад ҳар шаб
Мардуми деҳа бо ғами фардо.
Пешвоз офтобро гирад
Бо дами тозааш дами фардо.

*Соли 1976*

## ПИРАМАРД

*Барои бобои Мушк*

Ӯ пири пирҳост, ӯ пири порсост,
Бо пои худ ҳанӯз дар роҳи худ равон.
Бас деҳаи дара, бас нову шаршара
Кӯли Сарез ҳам бошад аз ӯ ҷавон.

Бас пири кӯҳсор бошад наберааш,
Рақсида масту шӯх дар тӯйҳояшон.
Ҳангоми пешвоз, ҳангоми хайрбод
Бӯсида чун падар аз рӯйҳояшон.

Гаҳ мешавад хиҷил аз он ки зиндааст,
Зеро намондаанд ёрону ҳамраҳон.
Бо марги худ яке пӯшид чашми хеш,
Бигзашт дигаре бемарг аз ҷаҳон.

Аммо ҳанӯз ҳам қаддаш нагашта хам,
Носер чашмҳош аз ранги осмон,
Носер гӯшҳош аз сози «Даргилик»...
Осон набошадаш дил кандан аз ҷаҳон!

*Соли 1976*

## ПЕШПАРВОЗ

*Ба ёди нахустин ҳавонавардони раҳкушои*
*Бадахшон, ки ба шикаст дучор омадаанд.*

Ба кӯҳистон, ба сӯи осмони эзадии он
Шумо ҳамболи мурғи оҳанинпар бол бикшодед,
Шумо ҳамчун уқобоне, ки бар шах сарнагун оянд,
Фарози кӯҳҳо чархе зада бар сахра афтодед.

Чу мурғоне, ки сӯи рушноӣ шаб пар афшонда
Сари худро зананд охир ба фонӯси раҳи тақдир,
Ба пиндорам, ки шаҳболи шумо бархӯрд бар хуршед
Фарози кӯҳҳо дар осмони нилии Помир.

*Соли 1976*

## КИШТ

Дар Бадахшон, дар канори кӯҳсор
Пирамарди рӯстоӣ ҳар баҳор
Гӯшаи танги заминро то ҳанӯз
Мекунад шудгор бо гову сипор.

Санг мечинад ба доман то ҳанӯз
Аз замини сахти бобоии хеш.
Хок меорад ба доман то ҳанӯз
Сӯи марзи лухти бобоии хеш.

Гар замини хурди пеши хонааш
Хушку бешудгор монад як баҳор,
Дар хаёли содаи хокии ӯ
Ними дунё монад аз кишту шиёр.

*Соли 1976*

# ОШЁНИ СИМУРҒ

Ошёни куҳани Симурғ аст
Кӯҳсорони баланди Помир.
Абр дар ағбаи гардун дорад
Резаборони баланди Помир.
Парфишон аз сари кӯҳи Қоф аст
Обшорони баланди Помир.
Аз дили санг ба парвоз ояд
Навбаҳорони баланди Помир.
Сабзад аз домани сабзи гардун
Сабзазорони баланди Помир.
Мезанад бол ба сӯи хуршед
Рӯзгорони баланди Помир!

*Соли 1976*

# КАЙФАР

Гар занад бонг кӯҳро ҳар кас,
Бар сараш тармасанг меафтад.
Гар занад паст кӯҳро ҳар кас,
Аз лаби ҷар гаранг меафтад.

Гар кунад ҳар кӣ ғажду лойолуд
Оби сарчашма, оби сарҷӯро,
Кӯзаи ӯ ба санг хоҳад хӯрд,
Меканад сел киштаи ӯро.

Гар касе дар танӯри даргоҳаш
Оташи покро надорад пос,
Барқи гардун варо занад бар сар,
Санги тундар варо фитад бар кос.

Гар касе бар замини кӯҳистон
Дона аз дасти худ наафшонад,
Сахт ҷунбад замин таги пояш,
Зери девори хеш мемонад.

Ҳар кӣ аз кӯҳ дил канад, ӯро
Дар сари аґба мезанад тӯтак[1]
Мурғи хуншори ҷони ӯ дар хок
Аз дами кӯҳ мезанад лутак![2]

*Соли 1977*

## СӮГВОРӢ

Дар Бадахшон мардуми мотамсарой
Аз паси тобут гиряд ҳой-ҳой!
Пирҳо танбӯри мотам мезананд
Мекашанд овозҳо: «– Эй вой, вой...

Боз як фарзанди кӯҳистон гузашт,
Боз як сарчашмае хушкид, оҳ!
Боз зери по замин ҷунбид, оҳ!
Боз шахсанге зи кӯҳ афтид, оҳ!

Боз гум шуд пайраҳе то қуллае,
Шишаи қалбе ба санге зор зад.
Ханҷаре аз дасти ҳастӣ шуд раҳо,
Бо садои тези худ бар ғор зад.

Боз аспе бесавораш монд, оҳ!
Боз чуғзе бар лаби боме нишаст.
Ҳамчу як тухми зари Симурғ боз
Офтобе бар сари санге шикаст.

Боз як фарзанди кӯҳистон гузашт,
Сар ба санге ҷовидонаш хоб бурд.
Меҳри ӯ бо зиндаҳо барҷой монд,
Қисмати ояндаашро об бурд...»

---

1. Тӯтак – дами кӯҳ, ки ногаҳон касро дамгир мекунад.
2. Лутак задан – ғел задан, хоклутак.

Пирҳо танбӯри мотам мезананд,
Аз паси тобут монда дилфигор,
Ашкҳои чашмашон хушкидаанд
Аз фиғону гиряҳои зор-зор.

То баландии баланд аз абрҳо
Мебаранд оҳиста тобути гарон.
Гӯиё дар осмон аз тори кӯҳ
Меравад тобут сӯи бекарон.

*Соли 1977*

## РОЖ

Деҳае дар тори кӯҳ аст,
Борааш девори кӯҳ аст.
Гарчи якчанд остон аст,
Як ҷаҳон аз бостон аст.
Зодааш аз погаҳи вай
Сӯи дунё мезанад пай.
Ҳафт то ҳафтод пушташ
Бурда хокашро ба мушташ.
Хоки он ин сон намонда,
Ғайри санги он намонда.
Дар ҳама саҳрои дуре,
Дар ҳама паҳнои дуре
Гӯиё дар ҳафт иқлим,
Дида фоли неки тақвим,
Дар хаёл аз гандуми Рож[1]
Дона корад мардуми Рож.
Як замон ин гуна гӯё
Гаштааст оғоз дунё
Аз деҳи хурди кӯҳистон,
Балки аз як хонаи он!

*Соли 1983*

1. Рож – Роғ.

## РАҚСИ ПИР

Даф занед, эй моҳрӯён,
Каф занед, эй шоҳрӯён!
Рақс дорад пири пирон,
Шоҳи шоҳон, мири мирон,
Шукр дорад, боз ид аст,
Боз то шогун расидаст.

Гаҳ ба зону мезанад ӯ,
Гаҳ ба гардун оварад рӯ,
Дастафшон, чархгардон,
Пойкӯбон, марди мардон
Шукр дорад, дар замин аст,
Бар сараш чархи барин аст.

Гаҳ чу шаҳтири ҷувозе,
Гирд мегардад ба бозӣ.
Гаҳ чу дарё печу тобе
Мехӯрад ӯ бо шитобе.
Шукр дорад, Панҷ ҷорист,
Умри ӯ ҳам рӯдборест.

Гаҳ занад бар тор нохун,
Гаҳ занад санги фалохун.
Гоҳ гӯӣ шаҳсувор аст,
Дар саманди зарнигор аст.
Шукр дорад, дар ҳаёташ
Аз ҷавонӣ монда оташ.

Бо навоҳои баму зер
Дасту пое мезанад пир
Ҳамчу тифли ширхора
Гӯӣ аз умри дубора.
Даф занед, эй моҳрӯён,
Каф занед, эй шоҳрӯён!

*Соли 1983*

## БАХТИ ХАНДОН

Он кӯҳзодагон, ки ба каф ҷони поки хеш
Дар корзор бо нафаси тобноки хеш
Аз бомдодҳои Бадахшон гузаштаанд,
Чун озарахшҳои дурахшон гузаштаанд.
Акнун дар Осмондара онҳо ситораанд,
Бо сӯзу сози хеш саропо шарораанд.
Дар синаҳо забонаи оташ ҳанӯз ҳам,
Дар дидаҳо фағонаи оташ ҳанӯз ҳам,
Ҳар шаб ба сӯи ҳар дара наздик мешаванд,
Хурду бузург яксара наздик мешаванд.
Гулҳои гулхани дили сӯзони кӯҳсор
Бӯянд аз чароғи фурӯзони кӯҳсор.
Чун шабчароғ дар кафи барги кабуди шаб
Ашки ситораанд ба буду набуди шаб.
Бахте ба зиндагонии худ чун надидаанд,
Осоише ба гардиши гардун надидаанд.
Оянд аз сипеҳр ба боли ситораҳо
Ҳамчун фариштаҳо ба сари гоҳвораҳо,
То нӯшхандҳо бикунанд аз шарораҳо
Дар хобҳои рӯшани худ ширхораҳо.

*Соли 1984*

## ШАҲРИ ОФТОБ

Шаҳри Хоруғ рӯ ба рӯи офтоб аст,
Мардуми ӯ по ба кӯи офтоб аст.
Медамад аз бораи кӯҳаш сапеда,
Парфишон гӯё ки кӯи офтоб аст.
Оби поки Ғунд ҳамчун рӯшноӣ
Сӯи ӯ ҷорӣ чу ҷӯи офтоб аст.
Мардумаш роҳи саҳарро мезанад об,
Бар сараш гӯё сабӯи офтоб аст.

Аз ҳазориспанди шогун бӯи оташ
Бар димоғи ӯ чу бӯи офтоб аст.
Дар танӯри гарми аз оташ сапедаш
Нони гирдаш ҳамчу рӯи офтоб аст.
Навдаи шамшодҳои сарбаландаш
Ҳамчу дасти ӯ ба сӯи офтоб аст.
Арғувонаш як қалам аз шохаи нур,
Нокаш аз бӯи накӯи офтоб аст.
Дар баландии Бадахшон шаҳри сангин
Пойтахти орзуи офтоб аст.
Санг ҳам сабзад ба сангистони сабзаш,
То баҳор асту нумӯи офтоб аст.

*Соли 1984*

## ЗОДГОҲИ МЕҲР

Эй Бадахшон, зодгоҳи офтоб,
Эй Бадахшон, зодгоҳи зиндагӣ,
Дар паноҳи кӯҳсори хештан
Зиндаӣ чун дар паноҳи зиндагӣ.
Сар-сари шах, бар-бари ҷар бигзарад
Оврингат ҳамчу роҳи зиндагӣ.
Пирях аз хоби сабзи ағбаат
Мешамад бӯи гиёҳи зиндагӣ.
Гавҳари чашми кабуди чашмаат
Медурахшад дар нигоҳи зиндагӣ.
Зери бори ҳастии сангини хеш
Мекашад санги ту оҳи зиндагӣ.
Хуни гарми офтоб аз лаъли ту
Мечакад ҳамчун гувоҳи зиндагӣ.
Мекунад андоваи хокат сафед
Хонаи рӯзи сиёҳи зиндагӣ.
Мешавад дар оташи поки ту пок
Зиндагонӣ аз гуноҳи зиндагӣ.
Шоҳ меномӣ ҷигарбандони хеш,
То ҳама бошанд шоҳи зиндагӣ.
Менишонӣ бози давлат аз ҳаво
Бар сари ҳар некхоҳи зиндагӣ!

*Соли 1985*

## ГУЛХАНИ ЗИНДАГӢ

Дар Бадахшон, дар баландии баландиҳои дур
Санг дар болои сангу кӯҳ дар болои кӯҳ.
Сояи сангини шах дар пояи сангини шах,
Бори дӯши осмон дар гардани волои кӯҳ.

Хоби хороии хам дар қоби хороии хам,
Абрҳои саргарон печида дар пиндорҳо.
Пушти лӯчи пуштае дар зери кӯчи пуштае,
Оҳи сарди бод месӯзад гулӯи ғорҳо.

Теғаҳо сойида дар харсангҳо теғи нигоҳ,
Дар лаби чарҳои ғамгин сангпарҳои дареғ.
Аз фарози ағбаҳои дур сӯи бекарон
Мезанад хомӯшии сангини кӯҳистон чириғ.

Не уқобе парфишону не заранге[1] саркашон
Дар баландиҳои сангини бузургиву шукӯҳ.
Лек дар як шах буни ях зиндагӣ афрӯхта
Ҳамчу гулхан чодари сурхи ҳавосанҷони кӯҳ.

*Соли 1985*

## ПИРОНИ ПОМИР

Эй шумо, пирони Помир,
Кӯдакони содаи афсонаҳоед,
Зиндагӣ доред дар афсонаи худ,
Зодаи афсонаҳоед.

Тарма аз кӯҳе фарояд,
Пешвозаш мебароед
Ҳамчу аз афсонаи худ,
То амон ёбанд мардум
Зери боми хонаи худ.
Тарма гӯё аз барои пир ояд,

1. Заранг – дарахти сахтҷони кӯҳистон.

Бар сари пир аз сари Помир ояд,
Ҳамчу аз тақдир ояд...

Роҳҳои кӯҳҳоро гар канад сел,
Гар пули ларзони рӯдеро барад об,
Аз сари худ тоқии худро бигиред,
То кунедаш бар сари селоб партоб.
Сел аз он гӯё раҳи Помир бандад,
То ба дашт аз кӯҳ роҳи пир бандад,
Чун раҳи тақдир бандад...

Солҳои навҷавониҳои худро
То кунун дар ёд доред,
То кунун бар ёд оред
Солҳоеро, ки мардум кӯч бастанд
Аз диёри худ ба сӯи водии Вахш,
Аз паи ободии Вахш.

Ҳамчу пирони батабдир
Бо ҷавонони Ватан пирони Помир,
К-орзуманди замин дар кӯҳ буданд,
Бо каланду бели худ ҳамчун ба нохун
Марзҳои нав кушуданд.

Аз ҳавои гарм охир,
Дар замини нарм охир
Бе шамоли домани кӯҳ
Дар кафи тафбод ҷони худ супурданд.
Ташналабҳои яхоби тармаи шах
Оби зак хӯрданду мурданд.

Лек, эй пирони Помир,
То кунун дар марги пирони фирорӣ
Чун ба марги зиндагӣ бовар надоред.
Ғайри кишти сабзи пирони фирорӣ
Дар ҷаҳон афсонаи дигар надоред.

То кунун монед ҳамчун посдорӣ
Пораи нонро ба оби Панҷи ҷорӣ,
То барад онро ба пирони фирорӣ.
Гӯӣ ин дарё ба он дунё равона
Аз баландиҳои Помир, аз фасона...

*Соли 1987*

## БОЛИ ДИЛ

Сӯи Шуғнон, ба зодгоҳи хеш
Понздаҳ сол шуд, намеояд.
Дар ҳавои баланди кӯҳистон
Дили сусташ дигар намепояд.

Дар ҳавои гарони шаҳри танг,
Дур аз деҳи барҳавои худ
Понздаҳ сол шуд, намеёбад
Аз ягон ҷо ягон давои худ.

Понздаҳ сол шуд, ки бо андӯҳ
Мекунад хонаи падарро ёд.
Дари фарсудааш ба гӯши ӯ
Мекашад то ҳанӯз ҳам фарёд.

Понздаҳ сол боз дар хобаш,
Дар ҳавои баланди деҳи ӯ
Парфишон аст як уқоби пир,
Парфишон аст чун шабеҳи ӯ.

Ногаҳон аз ҳаво ба санг ояд,
Мешавад пора-пора якбора...
Як қад аз хоб ҷаста мехезад
Бо дили лахт-лахт бечора.

Мепарад ранги рӯи ӯ аз бим
Ҳамчу хоби парида аз чашмаш.
Гӯиё мефитад ситораи ӯ
Ҳамчу ашки чакида аз чашмаш.

Гарчи дур аст аз Бадахшон, лек
Нест аз он ҷудо умеди ӯ.
Дар сари кӯҳ барф агар борад,
Мезанад бар сари сафеди ӯ.

Ҳар қадам дар хаёлҳои хеш
Ҷон ба каф меравад ба кӯи ватан.
Ҳамчу дар хоби понздаҳсола
Мепарад дури дур сӯи ватан,

То ки кӯҳу тали Бадахшонро
Зери боли бузурги дил гирад.
То ки ҳамчун уқоби пир охир
Дар ҳавои баланди он мирад.

*Соли 1987*

## ДУХТАРИ ЗАРДУШТ

Духтари зебои Зардушт,
Меравӣ чун оташ арғушт.
Ҳамчу чарсочарси гулхан
Мезанӣ чарсак ба ангушт.

Даф садо дорад баму зер,
Най адо дорад баму зер.
Ҷон ҷудо дорад паропар,
Дил ҷудо дорад баму зер.

Озаринрӯи Бадахшон,
Озаринмӯи Бадахшон,

Аз нигоҳат медурахшад
Озарахши озарахшон.

Оташи аз хору хас хуш
Чун ту мегирад нафас хуш.
Ҳар нафас сӯзӣ чу испанд
Аз ҳавову аз ҳавас хуш.

Мисли оташ рӯ ба оташ
Орӣ аз ҳар сӯ ба оташ.
Мекунӣ чун оташ афсун,
Медамӣ ҷоду ба оташ.

Оташи даргоҳи Помир,
Оташи хиргоҳи Помир
Дар дилу ҷонат фурӯзон
Чун зи озаргоҳи Помир.

Чун гули оташ шукуфо,
Чун гули оташ фиребо
Сӯзӣ аз сӯзи дили худ
Дарҳаму печону зебо.

Дар ту дунё дар гирифта,
Чун «Авасто» дар гирифта.
Номаи оташ дар оташ,
Во дарeғо, дар гирифта!

Моҳи шабҳои ту монда,
Тобу табҳои ту монда.
Лош шуд лаъли Бадахшон,
Лаъли лабҳои ту монда.

Духтари зебои Зардушт!
Бо ту чун ёди фаромушт
Ҳафт то ҳафтод пуштат
Хезад аз оташ ба арғушт.

*Соли 1987*

## МОМИ КӮҲИСТОН

Мӯҳраи тасбеҳи момодояи кӯҳ аст сангин,
Дар Бадахшон бар сари ӯ сояи кӯҳ аст сангин.
Сангборони ҳаводис аз сари сахташ гузашта,
Пойдориҳои ӯ дар пояи кӯҳ аст сангин.

Мерасад чун сангпар дар гӯши ӯ овои тундар,
Дар хаёлаш, осмон ҳам чун Бадахшон сангзор аст.
Ҳамчу барги сабз санги сабзро дар каф бигирад,
Бахти сабз аз санглохи кӯҳсор уммедвор аст.

Сар фуруд орад ба ҳар шах ҳамчу бар санги муқаддас,
Сурмаи санги ватанро мекашад дар чашмҳояш.
Ӯ ба оби соф фоли рӯшани мардум бубинад,
Косаи оби ватан ойинаи дунёнамояш.

Поси шаб бедор ӯро мекунанд аз хоби ширин,
Меравад сӯи чароғи рӯшану рангини мардум.
Пиразан дасти сабук дорад, зани обистане боз
Мешавад осон сабук дар хонаи сангини мардум.

Кӯдаки навзоди касро карда момодоя оғӯш,
Ёд орад зодагони носипоси хеш хомӯш.
Ин замон дар сарзаминҳои кушоди дур онҳо
Кардаанд ӯро фаромӯшу Бадахшонро фаромӯш.

Шод механдад ба рӯи кӯдаки навзоди мардум,
Таҳ ба таҳ дар умқи ҷонаш мекунад пинҳон табу тоб.
Дар хаёлаш, ӯ агар сӯзи дили худро намояд,
Пиряхҳои сари кӯҳи Бадахшон мешаванд об.

*Соли 1987*

# ҚУЛЛАИ НИЁГОН

Кӯҳнавардон куҳбарой омаданд,
Сӯи Помир аз кучое омаданд.
Пояҳо дар пояи кӯҳе заданд,
Хаймаҳо дар сояи кӯҳе заданд.
Зуд дурандешҳои дурбин
Кӯҳро бо дурбин карданд чен.
Пас ба фатҳи қулла банд андохтанд,
Гардани шах дар каманд андохтанд.
Рост аз паҳлӯи чар боло шуданд,
Бо камарбанд аз камар боло шуданд.
Барвазид ин дам шамоле аз шимол,
Додашон алвонч дар санги кашол.
То наафтанд аз чарӣ дар ғори кӯҳ,
Доштанд аз буттаҳои хори кӯҳ.
Каллаҳошон аз дами кӯҳи баланд
Чарх зад андар хами кӯҳи баланд.
Кӯлабор аз пушти худ партофтанд,
Ноилоҷ аз кӯҳ рӯ бартофтанд.
Лек марде аз алам лабро газид,
Ҷон ба каф аз шах ба шах боло хазид.
Гуфт, дар ин қулла ҳаргиз кас набуд,
Кас ба фарқи кӯҳ ғайри хас набуд.
Мегузорам гоми худро ман ба он,
Мегузорам номи худро ман ба он!
Лек сӯи қулла чун наздик шуд,
Дидагони рӯшанаш торик шуд.
Дар сари чар монд ҳамчун дар фазо,
Бар сари ӯ теға чун теғи қазо.
Ногаҳон аз бораи кӯҳ, аз фароз
Кард дасти худ касе сӯяш дароз.
Дасти гиро дасти ӯро чун гирифт,

Чашми худ бикшоду шах шуд аз шигифт.
Дид, пире тори кӯҳ истодааст,
Пеш аз ӯ дар қулла по бинҳодааст.
Дар дилаш ёди ниёгон чун зиё,
Дар забон номи ниёгон чун дуо.
Хору хас аз пешу пас андӯхта,
Гулхане дар фарқи кӯҳ афрӯхта.
Гӯиё доғ аз суроғи рафтагон,
То кунад рӯшан чароғи рафтагон,
Пири помирӣ чу шамъи ёдгор
Дар гирифта дар мазори кӯҳсор.

*Соли 1987*

# АФСОНА
# ДАР АФСОНА

## ОТАШИ ПАРОВАР

Оҳ, ман аз худ, эй худо, дар ту паноҳ мебарам,
Сӯзи ниҳони бегаҳон сӯи пагоҳ мебарам.
Дил ба фиғону лаб хамӯш, бори як осмон ба дӯш,
Сад Раҳи Каҳкашон раҳо сӯи ту роҳ мебарам.
Сӯи ту аз алови дил дар кафи бод алангае,
Тобу табе аз обу гил, нам ба нигоҳ мебарам.
Дахмасаи ҷаҳон ба сар, васвасаи ҷаҳон ба дил,
Нима савоб мебарам, нима гуноҳ мебарам.
Аз палаки ҷабини хеш мошубиринҷ абрувон
Нима сафед мебарам, нима сиёҳ мебарам.
Худ ба худ, эй худо, дилам хархаша дорад аз алам,
Маҳ шабу офтоб рӯз, ҳарду гувоҳ мебарам.
Боли ман ин ҷаҳон шикаст, лек биболамаш ҳанӯз,
Пар-пар агар маро кунад, пар ба кулоҳ мебарам!

*Соли 2010*

## НОМ

Боз аст сӯи бодҳо оғӯши ман, оғӯши ман,
Оташ вазон аз ёдҳо дар ҳуши ман, дар ҳуши ман.
Андешаи кӯҳи хамӯш, афсонаи кӯҳи Фуруш
Дорад садо, дорад садо дар гӯши ман, дар гӯши ман.
Як Панҷ туғён мезанад, як Вахш исён мекунад
Дарёи хуни раг ба раг дар ҷӯши ман, дар ҷӯши ман.
Пуштора кӯчи худ кашам, бо пои лучи худ кашам,
Танг аст дар роҳи ҷаҳон попӯши ман, попӯши ман.
Дардам наояд дар қалам, бастаст парсинг аз алам
Лабҳои бо як дил хурӯш хомӯши ман, хомӯши ман.
Хобанд бобоёни ман гумном дар хоки куҳан,
Номам гаронӣ мекунад бар дӯши ман, бар дӯши ман!

*Соли 2009*

## ГУЛБОНГИ ГУЛӮСӮЗ

Ин ҳаво дам зада пур аз дастон[1],
Аз гулӯ меҷафадам бо дастон.
Хок хокистари сӯзон ин ҷо,
Оташ, эй бод, биёву бистон!
Дуди ҷингонии[2] он як ҷангал
Мекунад бӯи хазони бустон.
Кӯдаки ширмаки нокомӣ
Хуни модар бихӯрад аз пистон.
Чархи гардун ба замин гардон аст,
Эй худо, як дамак ӯро истон!
Сад гулӯлак ба гулӯ метаркам,
Аз фиғон шуд дилам Афғонистон!

*Соли 2009*

## АРМУҒОН

Ойинаи нознамо хоҳамат,
Ойинаи рознамо хоҳамат.
Ойинаи ойина дар ойина
Сӯзнамо,褏 сознамо хоҳамат.
Ойинаи як қалам аз ҳафтранг
Пар-пари пардознамо хоҳамат.
Ойинаи аз ҳаваси дар қафас
Яксара парвознамо хоҳамат.
Ойинаи лоли пур аз хотира
Дар назар овознамо хоҳамат.
То ба ҷавони-т шавӣ рӯ ба рӯ,
Ойинаи бознамо хоҳамат!..

*Соли 2009*

---

1. Дастон – фиребу найранг
2. Ҷингон – нашъа, тарёк

## ШИКАСТИ ФУРӮҒ

*Ба ёдбуди Шақиқи Балхӣ – ориф ва олими бузурги қарни нӯҳум, ки дар дашти Данғара шаҳидаш кардаанд ва мазораш он ҷост.*

Дигар як аст раҳи чапгарову ростгаро,
Уребашон гузарону фиребашон гузаро.
Нигоҳи хираашон тӯда-тӯда аз паи мол,
Хаёли ишкамашон пода-пода сӯи чаро.
Ба чашми гушна фурӯ мебаранд буду набуд,
Ҷаҳон ба дасти гадоӣ гирифтаанд фаро.
Паноҳ дар паси боми баланди хеш кунанд
Чи офтобнишину чи офтоббаро.
Ба ҳам ба ҳамҳамаи ҳамдигар дигар ҳамаанд
Ба сони ғук ба мурдоби худ ҳамосасаро.
Наводагони палиди кушандаҳои Шақиқ
Ба хуни поки шақоиқ кашанд Данғараро.
Чакида ашки қалам дар чакомаи баду нек,
Чикидаанд[1] сари мардумони дидадаро.
Ниҳодаанд ба раҳ одамигарӣ ба фурӯш,
Намехаранд ба як тин дигар турову маро.

*Соли 2009*

## ҶОДУИ ҶУДОӢ

*Аз номи Афсона*

Зор нолам, зор аз ишқи зулайхоии хеш
Чун арӯси чодари нақшини танҳоии хеш.
То ҳанӯз аз охирин дидор дорам ёдгор
Охирин акси туро дар чашми раҳпоии хеш.

[1] Чикидан – задан, кӯфтан.

Барге аз садбарги сурхи аввалин ишқам ҳанӯз,
Меҳрубонӣ хоҳам аз меҳри ҳумайроии[1] хеш.
Охирин падруд ҷодуи ҷудоии ту буд,
Бишканам, кош, ин тилисми ишқи шайдоии хеш.
Бошам охир рӯзи растохез домангири ту
Аз ғами танҳоии шабҳои ялдоии хеш.
Ман бубахшам ҳам, намебахшад туро ҳаргиз дилам
Аз аламҳое, ки дид аз ишқи дунёии хеш!

*Соли 2009*

## НОЗИЁНА

Шукуфтаӣ озарин, бале, бале, офарин!
Гули аловак барин, бале, бале, офарин!
Нигоҳакат валвалӣ, кулоҳакат зарҳалӣ,
Пари хаёлат зарин, бале, бале, офарин!
Ҳавас-ҳавас дилрабо, нафас-нафас дилкушо
Ба номат ангуштарин, бале, бале, офарин!
Ба бӯи гесӯи ту сабо вазон сӯи ту,
Хуморакат анбарин, бале, бале, офарин!
Ба ҳар куҷо сарсарӣ дилам саросар барӣ
Ба нози нозуктарин, бале, бале, офарин!
Се панҷа обам бизан, ки сад садо сӯзи ман
Расад ба чархи барин, бале, бале, офарин!

*Соли 2009*

## МӮҲРАИ МЕҲР

*Барои Сабрин*

Гесӯи пареш шона дорӣ ту ҳанӯз,
Афсуни пур аз фасона дорӣ ту ҳанӯз.
Дар ойина ойини дили софи хеш
Аз неку бади замона дорӣ ту ҳанӯз.
Армону умед дар нигоҳат сӯзон,
Аз оташи дил забона дорӣ ту ҳанӯз.

1. Ҳумайро – шакли навозишии калимаи арабии «ҳамро», яъне «сурх», гули сурх, лақаби зани расули акрам Бибӣ Ойшаи Заҳро.

Як мӯҳраи меҳр аз ҷавонии хеш
Дар риштаи ҷон нишона дорӣ ту ҳанӯз.
Ҳарчанд гузашти рӯзгорон талх аст,
Ширин дили кӯдакона дорӣ ту ҳанӯз.
Ҳангоми наберабонии худ зебо
Хуш замзама дар миёна дорӣ ту ҳанӯз.
Сад зоча ба меҳрубонии момоӣ
Дар гӯшаи дил дугона дорӣ ту ҳанӯз!

*Соли 2009*

## БОМДОД

Офтоб имшаб ба хоби ман даромад,
Тирарӯзиҳои ман дигар сар омад.
Бомдод аз гунаҳои ман таровид,
Рӯшанӣ дар атри шабнамҳо тар омад.
Дар нигоҳам рангҳо гул-гул шукуфтанд,
Шаҳпаракҳо аз ду пилкам пар-пар омад.
Дар ҳаво андешаи дурам фаро рафт,
Осмон дар остони ман фаромад.
Сӯи рӯзи нав сабук бархостам зуд,
Дар дилам уммеди дерин аз сар омад.
Ҳар алам аз зиндагӣ дидам-надидам,
Бехабар мондам, ки аз ёдам баромад.

*Соли 2008*

## СОЯ БА СОЯ

Агар оем ба ҳам ману танҳоии ман,
Бигароем ба ҳам ману танҳоии ман.
Ба ниёиш дили хеш, дили тангу дили реш
Бикушоем ба ҳам ману танҳоии ман.
Нафас аз пушти нафас, ҳавас аз пушти ҳавас
Бифизоем ба ҳам ману танҳоии ман.
Нигаҳеро, ки сипеҳр нигарон кард ба меҳр,
Биситоем ба ҳам ману танҳоии ман.

Алави ишқи ниҳон, ки бупечад ба ҷаҳон,
Бинамоем ба ҳам ману танҳоии ман.
Чу ду кабки бағалӣ ғами ишқи азалӣ
Бисароем ба ҳам ману танҳоии ман.
Алами хотираҳо ба ҳазор ашки раҳо
Бизудоем ба ҳам ману танҳоии ман…

*Соли 2008*

**ДИЛСӮЗ**

Аз ғами беш дилам месӯзад,
Беш аз пеш дилам месӯзад.
Ормон мешавадам нӯшинтар,
Неш дар неш дилам месӯзад.
Оҳ, як кунда алови кундам,
Реш дар реш дилам месӯзад.
Дорад ойини шикаст ойина,
Кеш дар кеш дилам месӯзад.
Дод аз дасти хирад, сад фарҳанг
Содаандеш дилам месӯзад.
Чанд дилсӯзи ҷаҳон хоҳам буд?
Ба дили хеш дилам месӯзад!..

*Соли 2008*

**ЛАРЗАИ ДИЛ**

Маро бубахш, ки ишқи туро намеварзам,
Маро бубахш, ба ишқи ту ман намеарзам!
Маро гузору гузар, дилкашол пас манигар,
Ки ман диле ҳама решам, диле пур аз дарзам.
Туӣ таронаи сабзи баҳори содаи хеш,
Ман оҳи зарди хазони саросар андарзам.
Дили ту мон ки насӯзад ба рӯзи ман, ки маҳин
Ба як навозиши худ мекушӣ ба сад тарзам.

Дареғ, ишқ намепурсад аз дили ману ту,
Ту аз кадом таборӣ, ман аз чи сон марзам?
Маро бубахш, гурезад нигоҳам аз нигаҳат,
Вале барои ту як дил ҳамеша меларзам.

*Соли 2008*

## ҶОН БА ҶОН

Дар ту, эй зан, ман худоро дӯст медорам,
Ҷон ба ҷон яктан худоро дӯст медорам.
Дар фурӯғи осмонии нигоҳи ту
Як дили рӯшан худоро дӯст медорам.
Сӯзам аз меҳри сипеҳрии фурӯзонат,
Дар ту як гулхан худоро дӯст медорам.
Аз ту бӯям гулбаҳори бехазони хеш,
Дар ту як гулшан худоро дӯст медорам.
Домани сабзи туро гирам ба дасти пок,
Дар ту як хирман худоро дӯст медорам.
Аз ту ҷӯям сарзамини ишқи ҷовидон,
Дар ту як меҳан худоро дӯст медорам.
Нағз бинад кас агар дар мағзи худ худро,
Дар ту ман, эй зан, худоро дӯст медорам!

*Соли 2007*

## ПАРЕШОН

Биё, ки хуфтан наметавонам.
Алам нуҳуфтан наметавонам.
Зи ишқат имшаб чу гулхан, эй гул,
Ниҳон шукуфтан наметавонам.
Ҷабинам аз таб кушодааст об,
Алов суфтан наметавонам.
Ситораамро, ки пош хӯрда,
Ба мижжа руфтан наметавонам!..

Ба чашмҳоят, ки бепаноҳанд,
Дурӯғ гуфтан наметавонам.
Ғами диламро, ки бонг дорад,
Дигар шунуфтан наметавонам.

*Соли 2007*

## ШАБОҲАНГ

Дилам шабошаб ҳазору як шаб
Ба ғам лаболаб ҳазору як шаб.
Саросар, эй гул, дар орзуят
Бисӯзам аз таб ҳазору як шаб.
Ҳавои ишқат ҳавоиям кард
Заб имшабу заб ҳазору як шаб!
Ба ёдат армон ба ҳаҷми қалбам
Гирифта қолаб ҳазору як шаб.
Занад шабохун ба хоби ланҷам
Ҳазор матлаб ҳазору як шаб.
Намоядам кай ситораи рӯз
Ба бурҷи Ақраб ҳазору як шаб!

*Соли 2007*

## МЕҲРВОРА

Саросар оташи андӯҳ оҳам дошт,
Паропар чашмҳои бепаноҳам дошт.
Замоне хостам гирям пур аз фарёд,
Вале нанги ҷавонмардона роҳам дошт.
Дилам якбора зад, дар хун тапидам, лек
Худо аз марги хунафшон нигоҳам дошт.
Бибурдам сар фурӯву сарфаро рафтам,
Ки саргардониям гардун фароҳам дошт.
Ба меҳру меҳрубонӣ сар ниҳам дигар
Ба меҳробе, ки дар дил қиблагоҳам дошт.
Наарзад кинаварзиро ҷаҳон ҳаргиз,
Туро ҳам, душмани ман, дӯст хоҳам дошт!

*Соли 2007*

## ОШУФТА

Гарчи бо зиндагӣ барошуфтам,
Ҳар чи гуфтам, барои худ гуфтам.
Дар сухан гиряи гулӯии хеш
Аз дилам канда-канда бинҳуфтам.
Кард андешаи ҳамеша пареш
Бо қалам тоқу бо алам ҷуфтам.
Даст бурдам ба осмону надод
Як кафи офтоб ҳам муфтам.
Сӯхтам ташна, чакрае начаконд
Бар лаб абри сутурвани[1] зуфтам.[2]
Хуни ман ранг-ранг лаъл бубаст,
Дар ҷигар санг-санг бишкуфтам.
Як китоб орзуи содаи хеш
Дар таги сар ниҳодаму хуфтам.

*Соли 2007*

## МАРДИ РОҲ

*Ба устоди ҳунар*
*Ҳабибуллоҳи Абдураззоқ*

Пуштаҳо дар пушти худ водӣ ба водӣ
Марди роҳ аз сарзамини бомдодӣ.
Аз табори тундариву озарахшон,
Бо фурӯғи ишқи сӯзон ҳамнажодӣ.
Некпай дар остони поки мардум,
Аз фари дидори худ фархундазодӣ.
Сарнавишти рӯ ба рӯи рӯзгорон,
Саргузашти сӯ ба сӯи гирдбодӣ.
Аз паи фарҳанги дил фарсанг-фарсанг
Аз ниҳоди хеш берун по ниҳодӣ.

1. Сутурван – нозо, ақим.
2. Зуфт – хасис, бахил, мумсик.

Аз карон то бекарон пӯёву ҷӯё
Гаҳ ба обу гоҳ дар оташ фитодӣ.
Дар намоишномаҳои пардапӯшат
Пардаи неку бади дунё кушодӣ.
Лахт-лахти хун шудӣ аз ранҷи хуншор,
Оҳ, то доди ҳунар яклухт додӣ!
Аз нигоҳат метаровад нам-нам акнун
Як сипеҳр андӯҳу як хуршед шодӣ.

*Соли 2007*

## МАРДОНА

*Барои Мирзо Файзалӣ*

Сар ба гардун баланд гир, эй мард!
Неку бадро нигар далер, эй мард!
Гӯшае тан мадеҳ ба танҳоӣ,
Во шав аз хеш як адир, эй мард!
Шер айни шикори худ шер аст,
Шермардона бош шер, эй мард!
Баҳри бешу ками ҷаҳон дар худ,
Аз барои худо, намир, эй мард!
Талху ширину туршу тумчи хеш,
То ки ошат шавад, пазир, эй мард!
Ҳеҷ аз сурху сабзу зарду кабуд
Чашмҳоят мабод сер, эй мард!
Хешро кӯдакона гир ҷавон,
То нагардад дили ту пир, эй мард!
Пас намон аз пиёдароҳи хеш,
Сар деҳ аспу хару хачир, эй мард!
Гом зан, гом зан, расӣ-нарасӣ
Ҳар куҷо зуд ё ки дер, эй мард!
Бо ғами хеш шод бояд зист,
Зиндагонист ногузир, эй мард!

*Соли 2007*

## ЗИЁӢ

*Ба устод Муҳаммадҷон Шакурӣ*

Марзбандии сурхи шӯроӣ
Чок зад меҳани аҳуроӣ.
Ашки тоҷик то кунун дорад
Аз Бухоро бухори хороӣ.
Монда аз сарбадории дураш
Дорбозиву давраороӣ.
Саргузашти зиёии ӯ гашт
Як қалам сарнавиштвироӣ,[1]
Дар замираш фурӯғи озодӣ,
Дар ҷабинаш шукӯҳи дороӣ.
Дар забонаш ниёиши мардум,
Вожааш вижаи гувороӣ…
Бори таърихро, худо ёраш,
Мекашад бо тамоми ёроӣ.
Мезанад аз нигоҳи ӯ фарёд
Ҳасрати охирин бухороӣ!

*Соли 2006*

## ДАСТИ ПИР

Зиндагӣ нотавон маро пиндошт,
Ногаҳон мушт бар сарам бардошт.
Ончунон сахт зад, ки хӯрдам пош
Бо сад андешаву ҳазор ангошт.
Реза-реза ба соям аз хеш
Чош гаштам дар офтоби чошт.
Лек армони ман маро аз нав
Лахт-лахт аз чаҳор сӯ ғундошт.
Оби чашмам чакид, чун пире
Дасти меҳраш ба кифти ман бигзошт.

1. Таҳрири тақдир.

Ларзаи панҷаи падарвораш
Гарданамро баландтар афрошт.
Нек дилсӯзии ғарибашро
Ҳафт пуштам ба ёд хоҳад дошт!

*Соли 2006*

## ФОЛИ ДИЛ

Овоҳ, баногаҳ афтод аз дасти ман пиёла,
Аз ёди дурат омад андӯҳи ман ба нола.
Як осмон чароғак зад тундари ғами ту,
Дар боми сарнавиштам тунбак навохт жола.
Ишқи ту аз дили ман, аз обу аз гили ман
Бишкуфт оташафшон чун ёла-ёла лола.
Хуни ҳиноии ман дар панҷаи хаёлат
Ҷӯшид сахт воло, ҷӯшид сахт вола.
Ҷонам тапид пазмон, ашкам чакид пинҳон,
Сӯзам кашид фарёд дар бодҳо кашола…
Аз ҷодаи ҷудоӣ танҳоии ман охир
Сӯи ту мезанад пай роҳи ҳазорсола!

*Соли 2006*

## ДИДОРИ ДУР

Аз хотираам банур ширин-ширин
Оӣ ба хироми ҳур ширин-ширин.
Дидори ту мотами диламро созад
Рӯшан ба фурӯғи сур ширин-ширин.
Дар кулчаи гарми рӯи гулгунат боз
Бинам алави танӯр ширин-ширин.
Гардад ҳаваси ман аз ҳавои ишқат
Бо ҳар нафаси ту ҷӯр ширин-ширин.
Афсун дамадам ба нохуни нур аз нав
Овози ту аз булур ширин-ширин.
Боз аз сари нав ба бозии чашмонат
Орӣ дили ман ба шӯр ширин-ширин…

Дар назди хаёлат ашки сӯзонамро
Пинҳон бикунам базӯр ширин-ширин.
Як дил алами ҷудоии талхамро
Гирям дигар аз ту дур ширин-ширин!..

*Соли 2006*

## ДИДА БА ДИДА

Имшаб барои ту, танҳо барои ту
Дил мезанад дилам дар дил ҳавои ту.
Имшаб аз осмон меборад ормон,
Имшаб ба моҳи нав дорам дуои ту.
Имшаб ба тобу таб, рози ниҳон ба лаб,
Ларзон садои ман, ларзон садои ту.
Боди хазон вазон дилсарду дилгазон,
Мехоҳам оташак аз чашмҳои ту.
Имшаб қалам-қалам механдам аз алам,
Аз хотири дилам ҷӯям вафои ту.
Сӯзӣ ба оташам, донӣ, чи мекашам,
Бошӣ ба ҷои ман, мирам ба ҷои ту!
Ҳарду дар ин ҷаҳон доғем дар ниҳон,
Ишқат ҷазои ман, ишқам сазои ту!

*Соли 2006*

## ЛОБА ДАР ЛАБ

Имшаб ба номи ту хондам ситорае,
Дар чашмам осмон гашт ашкпорае.
Овозам аз алам ларзид дар дилам,
Зори ту дил задам ҳар сӯ ба зорае.
Таърихи ишқи мо шуд абҷади само,
Садсолаҳо ниҳон дар ҳар шуморае.
Кай боз оварад гардуни бекарон
Моро канори ҳам дар як канорае?
Як шоха озарахш оташ гирифтаам,
Тундар ба решаам кардаст корае.
Номи ту дар лабам дар тобу дар табам,
Бе ту набошадам ҷуз лоба чорае.

Дар орзуи ту, дар ҷустуҷӯи ту
Мехоҳам аз худо умри дуборае.
Эй кош, як замон дар Роҳи Каҳкашон
Оем рӯ ба рӯ як бӯсаворае!

*Соли 2005*

## ДИЛ БА КАФ

Эй нигори зарнигорӣ, дӯст медорам туро,
Бо чиҳил дил дилфигорӣ дӯст медорам туро.
Эй умеди хуфтаам дар хотири ошуфтаам,
Бо ҳазор уммедворӣ дӯст медорам туро.
Дар миёни обу оташ, рӯ ба рӯи сарнавишт
Дил ба каф бо бурдборӣ дӯст медорам туро.
Дар раҳи бебозгашти ишқ то дастам диҳӣ,
Ҳар қадам бо пофишорӣ дӯст медорам туро.
Дар дил аз худ то худо, маст аз замин то осмон
Бо ҳама ёрои ёрӣ дӯст медорам туро.
То ба поён мерасонад ишқи бепоён маро,
Дӯстам дорӣ-надорӣ, дӯст медорам туро!

*Соли 2005*

## ЗАМЗАМА

Дилам хаёли туро мепӯяд,
Дилам ҳавои туро мебӯяд.
Суруди ишқи туро бепоён
Дилам барои дилам мегӯяд.
Дилам барои дилам месӯзад,
Дилам барои дилам мемӯяд[1].
На оби чашму на оби чашма
Шабе алам зи дилам мешӯяд.
Ту рӯ ба рӯи аловам кардӣ,
Дилам зи сӯзи дилам мерӯяд.
Дилам ҳамеша туро мехоҳад,
Дилам ҳамеша туро меҷӯяд…

*Соли 2005*

1. Мӯйидан – нолон гиристан.

## ОВОЗИ ОТАШ

Эй дил, дил, эй дил, эй содаи ман,
Дар худфидоӣ омодаи ман!
Аз оташи ту андозад овоз
Андешаҳои дар додаи ман.
Сӯзи ту сӯзон аз вижагонӣ
Дар вожагони сарводаи ман.
Чун боди хӯрда як пораи кӯҳ
Оҳи ту дорад ғамбодаи ман.
Арзӣ-наарзӣ, уммед варзӣ,
Дар нимароҳон бинҳодаи ман!
Аз орзуҳо, аз ормонҳо
Озодият ку, озодаи ман!
Туғён зан, эй дил, тӯфон кун, эй дил,
Дарёи дар тӯр афтодаи ман!

*Соли 2005*

## ТАШНАСӮЗ

Ба ту ошиқона хонам ҳама шаб чу рӯдборон,
Санами ниёиши ман ба намози рӯзгорон!
Ба раҳат нами нигоҳам чакад аз ғами нигоҳам,
Шавад об аз ҷудоӣ дили санги кӯҳсорон.
Агар офтобиӣ ту, агар абриӣ ту, хуш бош
Ба сари бараҳнаи ман чу ҳавои навбаҳорон!
Чу ғариби хобдида, ки ба хобаш об дида,
Ба саломи чашмҳоят расам аз сапедасорон.
Чу насими маст печам ба шамими гесувонат,
Чу ниҳоли гул ба рақс о ба таронаҳои борон!
Дили ташнаи ману ту ба ҳам об нӯшад, эй кош,
Чу ду кафтарак ҳавоӣ сари мавҷи обшорон!

*Соли 2005*

## САР БА ЗОНУ

Дар сояи худ дарахти хам як сӯем,
Андешаи сар ниҳода бар зонуем.
Гаҳ навдаи дар хавоза печони ток,
Гаҳ шохаи афшондаи зардолуем.
Як панҷара рӯшании найсон дар дил,
Дар панҷаи бодҳо гули қоқуем.
Лабташнатар аз чирчираконии даштӣ,
Серобтар аз бӯи тари ҳулбӯем.
Дар ҷангали зарди ормони пойиз
Шӯридатар аз замзамаи оруем.
Як зуза аламноктар аз гурги пир,
Як шиҳа гаронбортар аз ёбуем.
Аз бабри сиришти хеш ҳомун-ҳомун
Дар хун нигаҳи рамидаи оҳуем.
Аз ҳалқаи тӯфонии дарёи дил
Озодии паркушудаи ёғуем…
То дар қафаси ҳавас нафас мепечад,
Аз худ ба худо раҳи раҳоӣ ҷӯем!

*Соли 2005*

## ГИРЯИ ГУЛӮГИР

*Дар мотами Бӯринисо Бердиева*

Бар сари санги мазораш гул бияфшонеду гирйед,
Аз фаросӯи сипеҳр ӯро фаро хонеду гирйед.
Ширмаҳтоб аз нигоҳи ширгармаш метаровид,
Дар бари ойинаи ӯ шамъ гирёнеду гирйед.
Аз ғами меҳан дили озурдааш пур буд пинҳон,
Аз дили садпораи ӯ порае донеду гирйед.
Санг ҳам аз осмон борад, сари ӯ хам намегашт,
Гирди сарсахтии ӯ тасбеҳ гардонеду гирйед.
Бонги озодӣ миёни тӯда мезад, оҳ, дигар
Дар хамӯшии хурӯшонаш сухан ронеду гирйед.
Як замон фарҳанги мардум дар паноҳаш такя мезад,
Зор акнун сар ба кифти якдигар монеду гирйед!..

*Соли 2005*

## ЭҲЁ

Мондааст армони озодии мардум
Зери вайрониву ободии мардум.
Дар канори сарзамини сарнавишташ
Ҷо намегирад ғаму шодии мардум.
Ҷонканиро мекунад омӯзгорӣ
Рӯзгори содаву одии мардум.
Осмонро дар замин бар дӯш дорад
Бурдбориҳои бунёдии мардум.
Офарин мехонад аз гардун худо ҳам
Сӯи ҷонсахтии пӯлодии мардум.
Зиндагӣ мемирад, эҳё мешавад боз
Ҳар куҷо аз ранҷи эҷодии мардум.
Эй фалак, бодо ҳамеша гирдгардон
Осиёи обиву бодии мардум!

*Соли 2004*

## ПАНОҲАТ БА ХУДО!

Меравам, ёр, паноҳат ба худо!
Меравам зор, паноҳат ба худо!
Мебарам номаи меҳри ту ба ёд
Ҳамчу тӯмор, паноҳат ба худо!
Пок кун чашми тари худ, ки гузашт
Кор аз кор, паноҳат ба худо!
Оҳ, ҳуш дор, ки ҳеҷ аст ҷаҳон,
Бош ҳушёр, паноҳат ба худо!
Кош, дар пои ту хоре нахалад,
Нашавӣ хор, паноҳат ба худо!
Ба дуо сӯи само аз паси ман
Даст бардор, паноҳат ба худо!
Нағз дидан натавонам дигаре,
Дӯстам дор, паноҳат ба худо!
Ҳар кӣ будем-набудем ба ҳам,
Ёр, ёд ор, паноҳат ба худо!

*Соли 2004*

## РӮЗГОР

То зиён суд мешавад рӯзе,
Оташам дуд мешавад рӯзе.
Дар ман ойинаи ҳама ойин
Дудаандуд мешавад рӯзе.
Хандаам талху гиряам ширин
Дер ё зуд мешавад рӯзе.
Аз ман андӯҳи рӯзгори зор
Сахт хушнуд мешавад рӯзе.
Рӯ ба рӯи ҷаҳон дуруди ман,
Оҳ, падруд мешавад рӯзе!
Оҳ, аз пушти рӯзии ночиз
Рӯзи ман буд мешавад рӯзе!

*Соли 2003*

## МУНОҶОТ

Нафасгир аз такопӯям, худоё!
Ҳавасмир аз ҳаёҳуям, худоё!
Ба хомӯшии пеш аз тундарам, лек
Ҳама оҳуву[1] ёҳуям,[2] худоё!
Хаёлам мевазад ҳомун ба ҳомун,
Саросар боди сарҳуям, худоё!
Намедонам, аз ин гардуни гардон
Чи мехоҳам, чи меҷӯям, худоё!
Ман аз дил доғи модарзоди андӯҳ
Ба оби дида чун шӯям, худоё?
Ҷаҳон кай баркашад бешу ками ман,
Ман аз бурҷи тарозуям, худоё!

---

1. Оҳу – оҳи баланд.
2. Ё ҳу! – Эй худо! Нидои додхоҳӣ аз додор.

Аз ин марзи кашоварзии худ зор
Ба армон хок мебӯям, худоё!
Сафедӣ гарчи хӯрда устухонам,
Сияҳпирам, сияҳмӯям, худоё!
Ба як ҷоми майи арзони мардум
Сияҳмастам, сияҳрӯям, худоё!
Ман аз имрӯзи худ фардо ба хуршед
Чи мегӯям, чи мегӯям, худоё!
Раҳи дури раҳоиро ман аз худ
Ба наздики ту чун пӯям, худоё?
Чароғе аз фаросӯи ҷаҳон, кош,
Шабе су-су занад сӯям, худоё!

*Соли 2003*

## НАЙНАВОЗ

Эй пири найнавоз, дар ин шаҳри бенамоз
Аз нав найи ниёишии хешро навоз!
Дар симгӯшаҳои[1] кари бомгӯшаҳо
Аз боми бомдод биафкан навои роз.
Сӯ-сӯи зарду сурхи чароғони роҳро
Бахшой раҳнамоии оҳанги сабзи ноз.
Хушкида оби дидаи фавввораҳои кӯр,
Моҳии сангбастаашонро паранда соз.
Овар ба рақс пайкараҳоро ҳам аз хурӯш
Бо чанд ҷоми бодаву як пораи пиёз…
Ман зиндаам ҳанӯз ба бӯи баҳори дур
Ҳамчун дарахти сӯхта аз бӯи нафту гоз.
Дар чорсӯи ишқ, дареғо, чу марди роҳ
Метарсам аз висол, ки дорад фироқ боз!
Эй найнавози меҳр, дар ин шаҳри сангдил
Бо сӯзу соз буду набуди маро гудоз.

1. Симгӯша – антенна (сохтаи муаллиф).

Аз кӯчаҳои танг, аз ин шаҳри тангдил
Андешаи фарохи ғамамро бубар фароз.
Оташ бизан дигар ба ҳама бурду бохтам
Аз ин ғиромбозии шаҳри қиморбоз!

*Соли 2003*

## СӮЗИ ФУРӮЗОН

Шоми бемаҳтобу торикии бимангез
Сояи токи хазон печида дар даҳлез.
Мерасад аз нолаи боди парешандеш
Нӯлаи дури саге ғамгинтар аз пойиз.
Бонги хушки пашшаи корез меорад
Бӯи намноки хасу хошок аз полез.
Мешавад армони бепоёни ман дамгир
Аз ҳавои танги заҳрогини атромез.
Дар дилам андӯҳи тӯлонии зулмонӣ
Мекунад оҳиставу пайваста оташ тез.
Як чароғи хира сӯи тирарӯзиҳо
Чун барам ман аз шабони тор дастовез?!
Оҳ, сӯи рӯзи рӯшан хоб аз чашмам
Мепарад боз имшабу шабҳои дигар низ.
Як пагоҳӣ бо нигоҳи зор хоҳам рафт
Пешвози офтоби рӯзи растохез!…

*Соли 2003*

## ФИДОӢ

Дар ба дар назри асои худ гадо
Раҳ ба раҳ назди худо дорад адо.
Чеҳраи хомӯши ӯ гӯёи роз,
Медиҳад дар ҳӯши ӯ гӯшаш садо.
Хуш дуои ҷони мардум мекунад,
Мешавад пеши касу нокас фидо.
Аз нигоҳи хастааш имои ӯ
Сӯи бесӯӣ ҳамегардад нидо.

Дар дили бечораи овораош
Ишқ менолад ҷудо, ҳасрат ҷудо…
Мекашад фарёд танҳоии ӯ:
–Тарки худ кун, то кунӣ дарки худо!

*Соли 2002*

## ҚИЁМ

*(баъди сактаи қалб)*

Боз фардо давом хоҳам кард,
Зиндагиро салом хоҳам кард.
Сӯи хуршеди бомдодон шод
Рақс болои бом хоҳам кард.
Чанд рӯзи умедвориро
Аз худованд вом хоҳам кард.
Ҳамчу оби равон худамро соф
Аз ҳалолу ҳаром хоҳам кард.
Мори андӯҳи ҷангалии хеш
Бо наво боз ром хоҳам кард.
Чун дарахтони ғӯрамарг аз нав
Орзуҳои хом хоҳам кард…
Зиндагӣ имтиҳон маро дорад,
Ман варо интиқом хоҳам кард.
Боз бас худсариву бегӯрӣ,
Боз чандин муқом[1] хоҳам кард.
Боз дар чорсӯи танҳоӣ
Хешро издиҳом хоҳам кард.
Боз бебок рӯ ба рӯи марг
Як қиёмат қиём хоҳам кард!

*Соли 2002*

[1] Муқом – найрангбозӣ.

## ХАЗОН

Дигар бар сари ман хазон хок борад,
Ҳамин аст дунё, бифорад-нафорад!
Ба полези пойиз чарад пода акнун,
Ғами бепаноҳӣ дар он по фишорад…
Ва аз хӯсаи ӯ нахӯсад калоғе,
Сияҳбод агарчи ба арғушташ орад.
Касе боз оташ занад пуштаҳоро,
Ки то аз баҳорон дар он дона корад.
Кашоварзи пире ба дастони ларзон
Сипори худ инак ба мардум супорад.
Ба падруди гардун ба зону занад пас,
Ба марзи ниёгон намозе гузорад.
Ба сӯи баҳорон дуо пурсам аз ӯ,
Сиришки нигоҳаш баногоҳ шорад…
Ба дидори Наврӯз на ҳар кас расад боз,
Худоё, худоё, дилам гиря дорад!

*Соли 2002*

## БОНГИ ДОД

Мерасад фарёди ноқуси фаранг
Данг, дангу данг, дангу данг, данг!
Бонги дод аз дуди дӯзах мезанад:
– Банг, бангу банг, бангу банг, банг!
Марг мегирад гулӯи зиндагӣ
Танг, тангу танг, тангу танг, танг!
Кӯкнори Ховарон гул мекунад
Ранг, рангу ранг, рангу ранг, ранг!
Заҳр зебову фиребо медамад,
Шанг, шангу шанг, шангу шанг, шанг!
Оби афюн хуни мардум мехӯрад,
Нанг, нангу нанг, нангу нанг, нанг!..
Хокро пок охир оташ мекунад,
Ҷанг, ҷангу ҷанг, ҷангу ҷанг, ҷанг!!!

*Соли 2002*

## ОБҲУШТАК

*Ба устод Убайд Раҷаб*

Дар меҳани вожагонии зебоӣ
Бо шеваи вижа мекунӣ шевоӣ.
Эй пири наберабони даргоҳи сухан,
Дорӣ дили кӯдаконаи бобоӣ.
Гулҳои пари патоникон[1] аст туро
Гулҳои тари таронаи дарёӣ.
Дар боғи парандагон камонғӯлак агар
Кардаст душохаи дарахт устое,
Устод, ту обҳуштаке сохтаӣ
Аз хок ба сурати ҳазоровое,[2]
То аз лаби кӯдакон садое бидиҳад
Обу гилу боду оташи дунёӣ!

*Соли 2002*

## МӮСАФЕДИ БОМДОДОН

*Ба устод Холмуроди Шариф*

Панди неки ҳафт пушти хеш бинюшидаед,
Сӯи дунё аз паи одамгарӣ кӯшидаед.
Кӯҳи андӯҳи гарони меҳан андар пушти хеш,
Рӯ ба рӯи осмон аз пушта бихрӯшидаед.
Ташнаи дидори хуршедии кӯҳистониён,
Раҳ ба раҳ оби Зарафшонро ба каф нӯшидаед.
Бо дили дарёии худ дар ғаму шодии кас
Чашмавор аз чашмҳои хештан ҷӯшидаед.
Ҳамчу саркор аз шукӯҳи сурҳои мардумӣ
Ҷомҳо нӯшидаеду ҷомаҳо пӯшидаед…
Офарин, эй мӯсафеди бомдодон, то ҳанӯз
Ҳамчу кӯдак поктар аз шири навдӯшидаед!

*Соли 2002*

1. Патоник – шаҳпарак, парвона.
2. Ҳазорово – булбул.

## ПАДРУД

*Дар сӯгвории Шодмони Ванҷӣ*

Дареғо, зиндагӣ поён пазирад дер ё зуд,
Надорад сӯгвориву сияҳпӯшӣ дигар суд.
Дареғо, дил ба дунё баста будӣ кӯдакосо,
Ниҳоди содаат аммо дар он як дам наосуд.
Сароғози баҳорон каф ба каф судӣ шукуфо,
Валекин тирамоҳи бесаранҷомат бифарсуд.
Ба ҳар андоза шодии ҷаҳонии ту яксон
Ҳамон андоза андӯҳи ниҳонии ту афзуд.
Туро дар обу оташ зиндагонӣ сахт ғам дод,
Ки то бошӣ ба марги хоксори хеш хушнуд…
Дареғо, шодмониро дареғ аз ту ҷаҳон дошт,
Равонат шод бод, эй Шодмон, падруд, падруд!

*Соли 2001*

## НОЗИ ҲАВО

Гули ман, эй шукуфоии покии пагоҳӣ,
Нигоҳам бо нигоҳат гарм мепечад паноҳӣ.
Парешон мевазад андешаам дар гесувонат,
Маҳин аз гунаҳоят метаровад бегуноҳӣ.
Дилам аз гардановези ту мебӯяд қаланфур,
Гулӯямро ба бӯи бӯсае месӯзад оҳе.
Ба хоби дидаам дорӣ ту рақси ширмаҳтоб,
Ба оби дидаам дорӣ ту рақси ширмоҳӣ.
Ҳавои софи ишқи мо баногаҳ мекунад ноз,
Гули нози баҳорон медиҳад борон гувоҳӣ.
Куҷое доманафшон меравиву печ дар печ
Раҳи бебозгаштам мешавад пушти ту роҳӣ.
Ба ҳар гармо, ба ҳар сармо, ки меоӣ, ба ёд ор,
Дили ман дӯст медорад туро хоҳӣ-нахоҳӣ!

*Соли 2000*

## САРОВОЗ

*Ба устод Абдулло Назрӣ*

Сози ту ба сад соз ба бозӣ ояд,
Овоз дар овоз ба бозӣ ояд.
Чун кокулаки дутор аз нохуни ту
Дар боди сабо ноз ба бозӣ ояд.
Аз парда ба парда ромиши нозуки ту
Дар пардаи дил роз ба бозӣ ояд.
Монанди кабӯтар аз навоят ба ҳаво
Андешаи парвоз ба бозӣ ояд.
Аз рӯшании садо-т хуршеди саҳар
Дар пуштаи Дарвоз ба бозӣ ояд.
Эй кош, суруди ту, саровози ҳунар,
Як умри дигар боз ба бозӣ ояд!

*Соли 2000*

## БЕНИШОНА

Аз навҷавонии худ ӯ буд бонии худ,
Бо меҳр дошт доим худ меҳрубонии худ.
Буд бойгонии худ, буд шойгонии худ,
Коре надошт дигар ҷуз кордонии худ.
Буду набуди худ буд, буд ҷони ҷонии худ,
Аз бурду бохт мебурд бозоргонии худ.
Аз ишқи аввали худ, аз ишқи сонии худ
Парво накард ҳаргиз бо бадгумонии худ.
Бенасл монд охир, шуд ормонии худ,
Дорад дигар ба пирӣ дарди ниҳонии худ.
Инак, диҳад худи ӯ, аз бенишонии худ,
Оши худоии худ дар зиндагонии худ!

*Соли 2000*

# РАҲПОИИ РАҲОӢ

Касе аз роҳи дуродур меояд, кӣ бошад?
Касе садсолаҳо пуршӯр меояд, кӣ бошад?
Ба пешонии худ фардои хуршедии ҷовид,
Ба сони нур андар нур меояд, кӣ бошад?
Дуои рӯшноӣ дар нигоҳи меҳрубонаш,
Ба меҳроби шаби дайҷур меояд, кӣ бошад?
Паёми эзадии роҳи озодӣ ба комаш,
Ба сӯи Вахш чун вахшур меояд, кӣ бошад?
Ба сӯи озарахшони худоии Бадахшон
Чу Мӯсо сӯи кӯҳи Тур меояд, кӣ бошад?
Ба ҷашни зиндагонии ҷаҳон чун муждагонӣ
Ҳумоюнфар, саросар сур меояд, кӣ бошад?
Худоё, кай расад ӯ чун раҳоӣ аз раҳи дур?
Ба чашми интизорам зӯр меояд, кӣ бошад?!

*Соли 2000*

# ОҲ, АКНУН…

Оҳ, акнун бандагӣ дил мезанад дар синаҳо,
Меҳр акнун меҳрубонӣ мекунад бо кинаҳо.
Рӯшноӣ сӯи торикӣ хушомад мезанад,
Сӯи ойинҳо дурӯӣ мекунанд ойинаҳо.
Росту чап мегарояд сӯи якдигар, вале
Ҷанг андозанд бо ҳам кафшҳоро зинаҳо.
Чарм сӯи чарб мелесад лаби хушкидааш,
Худнамоӣ мекунад дар чашми сӯзан пинаҳо.
Пардаи рӯи сиёҳиву сафедӣ медарад,
Мепарад сурхии шарми гунаи сабзинаҳо.
Оҳ, акнун дар миёни кӯрбазми хандасор
Одамӣ мерақсад аз кафкӯбии бузинаҳо!

*Соли 2000*

## СӮЗИ ДИЛ

Эй сӯзи дил, ба синаи худ мефишорамат,
Эй ашк, аз ду дидаи худ мегусорамат.
Эй обу хоки поки диёри ғариби ман,
Умре сипоси нону намак мегузорамат.
Эй сарнавишти тираи таърихи зарнавишт,
Сарномае ба номи худо менигорамат.
Дар пораи харитаи зарди қаламзада,
Эй кишвари аламзада, сар мефурорамат!
Дар сарзамини сӯхтаи бепаноҳи худ,
Эй сояи худо, ба худо месупорамат!
Эй вопасин дам, аз ғами сангини меҳанам
Дар рӯ ба рӯи ойина чун мебурорамат?!
Гар бишканӣ чу соати региям, эй замон,
Ман боз зери реги равон мешуморамат…

*Соли 2000*

## ХОНАБОН

Эй балоятро бигирам, дар ту ҷонам, дар ту мирам,
Бе ту худрову худоро кай шиносам, кай пазирам?!
Ҳастии ман, ҳамсари ман, аз сарат гардам, агар ту
Рӯ ба рӯи ман набошӣ, рӯ ба марги ногузирам.
Бе нигоҳи рӯшани ту дар дили худ тираам ман,
Афканад андеша тӯрам, мезанад ангеза тирам.
Як қалам аз сарнавиштам шодиӣ андар сириштам,
Бо алам ҳарчанд бандам, бо қалам ҳарчанд гирам.[1]
Коҳи оҳе ҳам гаронӣ дорад акнун бар сари ман,
Мекунад андӯҳ пирам, мекунад чун кӯҳ зерам.
Хонапоии ту дорад хонаи бахти ман обод,
Хонабони ман, вагарна бе ту дунёи ҷазирам.
То пас аз ман бенигаҳбон хонумони ман намонад,
Эй чароғи хонадонам, кош, пеш аз ту бимирам!

*Соли 1999*

1. Гир будан – гирифтор будан.

## МӮҲРИ МАҲТОБ

Ба сарзамини пур аз сӯзи офтобзада
Ғунуда нимашабон пуштаҳои хобзада.
Гузашта пораи абре чу рӯҳи овора,
Ба хоки сӯхта бо ашки хеш об зада.
Ба сояҳои парешони боғу роғи хазон
Вазида аз дара шаббодаи шитобзада.
Хазида рӯди таболуд аз канори адир,
Ба роҳи танги гиреҳхӯрда печу тоб зада.
Ба сӯи кишварам имшаб ситора меборад
Ба хоби дидаи ман фоли беҳисоб зада.
Чи рӯз мерасад аз раҳ, ки осмон хомӯш
Ба хобномаи худ мӯҳри моҳтоб зада?!

*Соли 1999*

## ЗОДНОМАИ САБЗ

Оҳ аз оҳи дили фарёдхоҳи ман,
Оҳ аз андешаҳои бепаноҳи ман!
Зодсарве офтоби зодрӯзамро
Мепарастад дар канори зодгоҳи ман.
Боди шӯх аз ёди дури кӯдакӣ то ҳол
Мерабояд аз сари ман хаскулоҳи ман.
То кунун дорад шино гулсанги зери об
Ҳамчу гулмоҳӣ ба дарёи нигоҳи ман.
То кунун аз соярӯшанҳои хоболуд
Мехазад бегоҳи ман сӯи пагоҳи ман.
Кӯдакӣ зоро[1] бубахшад, мекунад зеро
Бо сафедӣ ёд аз ӯ мӯи сиёҳи ман.
Медиҳад сӯз[2] осмонро бо забони хеш
Гулхани шоми дилам аз нимароҳи ман.

*Соли 1999*

1. Зоро – эй кош, кошки.
2. Сӯз додан – мазоҳ кардан.

## ИШҚИ ВАТАН

Эй ҷони ҷони ман, ҷонам фидои ту,
Эй ишқ, эй ватан, ҷонам фидои ту.
Эй реши решагӣ, сӯзи ҳамешагӣ,
Эй меҳри бесухан, ҷонам фидои ту.
Тӯфони хуни ман, туғёни хуни ман,
Эй набзи зистан, ҷонам фидои ту.
Эй оташи дилам, аз обу аз гилам
Сӯзон забона зан, ҷонам фидои ту.
Буду набуди ман, эй ишқ, эй ватан,
Дар ҷанги тан ба тан ҷонам фидои ту.
Хокам кунӣ агар, покам кунӣ дигар,
Бе гӯру бе кафан ҷонам фидои ту!

*Соли 1999*

## ВОНАМУДИ БЕНАМУДӢ

Бегаҳ акнун гаҳнамоӣ мекунад,
Хушк акнун заҳнамоӣ мекунад.
Меҳри гарми рӯзгорон сард шуд,
Меҳр акнун маҳнамоӣ мекунад.
Дар тарозуи нигоҳи доварон
Кӯҳ акнун каҳнамоӣ мекунад.
Дар шумори бешумори бешу кам
Даҳ яку як даҳнамоӣ мекунад.
Кадхудоиро гадоӣ мекушад,
Шаҳна акнун шаҳнамоӣ мекунад.
Тӯда раҳгум мезанад дар чор сӯ,
Раҳзан акнун раҳнамоӣ мекунад.
Ранги рӯи зиндагонӣ мепарад,
Доғаш акнун таҳнамоӣ мекунад.

*Соли 1999*

## СИТОРАИ РАҲНАМО

Наменамоӣ чаро, ситораи раҳнамо?
Куҷо, куҷоӣ, баро, ситораи раҳнамо!
Шаби сиёҳ асту ман, дил асту оҳ асту ман,
Сарам пур аз моҷаро, ситораи раҳнамо!
Ба ин ҷаҳони пареш, ба ин табу тоби хеш
Намеравам сарфаро, ситораи раҳнамо!
Раҳи умедам бидеҳ, раҳи сафедам бидеҳ,
Бубар фурӯву фаро, ситораи раҳнамо!
Ту ашки сӯзи манӣ, ба чашми рӯзи манӣ,
Саҳар ба хобам даро, ситораи раҳнамо!
Аз ин ҷаҳони шигифт дилам саросар гирифт,
Бихон ба гардун маро, ситораи раҳнамо!

*Соли 1999*

## ФУРӮҒИ ҶОВИД

Нағз андар нағзи ман, эй ишқи рӯҳонӣ,
Мағз андар мағзи ман, эй сӯзи пинҳонӣ,
Орзуву ормони ҷовидони ман,
Эй ғаму шодии бепоёни инсонӣ!
Мекунам бо ашки худ рӯшан нигоҳамро,
Аз ту мехоҳам фурӯғи поки яздонӣ.
Сар ба зонуи хамӯшиҳои дуродур
Аз дили худ бишнавам овои кайҳонӣ.
Дар фарозову фарохои умеди ту
Хештанро оварам гирд аз парешонӣ.
Дар суруди худ дуруди тозаат гӯям
Бо ниёишҳои дерини ниёгонӣ.
Саргузашти вижае сӯи ту гардонам
Вожаҳои сарнавиштамро ба пешонӣ.
Зиндагиям меканад ҷон аз барои ту,
То супорам ман замоне ҷон ба осонӣ!

*Соли 1999*

## ДАРВЕШОНА

Дар яхи худ шаби аёс, эй дӯст,
Карда буд гул ба сони ёс, эй дӯст!
Дар нигоҳам фурӯғи дунёро
Осмон мекашид ос, эй дӯст!
Тез мекард моҳи навро ӯ
Дар сари сахти ман чу дос, эй дӯст!
Бо дили нозукам намеомад
Зиндагии дурушт мос, эй дӯст!
Хоб дидам туро ба каф ҷоме,
Ҷомае бар тан аз палос, эй дӯст!
Сӯи шодӣ ғами ту механдид
Дар нигоҳи пур аз сипос, эй дӯст!
Хештанро шинохтам ногаҳ
Дар ту, дарвеши ношинос, эй дӯст!
Дар дили сарди зиндагӣ дорем
То кай андӯҳи гарм пос, эй дӯст?!

*Соли 1999*

## ДОҒИ ОФТОБ

Шаб нолаи модар асту аз чашми тараш
Чун моҳ ҳаметаровад оҳи саҳараш.
Ошӯби замони беамон кӯбида
Монанди балои карбалоӣ ба сараш.
Аз доғи сиёҳи офтоб афтода
Доғи Ҳасану Ҳусайни ӯ дар ҷигараш.
Месӯзаду дуди дили ӯ мепечад
Дар мӯи парешу ёди пур аз шарараш.
Ҷуз чодари сӯгвории модар нест
Дар рӯзи сиёҳи худ паноҳи дигараш.
Бечора куҷо занад сари сахти хеш?
Дунёст ба дӯши сояи дар ба дараш...

*Соли 1999*

## СИЯҲШАБОН

Шаби тори сияҳтар аз сияҳрӯӣ
Ба гӯши зиндагӣ дорад сияҳгӯӣ.
Ғами дерини дунё чун сияҳботе
Ба роҳи кӯри худ дорад сияҳпӯӣ.
Ба армон сарсафедии сияҳбеде
Ба хоби соягӣ дорад сияҳмӯӣ.
Сияҳдуди чароғи куштаи мардум
Гули деворро дорад сияҳбӯӣ.
Худоё, кай ба поён мерасад имшаб?
Худоё, то куҷо дорад сияҳҷӯӣ?
Сапеда сӯи рӯзи марзи берӯзӣ
Дар оби чашми ман дорад сияҳшӯӣ.

*Соли 1999*

## ШОДИЁНА

Кош, андӯҳи дил барандозам,
Кош, хушнуд сар барафрозам!
То кай орад ба сӯи бесӯӣ
Бесаранҷомии сароғозам?!
Рӯзам аз ашк кӯр шуд охир,
Мешиносад маро аз овозам.
Хоҳам аз офтоби бегоҳӣ
Аз барояш нақорае созам.
То ба рақс оварам ғами ӯро,
Шод оҳанги шӯх бинвозам.
Кош, ҳар шаб, шабони берӯзӣ
То қиёмат тарона пардозам!

*Соли 1999*

## САДОИ ХОМӮШӢ

Мардум акнун ғазал намешунавад,
Панди Шайхи ачал намешунавад.
Пунба аз гӯши хеш кай гирад,
Ҳеҷ зарбулмасал намешунавад.
Дар хамӯшӣ садо диҳад гӯшаш,
Бонги илму амал намешунавад.
Ба ҷуз овоза, оваҳ, овозе
Дар замони дағал намешунавад.
Гапи дорост гап, хап, эй дил, хап!
Сухани камбағал намешунавад.
Аз лаби бом ҳам занӣ фарёд,
Доди касро маҳал намешунавад.
Мардум акнун садои худро ҳам
Байни шӯру мағал намешунавад.

*Соли 1999*

## ГУЛИ ХУРШЕД

Туӣ зеботар аз зебоии фарҳангии хеш,
Туӣ нозуктар аз гулнози рангорангии хеш.
Ту аз пешонии ойинаи бедори девор
Кушоӣ нимашаб андешаи ожангии хеш.
Ба сӯи моҳи нав аз орзуи осмонӣ
Дилат гум мезанад дар гӯшаи дилтангии хеш.
Ба роҳи соярӯшан мечакад ашки ситора,
Лабонат ларзад аз ово ба хушоҳангии хеш.
Ба ёди бӯи ҳулбӯи лаби ҷӯи баҳорон
Фишонӣ бар ҳаво атри хуши афрангии хеш.
Саҳар аз ормони дил шукуфо сӯи хуршед
Гули сурхӣ ту дар гулдони сабзи сангии хеш!

*Соли 1999*

## ГУЛИ ХАТ

Аз хоки баланди Ванҷ, эй гул,
Бархостаӣ чу ганҷ, эй гул.
Дар реги сафеди кӯҳсорон
Сабзидаӣ аз шиканҷ, эй гул.
Гул бехтаӣ чу оташ аз санг
Бо сӯзу гудозу ранҷ, эй гул.
Чун ранги ҳино шукуфтаӣ пок
Дар панҷаи рӯди Панҷ, эй гул.
Гул сӯи баҳор бастаӣ ту
Аз тирамаҳони ланҷ, эй гул.
Ҳамчун гули хат дамидаӣ нек
Аз номаи нуктасанҷ, эй гул!

*Соли 1999*

## ГУДОЗ

Бо ҳастии гудохтаам зиндаам ҳанӯз,
Бо ишқу оҳи охтаам зиндаам ҳанӯз.
Дар офтоб сӯхт қазову қадар маро,
Бо қадри ношинохтаам зиндаам ҳанӯз.
Аз по фитодаам пайи бонге ба бекарон,
Дар нимароҳи тохтаам зиндаам ҳанӯз.
Аз ман дигар намонд ба ҷуз ормони ман,
Дар орзуи сохтаам зиндаам ҳанӯз.
Созе аз устухони худ охир кунам дуруст,
Бо сӯзи нонавохтаам зиндаам ҳанӯз.
То рӯзи бозхост фиғон мебарад дилам,
Дар зиндагии бохтаам зиндаам ҳанӯз!

*Соли 1999*

## ЛАБХАНД

Одамони паст пастам мезананд,
Атса дар рӯзи шикастам мезананд.
Во аҷаб, чун нестам монандашон,
Таънаам, ҳар ҷо ки ҳастам, мезананд.
Чун наям дар базмашон бологузар,
Нешханде бар нишастам мезананд.
Ҳар чи гӯям, чашмашон гӯшам кунад,
Сурфае, гар лаб бубастам, мезананд.
Чун кунам, гар дӯғашон бошад туруш,
Аз алам дуғе ба шастам мезананд.
Сӯи дастархони худ ҳам, во аҷаб,
Даст агар ёзам, ба дастам мезананд.
Хашмгин то мекунандам, мекафанд,
Дод аз ҳастии мастам мезананд.

*Соли 1998*

## МЕҲРИ СИПЕҲРӢ

Гарданафрозиву гардунзодаӣ, эй дӯст,
Даст бар гардуни гардон додаӣ, эй дӯст.
Аз рухат меҳри сипеҳрии ту метобад,
Дар замин аз осмон афтодаӣ, эй дӯст.
Мекунӣ бовар ба мардум аз самими дил,
Бо ҳама доноии худ содаӣ, эй дӯст.
Гарчи аз андешаи дунё парешонӣ,
Бо сари озоди худ озодаӣ, эй дӯст.
Оташи ҷовиди покиро ту аз хуршед
Дар ниҳоди неки худ бинҳодаӣ, эй дӯст.
Аз сиришти хеш сӯи сарнавишти хеш
Гирди гардун роҳи дил бикшодаӣ, эй дӯст!

*Соли 1998*

## ТАБЁЗА

Шаб барафрӯзам таби уммедҳоро,
Аз сияҳ бармекашам испедҳоро.
Сарнавишти хешро мебахшам овоз
Чун бараҳман вожаҳои ведҳоро.
Сояи андеша дорад дар тани ман
Печу тоби бодҳову бедҳоро.
Рӯшноии диламро мекашад дам
Тирагӣ ҳамчун замон ҷовидҳоро.
Нимашаб дар хоб мехонад нигоҳам
Аз сипеҳри бекарон хуршедҳоро.

*Соли 1998*

## КӮРГИРЕҲ

Ҳар кӣ имрӯз дар харобаи худ
Бар лаб орад фиғону лобаи худ.
Вой, сарриштаи ҷаҳон гум шуд,
Ҳар кӣ ҷӯяд сари калобаи худ.
Ҳар кӣ бирён кунад дар оташи дил
Ҷигари хешро ба тобаи худ.
Ҳар кӣ ҳар ҷо хӯрад ба танҳоӣ
Пораи нону мостобаи худ...
Ҳар кӣ дар остони кас накашад
Мӯзаи хешу пойтобаи худ.
Ҳар кӣ бар чоҳи бетаги дунё
Бингарад аз шикофи чобаи худ.
Ҳар кӣ хоҳад аз офтоби баланд
Гармии оби офтобаи худ.
Дар раҳи зиндагии бесомон
Ҳар кӣ акнун кашад аробаи худ.

*Соли 1997*

## СУРУДИ СӮЗОН

*Ба Лутфуллои Давлат*

Овози ту як шаршараи армон аст,
Дар пуштаи сабзи дараи армон аст.
Парвози нигоҳи ту ба пардози баҳор
Аз гул ба гуле шаҳпараи армон аст.
Як панҷаи рӯшноии хонаи дил
Дар рӯи ту аз панҷараи армон аст.
Паҳлӯ зада дар сояи андешаи ту
Кӯҳу кутали бефараи армон аст.
Дар гӯши ту зузаҳои гургонаи бод,
Дар ёди ту оҳубараи армон аст.
Дар тобу таби суруди хуршедии ту
Сӯзон нафаси Данғараи армон аст.

*Соли 1997*

## ДӮСТВОРА

*Ба Фатҳуллои Азиз*

Замин ларзид аз гашти замон, эй дӯст,
Ҷаҳон таркид, бошӣ дар амон, эй дӯст!
Зи ранги осмон Тирукамон пуркид
Ба бонги тираи тиру камон, эй дӯст.
Баҳори оҳанин сабзид аз зангор,
Хазон шуд дар чаман сарви чамон, эй дӯст.
Дили дарёияшро зиндагӣ афканд
Дами тӯфони дарёи дамон, эй дӯст.
Саг аз нав гург аз қонуни ҷангал шуд,
Намонд одамгарии одамон, эй дӯст.
Ту аммо бо дили мардумпарасти хеш
Ҳамин айём ҳам ҳастӣ ҳамон, эй дӯст.
Агар аз худ бимонӣ, аз худо монӣ,
Дар ин дунёи дун аз худ намон, эй дӯст!

*Соли 1997*

# НИЁИШИ НИЁГОНӢ

*Ҳафт барги сабз ба дӯсти*
*фарзонаам Сайидалӣ Сайид*

**I.**

Эй худованди сипеҳри бекарон,
Ҳастии ҷовиду меҳри бекарон!
Дар хами гардуни гардон сӯи ту
Кай кунад истораи бахтам қирон?
Рӯшноии ту мехонад маро,
Сӯзадам дар офтоби Ховарон.
Домани сабзи туро орам намоз,
Гул кунад аз ранги зардам заъфарон.
Сар ниҳам сӯи ту дар роҳи умед
Сарнагуну саргарангу саргарон.
Дар ту меҷӯям паноҳ аз хештан,
Эй худои ман, маро аз худ марон!

**II.**

Диламе, во диламе, во диламе,
Сӯхт сӯзи дилам обу гиламе!
То нависам алами хеш, бубахш,
Эй худованди қаламкаш, қаламе!
Гардам аз номаи пешонии худ,
Зарнависии ту шуд зарҳаламе.
Дар сипоси ту бигирям, ки диҳӣ
Посдори ғами худро аламе.
Роҳ бинмой, ки аз боғи умед
Мурғи раҳгумзадаи ҷангаламе.
Моҳ бинмой, ки дар тирашабон
Рӯзи дидори туро маъталаме...

## III.

Ҷуз худо ёдрасе нест маро,
Ҷуз худо додрасе нест маро.
Ҷуз худои азаливу абадӣ
Ҳеҷ фарёдрасе нест маро.
Зиндагонӣ ғаму шодии худост,
Дар сипосаш сипасе нест маро.
Ҷуз ҳаводории ҷовиди худо
Дар сари худ ҳавасе нест маро.
Ҷуз дили эзадии синаи пок
Мурғи зори қафасе нест маро.
Ҷуз худо ҳастии ҳастӣ ҳеҷ аст,
Дар каси хеш касе нест маро.

## IV.

Сармаст ё сарсахт худро худ кунем,
Хушбахт ё бадбахт худро худ кунем.
Пас бо ҳама чуну чарои худ чаро
Дар зери гардун шиква аз эзад кунем?
Аз нек некӣ мерасад, аз бад бадӣ,
Бо худ кунемаш, ҳар чи неку бад кунем.
Зиштӣ нағунҷад дар шумори бешу кам,
Бояд ки як хубии худро сад кунем.
Дар ҳастии кас кина орад нестӣ,
Бояд, ки меҳри хешро сармад кунем.
То дар замири худ худоро ҷо диҳем,
Бояд, ки худро дар дили худ рад кунем!

## V.

Раҳ ба даргоҳи худо овардаем,
Ғам ҷудо, шодӣ ҷудо овардаем.
Доғи дунё дар дили пурсӯзи хеш,
Дар кафи холӣ дуо овардаем.
Чашми худ пӯшидаем аз орзу,
Ормон дар чашми во овардаем.
Гиряҳои талху ширини хамӯш,

Нолаҳои бесадо овардаем.
Доди худро сӯи додори бузург
Аз ҷаҳони маргзо овардаем.
Дар дили мо зиндагонӣ мурдааст,
Бандагии худ ба ҷо овардаем.

**VI.**

Ҳастии мо, эй худо, ҳасти ту бод,
Ҷони мо ҷовид пайвасти ту бод!
Ҳамчу гулхан дар намози офтоб
Ишқи рӯҳонии мо масти ту бод!
Чун дуои нек дар тӯмори пок
Сарнавишти мо ба феҳрасти ту бод!
Дар набарди ҷовидони неку бад
Панҷаи гирои мо шасти ту бод!
То кароммоти қаландар сайри ӯст,
Дар таноби роҳ побасти ту бод!
Эй худо, дар ин ҷаҳони бепаноҳ
Бар сари мо сояи дасти ту бод!

**VII.**

Бо ҳазору як ниёиш, эй худо,
Бо ҳазору як ситоиш, эй худо,
Дар гулӯ оҳи гиреҳ андар гиреҳ,
Аз ту меховҳам кушоиш, эй худо.
Таҳ ба таҳ месӯзам аз андӯҳи дил,
Нест сӯзамро намоиш, эй худо.
Сӯи оташ хуни оташгуни ман
Мекунад аз таб гароиш, эй худо.
Дар ҷаҳон ҳамвора сарсахтии ман
Мехӯрад бар санг соиш, эй худо.
Зери бори чарху сарбории он
Мекунам то чанд поиш, эй худо?!

*Соли 1997*

## ФИҒОН

Зиндагонӣ бемадорам кард,
Зор монад, хору зорам кард.
Зистам дар орзуи хеш,
Ормони дил фигорам кард.
Меҳр варзидам ба зебоӣ,
Меҳрубонӣ ашкборам кард.
Як замон болидам аз ҳастӣ,
Шодмонӣ ғамгусорам кард.
Хоки роҳи ростӣ гаштам,
Хоксорӣ хокхорам кард.
Покии андеша парвардам,
Порсоӣ доғдорам кард.
Сӯзи ҷонам сӯхтор афрӯхт,
Рахна андар сохторам кард.
Ҷастам аз ҷову ҷаҳон ҷустам,
Ори дунё зери борам кард.
Дар миёни мардуми майдон
Бегуноҳӣ сангсорам кард…
Зиндагониро парастидам,
Зиндагонӣ торуморам кард!

*Соли 1997*

## РАНҶ

Сагазоби думликоне
Печ зад бо ҳак-ҳаконе.
Мушти ғам бишкаст ногоҳ
Бар сари ман гирдаконе.
Зад дилам гум чун дили кӯҳ,
Чун замин хӯрдам таконе.
Осмонро доштам сахт
Чун замони ломаконе.

Канда шуд аз боми гардун
Зери поям паллаконе.
Офтоб аз дастам афтод
Чун булури хунчаконе…
Лоба дар лаб дар гирифтам,
Бозмонд аз ман жаконе.

*Соли 1996*

## БА САЛОМИ ОЗОДӢ

Дар мазори ба номи озодӣ
Сарв дорад хироми озодӣ.
Гунбади зарҳалии он рахшон,
Офтобист боми озодӣ.
Дар ҳавои баланди он монда
То қиёмат қиёми озодӣ.
Бар дараш побараҳна мегардам,
То расам бар саломи озодӣ.
Ояд аз ояҳои девораш
Дар нигоҳам паёми озодӣ.
Сӯи ман оҳ мекашад сангин
Гӯрсанги рухоми озодӣ.
Аз дили хеш бишнавам хомӯш
Зарби қалби Имоми озодӣ.

*Соли 1995*

## ГУЛДОНИ ШИКАСТА

Нақши хоси панҷаи меҳри кулоле
Монда буд бар дӯши гулдони сафолӣ.
Баста буд хоки сафеди он сафолак
Ҳамчу марзи лахт-лахти хушксолӣ.
Холи сабзе дар лаби худ дошт, аммо
Аз наму аз барги сабзе буд холӣ.
Чун варо бегул бидидам, ёдам омад
Аз ту, эй гул, як нигоҳе, як хаёле.

Як замон дар боғи дил парварда будам
Аз бароят навгули ишқи муҳоле,
Лек кардӣ поймол онрову доғаш
Шуд гули чашми маҳи шоми висоле...
Деру дур аз ёди дури ишқи дерин
Дар раҳи армон нигоҳам дид фоле.
Ногаҳон гулдон фурӯ афтоду бишкаст
Ё ба сеҳри чашми ман ё аз шамоле?!

*Соли 1995*

## ТИЛИСМ

Мо дигар дар шаҳри афсунии худ афсонаем,
Дар хиёбони шиносаш мардуми бегонаем,
Дар паси кохи баландаш хонаи вайронаем,
Дар чароғи кӯри бепарвои ӯ парвонаем,
Дар шикасти базмии паймони ӯ паймонаем,
Дар нигоҳи гурбаи чашмони ӯ бедонаем,
Дар димоғи бастааш бӯи гули кастонаем,
Дар буни гӯши кари ӯ чомаему чонаем...
Мо дигар дар содагии хештан фарзонаем,
Деви девони хирад сармасту мо девонаем!

*Соли 1994*

## БОДХЕЗ

Шаҳр акнун аз ҳаёҳӯ бефара,
Дӯшбораш аз такопӯ якпара.
Дар хиёбонҳои худ раҳгум зада,
Сӯи бесӯӣ парешон яксара.
Дар сараш андешаи печида аст
Саллаи даҳмардаҳои Данғара.
Дорад ӯ дасти дуои боғи хеш,
Панҷаҳояш пеши рӯяш панҷара.

Дар гулӯи хастаи фаввораҳош
Мекунад сӯзи дилашро ғарғара.
Шаҳр акнун кӯҳнабозори нав аст
Дар бари паскӯчаҳояш якбара.
Худ намеғунҷад дигар дар кохи худ,
Танг майдонаш миёни чанбара.
Шаҳр акнун дарбадар дар шаҳри хеш,
Аз дари худ меравад сӯи дара.

*Соли 1994*

## ШЕВАН

*Ба ёдбуди Кароматуллои Қурбон*

Во дареғ аз ӯву аз овои ӯ,
Гашт шеван шеваи шевои ӯ.
Ҳамчу шир овози ширинаш бисӯхт
Аз алови оҳ дар лабҳои ӯ.
Ҳамчу сими сози барқӣ ногаҳон
Канда тори умри барқосои ӯ.
Рафт чун фарёд сӯи осмон
Монд дунёи ғам аз дунёи ӯ.
Ҳамчу оби дидаи гардун дигар
Мечакад хуни дил аз хунёи ӯ.
Дар ҳаво дорад ҳавои зиндагӣ,
Менамояд аз само симои ӯ.

*Соли 1994*

## ИСЁНИ ИШТИҲО

*(ҳазл)*

Иштиҳо шӯру мағал мекунаде,
Бо шикам ҷангу ҷадал мекунаде.
Дар дили мо ба алови таги дег
Нафаси хеш бадал мекунаде.
Ба сад оҳангу ҳазору як усул
Ҳамаро сахт усал мекунаде.

Пои моро паи рӯзӣ ҳама рӯз
Дар раҳи рост качал мекунаде.
Дар буни гӯш шапотӣ бишапад,
То чапотӣ ба бағал мекунаде.
Лек боке набувад, меъдаи мо
Сангро ҳам зада ҳал мекунаде.
Хӯ гирифтаст ба хун заҳри хӯрок,
Шаҳдворона амал мекунаде.
Лек моро дигар аз хони азал
Асали пок касал мекунаде.
Ҳазар аз хӯрдании тоза, ки он
Кару гунгу калу шал мекунаде!

*Соли 1994*

## МУМСИК
(ҳазл)

Солиён полези мардум лош кард,
Хирмани пурбори мардум пош кард.
Ҳар кучо сӯи биринчи одамон
Чашми танги хеш во чун мош кард.
Рӯи нонашро гадое ҳам надид,
Баҳри як хас бо ду кас пархош кард.
Айни пирӣ дид хоби бад магар?
Баҳри се кас ногаҳон як ош кард.
Дод меҳмонони худро чой ҳам,
Ҳотамии хеш охир фош кард!

*Соли 1994*

## ПАНДИ МУФТ
*(ҳаҷв)*

Ҳамроҳи хешро як марди боркаш
Мегуфт раҳ ба раҳ: – Эй пири хоркаш!
Дунё дигар шуда, хуни ҷигар шуда,
Аз обу оташаш худро канор каш!

Бозори боз бин, баргарду соз бин,
Бебаркаш аз якаш бар худ ҳазор каш!
Суду зиён намонд, гар мокиён намонд,
Тоҷи хурӯси хеш сӯи қимор каш!
Сарро ба санг зан, ҳар чист, чанг зан,
Рӯзии хешро аз рӯзгор каш!
Ҳоли ҷаҳон магӯ, моли ҷаҳон биҷӯ,
Доро агар наӣ, худро ба дор каш!..
Ин гуна тоқу ҷуфт мегуфт панди муфт,
Аз росту дурӯғ карда қаторкаш.
Чун ҳеҷ хап нашуд, поёни гап нашуд,
Хандид пир: – Ҳой, як носвор каш!

*Соли 1994*

## НУР ДАР ГӮР

Эй қавми фиребхӯрдаи озодӣ,
Қурбонии ношумурдаи озодӣ!
Дар сина ғами фасурдаи озодӣ,
Дар ҷон нафаси фишурдаи озодӣ,
Дар дил ҳаваси бахти сафед аз хуршед,
Мардони сиёҳҷурдаи озодӣ!
Афрохтаед сӯи гардун гардан
Маст аз майи нобу дурдаи озодӣ.
Бебок кашидаед теғи исён,
Гурдони бузурггурдаи озодӣ!
Охир шудаед тир дар дил озод
Чун зодаи сарсупурдаи озодӣ...
Ҳарчанд ба рӯшноӣ аз торикӣ
Мондед раҳи набурдаи озодӣ,
Сутхони шумо ба гӯр нур афшонад
Бо ёди чароғи мурдаи озодӣ.

*Соли 1992*

## ШӮРАНДОЗ

Берӯии ӯ ҳазору як рӯ дорад,
Аз бедаҳанӣ забони ӯ мехорад.
Хушгӯии ӯст сар ба сар бадгӯӣ,
Кин аз паи меҳр по ба по меорад.
Ояд ғаши ӯ аҷаб аз овози хуш,
Овозаи бад ба гӯши ӯ мефорад.
Чун аз дами дев аз дами шуми ӯ
Оташ ба замин аз осмон меборад.
Дар хонаи мӯр дуд меандозад,
Дар хонаи мор шӯр мебардорад.
Аз фитнаи ӯ диёри мо месӯзад,
Иғвои варо аҷал намеғундорад.
Дилсӯз ба тӯда менамояд худро,
Яксар ҳамаро гаранг мепиндорад.
Бо гиряи родиюияш ашки ӯ
Аз «оинаи ҷаҳоннамо» мешорад...

*Соли 1992*

## ШИКАСТ

Ба сӯи бозсозиҳо хитоб андар хитоб омад,
Ба майдон чун ба бозиҳо шитоб андар шитоб омад.
Дигар беҳудаву ҳуда ба баҳси тӯда бо тӯда
Савол андар савол омад, ҷавоб андар ҷавоб омад.
Ба сӯи мардуми кишвар ҷаҳолат ҳамчу донишвар
Зи берӯӣ ба рӯи худ ниқоб андар ниқоб омад.
Саропо шуд сухан урён, ба монанди ватан урён,
Дурӯғ андар дурӯғ омад, ҳиҷоб андар ҳиҷоб омад.
Ғами ҳоли табоҳ афзуд, гуноҳ андар гуноҳ афзуд,
Вубол андар вубол акнун савоб андар савоб омад.

Замон оташ ба бод афшонд, ба обу хок афсун хонд,
Падид аз сӯхторонаш сароб андар сароб омад.
Раҳоӣ ёфт дев аз хум, ҳисоби мардумӣ шуд гум,
Лак андар лак ҳазору як ҳисоб андар ҳисоб омад.
Накард исме тилисме боз, нашуд дунёи вайрон соз,
Шикаст андар шикаст омад, азоб андар азоб омад...

*Соли 1991*

## ДАР ЧОРСӮ

Равон тӯда акнун ба роҳи сиёсӣ,
Зи роҳи сиёсӣ ба чоҳи сиёсӣ.
Ба мӯе дурангӣ, ба рӯе дурангӣ
Зи ранги сафеду сиёҳи сиёсӣ.
Ба ёри қарин ҳам, ба чархи барин ҳам
Ҳама дорад акнун нигоҳи сиёсӣ.
Сари сахти кас хам, наарзад ба хас ҳам,
Гарон арзиши хаскулоҳи сиёсӣ.
Ба по ҳар кӣ хезад, ба меҳан ситезад,
Савоб аст акнун гуноҳи сиёсӣ.
Басе бо бади худ гузашт аз ҳади худ
Чу аз сарҳади зодгоҳи сиёсӣ.
Кунун зеҳни кунде ба тезиву тундӣ
Чу шофи бурути сипоҳи сиёсӣ.
Кунун ҳар кӣ дуғе занад бо дурӯғе,
Ҷаҳад аз ҷиҳоде ба ҷоҳи сиёсӣ,
Ки як тоҷвар ҳам намонда ба олам
Ба ҷуз аз хурӯси пагоҳи сиёсӣ.
Чу аз бонги анбӯҳ фитад тарма аз кӯҳ,
Фурӯ рафта боми табоҳи сиёсӣ.
Хазон киштаҳое бари пуштаҳое,
Насабзад дигар ҷуз гиёҳи сиёсӣ.
Аз имрӯзу фардо дареғову дардо!
Ватан ҷӯяд акнун паноҳи сиёсӣ!

*Соли 1991*

## БАРГИ САНГ

*Барои Зиё Раҳмон*

Ту ҳам як пора санги кӯҳсорониву ман ҳам,
Ту ҳам аз хорасанги кӯҳсорониву ман ҳам.
Ту ҳам чун санги гардони фалахмони ниёгон
Паровар то ҳанӯз аз корзорониву ман ҳам.
Уқоби шоҳболи абрувонат кабкгир аст,
Ту ҳам аз нури чашми шаҳшикорониву ман ҳам.
Чу деҳқон хушқадам дар марзи наврӯзии меҳан
Ту ҳам фархундапай дар хони ёрониву ман ҳам.
Ҷавонмарди ҷавонмардони хоки поки Хатлон,
Ту ҳам аз хуни поки шаҳриёрониву ман ҳам.
Ба пайкар захми пайкон сӯи пайкори баду нек
Ту ҳам пайки умеди ҷоннисорониву ман ҳам.
Ба марги хеш хандону ба марги аспи хатлӣ
Ту ҳам гирён ба сони шаҳсуворониву ман ҳам.
Каманд афканда гардун аз камин бар гардани мо,
Ту ҳам дар ин замин аз сарбадорониву ман ҳам.
Наосоем аз исёни дил дар хештан ҳеҷ,
Ту ҳам осии тунди рӯзгорониву ман ҳам.

*Соли 1991*

## БОНГИ ТӮДА

Навида[1] хунфишон соли навад, ҳуш дор, ҳуш дор!
Ба рӯи меҳан оташ медавад, ҳуш дор, ҳуш дор!
Хирадро мехарад муфту хирадро мехӯрад хом
Дурӯғи пур, ки мардум бишнавад, ҳуш дор, ҳуш дор!
Гурӯҳ андар гиреҳ асту гиреҳ андар гурӯҳ аст,
Ба исён тӯда майдон меравад, ҳуш дор, ҳуш дор!

---

1. Навидан – нолидану ларзидан.

Ба ҷуз бовар ба фардояш набуд, ин ҳам намондаш,
Ба беимонӣ охир бигравад, ҳуш дор, ҳуш дор!
Ба рӯи мардуми марзии худ аз кин макун туф,
Ки мардум туф кунад, тӯфон шавад, ҳуш дор, ҳуш дор!

*Соли 1990*

## НОМАРД

Дами дар маскани ӯро ситоиш кард,
Саги гургафкани ӯро ситоиш кард.
Ба кифташ даст монду паҳлавонаш хонд,
Гулӯву гардани ӯро ситоиш кард.
Ба чарми мӯзаи пояш баҳое дод,
Кулоҳу чакмани ӯро ситоиш кард.
Ба мадҳе дар гилеми хонааш биншаст,
Чароғи рӯшани ӯро ситоиш кард.
Ба гирди хон дуое бо саное гуфт,
Фатиру рӯғани ӯро ситоиш кард.
Вале номард чун аз остонаш рафт,
Қаду басти зани ӯро ситоиш кард.

*Соли 1990*

## ДУОИ МОДАР

Қасаме ба шири модар, қасаме ба номи модар,
Ду ҷаҳон киро надорад ба як эҳтироми модар.
Нигарам ба мурғи хуршед ба намози шоми модар,
Чу фаришта менишинад ба канори боми модар.
Ғами дил диҳад азобаш, бупарад зи дида хобаш,
Ба назар надорад охир шаби бардавоми модар.
Чу сипанд мекунад дуд ба ҳавои дудмонаш,
Ки ба бӯи оташи дил гаравад машоми модар.
Ба намози бомдодаш талабад ҳама муродаш,
Ба раҳи умед бошад нигаҳи мудоми модар.
Зи дуои мустаҷобаш ба ҷаҳон расад савобаш,
Равад аз азал паёпай ба абад паёми модар.

*Соли 1989*

## МОДАР, МАРО БУБАХШО!

Дурам ман аз бари ту, модар, маро бубахшо,
Кас нест ёвари ту, модар, маро бубахшо!
Ман аз паи ҳавасҳо рафтам ба сӯи дунё
Аз погаҳи дари ту, модар, маро бубахшо!
Шаб чун ба чашми маҳтоб, ширин намешавад хоб
Дар дидаи тари ту, модар, маро бубахшо!
Аз ғуссаи ҷудоӣ танҳоии худоӣ
Дар ҷону пайкари ту, модар, маро бубахшо!
Бо орзуи сода дасти дуо кушода
Аз зери чодари ту, модар, маро бубахшо!
Дар ёд чун дар афсун, гардон ба гирди гардун
Мегардам аз сари ту, модар, маро бубахшо!

*Соли 1989*

## ИШҚИ АВВАЛ

Ишқи аввал аз сарам чун ширмаҳтобе гузашт,
Ширмоҳӣ гашту бо дарёи тезобе гузашт.
Хобҳои ошиқии худ саҳар гуфтам ба об,
Ишқи аввал ташналаб ҳамроҳи хезобе гузашт.
Зери дандони садаф лабчанг мезад ёри ман,
Ишқи аввал ҳамчу оҳанги табу тобе гузашт.
Масти маст аз бӯсаҳои аввалину охирин
Ишқи аввал чун хумори бодаи нобе гузашт.
Буд ҳамболи парастуи баҳор абрӯи ёр,
Ишқи аввал ҳамчу мурғи бахти ноёбе гузашт.
Ишқи аввал бо ҳама афсонаву афсуни хеш
Чун хаёле аз сару аз дида чун обе гузашт.

*Соли 1989*

## ГӮШИ СИХ

*(ҳаҷв)*

Ба мардум бо сипоҳӣ мекунад гӯш,
Ба гоҳеву ба роҳе мекунад гӯш.
Гирифта дар даҳони хештан об,
Ба гап хоҳӣ-нахоҳӣ мекунад гӯш.
Гаҳе кар хешро воменамояд,
Ду гӯшаш сих гоҳе мекунад гӯш.
Даҳонашро кушода аз паси дар
Савобеву гуноҳе мекунад гӯш...
Ба хурроки баланди хеш ҳам ӯ
Шаби хобаш паноҳӣ мекунад гӯш.

*Соли 1988*

## ТО БОЗДИД, ЭЙ ОФТОБ!

Имрӯз ҳам омад ба сар, то боздид, эй офтоб!
Ҳастем ё не то саҳар, то боздид, эй офтоб!
Аз домани чархи барин дорӣ нигоҳи охарин
Бар домани кӯҳу камар, то боздид, эй офтоб!
Бо меҳр як бори дигар аз равзани чашмам нигар,
Бин, ҳастамат лахти ҷигар, то боздид, эй офтоб!
Ман порае аз сӯзи ту, аз сӯзи ҷонафрӯзи ту
Дорам даруни чашми тар, то боздид, эй офтоб!
Ду чашми чорам сӯи ту, ман зори зори рӯи ту
Ҳамчун ба дидори падар, то боздид, эй офтоб!
Бошам агар фарзанди ту, аз оташи пайванди ту,
Оташ маро соз аз дигар, то боздид, эй офтоб!
То бошӣ аз умри азиз то рӯзи дури растахез
Дар ҷони ман ҳамчун шарар, то боздид, эй офтоб!

*Соли 1987*

## БАРГИ САБЗ

*Ба устод Бозор Собир*

Дорад ба сар савдои дил, дорад ба лаб овои дил,
Гӯяд ба дил ғамҳои дил, эй вои дил, эй вои дил!
Аз саргузашти худ алам, аз сарнавишти худ қалам
Ӯ мекашад бо чашми нам, бо шеваи шевои дил.
То Каҳкашон монад қадам аз зинаи шеъри Аҷам,
Дар синаи шеъри Аҷам ӯ метапад дар ҷои дил.
Аз оташи поки ниё дар чашми худ дорад зиё
Чун оташи гӯёи дил дар дидаи бинои дил.
Эрону Тӯронро зи ҳам Омӯ ҷудо кардаст агар,
Эрону Тӯронро ба ҳам пайваста бо дарёи дил.
Ҳамчун кишоварзи ватан бикшояд ӯ марзи ватан,
Паҳнои дунёро кунад паҳновар аз дунёи дил.

*Соли 1987*

## ЗАБОНАИ ОТАШ

*Дар пояи пайкараи Буалӣ Сино*

Ба зону мезанам дар назди Синои Душанбе,
Дуо пурсам аз ӯ дар роҳи фардои Душанбе.
Сиришки чашми сангашро кунам бо остин пок
Ба суру сӯг чун аз чашми бинои Душанбе.
Ба мисли кӯдаки гумгаштае дар байни бозор
Сари савдоиям гардон зи савдои Душанбе.
Бичинам ҳамчу пири рустоӣ мағзи нонро
Зи рӯи роҳҳо чун аз таги пои Душанбе.
Шавам ғамгин агар аз нон гадое рӯй тобад,
Фақат пул пурсад акнун ҷӯгии бои Душанбе.
Дилам аз хонааш беҷо шавад, бинам, ки ночор
Кироя шишта таҳҷоии беҷои Душанбе.
Ба сони боди дайду дар ҳавои хонаи кас
Забони кӯчагии кӯчагиҳои Душанбе.

Аз ин рӯ кори ман дар корзорон нотамом аст,
Зи дунё ҳам равам, монам ба дунёи Душанбе
Ва як умри дигар хонам ғазал, он сон ки хонад
Ба лафзи мардуми Варзоб дарёи Душанбе.

*Соли 1987*

## ДИДОРИ МОДАР

Ҳар кучо аз кулбаи хомӯши ғамдевори модар,
Бод меорад ба сӯям нолаҳои зори модар.
Чӯҷаҳояш дур аз зери қаноти ӯ парида
Ҳамчу хоби нимашаб аз дидаи бедори модар.
Чӯҷаҳояш росту чап сӯи дунё пар кашида,
Мепарад гаҳ росту гаҳ чап ду чашми чори модар.
Чун ғами дунё ғами фарзандҳояш мехӯрад, лек
Нест ҷуз танҳоии ғампарвараш ғамхори модар.
Ҳар каму беше, ки дар дунёи дил имрӯз дорам,
Нест аз дунёи гил ҷуз андаку бисёри модар.
Ҳар қадар бори ҷаҳонро ман ба дӯши хеш гирам,
Он қадар гардад гарон бори дилу сарбори модар.
Сӯи ӯ бо дидаи пазмони худ меоям аз дур,
Чеҳраи додорро мебинам аз дидори модар.
Мешавад чун хок аз овои нойи навбаҳорон
Орзуи мурдаи ман зинда аз гуфтори модар.

*Соли 1986*

## РАШК

Суханбофе, ки бошад бе ягон кеш,
Бузургеро намедонад ба ҷуз хеш.
Манаҳ гар мезанад, наҳ мезанад тез
Ниёгонро бадомӯзи бадандеш.
Ба покӯ то кунад пок аз хурофот,
Тарошад ӯ зи расми Рӯдакӣ риш.

Шикам пур мекунад аз пурнависӣ,
Занад шеъраш ҳикак аз серии беш.
Чунон ҳарфи намакдораш бувад шӯр,
Намаксангест гӯё пеши гавмеш.
Чу лафзаш нест ширин, бо забонаш
Ба оруи асал ҳам мезанад неш.
Намеранҷад, китобашро нахонанд,
Ки бигрифтаст ӯ ҳаққи қалам пеш.
Вале хонандаи донои тоҷик
Ба завқи худ дили ӯро кунад реш,
Ки ҳоло ҳам анисаш Шамсу Ҳофиз,
«Ҳазору як шаб»-асту «Чор дарвеш».

*Соли 1986*

## ҲУРМАТ
*(ҳазл)*

Шуд курпаи базм дар кати сой дароз,
Кардем ба осудадилӣ пой дароз.
Хонандаи рӯғанзада овоз кашид
Гоҳе зи димоғу гаҳе аз ной дароз.
Бисёр ғалат хонд суруди ғалатӣ,
Ҳам «ҳой» дароз карду ҳам «вой» дароз.
Кӯтоҳии умри кӯтаҳи мо афзуд
Ин кӯтаҳии ӯ, ки шуд он ҷой дароз.
Дар авҷи сурудхонияш бо ҳурмат
Кардем ба ӯ пиёлаи чой дароз.

Соли 1984

## БАРЗГАРИ ПИР

Рӯзаш сипарӣ паи сипоре,
Дар чини ҷабини ӯ шиёре.
Аз барзгари нахуст дорад
Дар сина замини ёдгорӣ.
Аз марзи дилаш шудаст оғоз
Огарди замини навбаҳорӣ.

Аз хоки дами каланд ӯро
Гӯё ки сиришта кирдигоре.
Бо панҷаи хеш нарм карда
Ӯ нофи замини кӯҳсорӣ.
Гӯё ки буридаанд нофаш
Бо доси дарав ба киштзоре.
Дар мижжаи ӯ нишаста гарде,
Худ шишта ба хоки хоксорӣ.
Ӯ маззаи хокро чашида
Дар пирии худ чу ширхоре.

*Соли 1984*

## УСТОИ ПИР

Пирамарди русто, устои беустоди мардум,
Ҳар куҷое, ки ҳашар бошад, расад бар ёди мардум,
Даст бар дил мениҳад ё пой дар гил мениҳад ӯ,
Мекунад ободтар даргоҳи бахтободи мардум.
Санги бунёд ӯ ба зери хонаи нав мегузорад,
То ки бошад сахту сангин пояи бунёди мардум.
Созад айвони баланде, то дар он ҷуфти парасту
Лона монад, пар занад тори сари озоди мардум.
Мекашад гулҳои шодоби шукуфоӣ ба девор,
Бишкуфад то лолаҳои чеҳраҳои шоди мардум.
То бувад дасти кушоде сӯи дарҳои кушоде,
Менишонад даста бар дарвозаи шамшоди мардум.
Аз дарахти пир ҳамчун аз дарахти қомати худ
Метарошад пояи гаҳвораи навзоди мардум.
Бар даҳони чашмаи раҳ новаи чӯбин гузорад,
Бигзарад об аз гулӯяш, то расад бар доди мардум.
Нашнавад гоҳе сипосе гӯши дар пирӣ гаронаш,
Лек ӯ дар хокдон ҳам бишнавад фарёди мардум.

*Соли 1984*

## ДИДОР

Бо ту имшаб оламу одам фаромӯшам,
О ба оғӯшам, ба оғӯшам, ба оғӯшам!
Эй умеди аввалину охирини ман,
Ҳамчу фардо омадӣ имшаб ту аз дӯшам.
Ман зи атри мӯи шабранги парешонат
Масти мастам, бехуду беёду беҳушам.
Бо ҳавои бӯсаи сӯзон ба тобу таб
Дар рагу пайванди ҷони хеш меҷӯшам.
Ҷуз садои зарбаи бепардаи дил ҳеҷ
Нест ғавғои ҷаҳон дар пардаи гӯшам.
Бо нигоҳи тобноку ташнаи дидор
Об аз чашмони обии ту менӯшам.
То ки ҳар як лаҳзаи мо ҷовидон бошад,
Чашм аз рӯи ту, мирам ҳам, намепӯшам.
Баски рози хуфтаи худро дилам гӯёст,
Бо забони лоламу лабҳои хомӯшам.
З-ин сабаб мехонамат бо даст сӯи хеш:
– О ба оғӯшам, ба оғӯшам, ба оғӯшам!

*Соли 1983*

## ТОҶИКИСТОН

Саропоям умеду ормони Тоҷикистон аст,
Ҳама буду набуди ман аз они Тоҷикистон аст.
Сарам аз санг шуд аз санги сангарҳои кӯҳистон,
Хаёлам порае аз осмони Тоҷикистон аст.
Бичӯшам дар замини синаи худ ҳамчу дарёе,
Дилам як шоха аз Вахши дамони Тоҷикистон аст.
Ба хуни ҳафт пуштам заррае зар чун ҳаюлое
Агар пайдост, аз ганҷи ниҳони Тоҷикистон аст.
Агар бурдам ба лаб ризқи пареши хеш аз олам,
Лаби нон аз лаби дасторхони Тоҷикистон аст.

Дар ин дунё ба меҳроби даре, бар хоки даргоҳе
Агар сар мегузорам, остони Тоҷикистон аст.
Бупайвандам ба Роҳи Каҳкашон роҳи куҳистонро,
Чу роҳам то ҷаҳон аз хонадони Тоҷикистон аст.

*Соли 1983*

## МЕҲРНОМА

*Ба устод Мӯъмин Қаноат*

Тухми суханаш чун қасаме сабзидаст,
Хоки қадамаш ҳар қадаме сабзидаст.
Аз шохаи арғувони боғи дили ӯ
Дар марзи ниёгон қаламе сабзидаст.
Аз хондани номаи сиёҳи дунё
Дар шеъри сафедаш аламе сабзидаст.
Андешаи осмону андӯҳи замин
Дар дидаи ӯ ҳамчу наме сабзидаст.
Дар домани меҳан аз ниёишҳояш
Як кӯҳи Бадахшон санаме сабзидаст.
Дар хоки куҳан чун гули наврӯзӣ боз
Аз бонги найи ӯ Аҷаме сабзидаст!

*Соли 1982*

## МАНУ ДУНЁ

Ҷаҳон ҷуз бораву бому дари ман нест,
Дар он афсонае ҷуз бовари ман нест.
Фурӯзон бурҷҳои осмон бодо,
Гар афтад ахтаре, ҷуз ахтари ман нест.
Парафшон селаи мурғи ҳаво бодо,
Агар бишкаст боле, ҷуз пари ман нест.
Табар дур аз дарахти соябон бодо,
Сиҳӣ сарве шавад, ҷуз хоҳари ман нест.
Шарорафшон чароғи зиндагон бодо,
Агар мурд оташе, ҷуз озари ман нест.

Шукуфон гул ба хоки рафтагон бодо,
Агар абрест, ҷуз чашми тари ман нест.
Ба бод аз хок борӯти ҷаҳон бодо,
Агар ҷое кафад, ҷуз дар бари ман нест.
Сипеҳри сулҳу меҳри ҷовидон бодо,
Дили халқи ҷаҳон ҷуз меҳвари ман нест!

*Соли 1982*

## ГАНДУМ

Зиндагӣ аз фасонаи гандум
Меҳӯрад шири донаи гандум.
Домани хок аз азал сабзад
То абад бо баҳонаи гандум.
Баркашад хокро ба каф деҳқон
Дар тарозӯи шонаи гандум.
Бар сари ӯст Хӯшаи Парвин
Хӯшаи ҷовидонаи гандум.
Гардиши чархро равон бахшад
Осиёби равонаи гандум.
Нест дар ин сипеҳри бепоён
Зиндагӣ ҷуз нишонаи гандум.

*Соли 1982*

## МИРОБИ ВАХШ

*Ба устод Мирсӣаид Миршакар*

Офарин, офарин ба имонаш,
Ки барафрӯхт гулхани ҷонаш.
Ӯ дар ободгоҳи дашти Вахш
Буд аз мардҳои майдонаш.
Аз кафи чангбодҳо бигрифт
Гарди хоки Ватан ба мижгонаш.
Канд сарҷӯ ба ҷӯяҳои кишт,
Рехт оби ҷабин ба домонаш.

Аз баҳори ҷавонии ӯ руст
Донаҳои умеду армонаш.
Гӯиё сабз шуд чу дастниҳол
Чӯбдасти каланду мисронаш.
То нависад суруди тозаи Вахш,
Найқалам сохт аз найистонаш.

*Соли 1982*

## БОДИ ОШУФТА

*Ба ёдбуди устод Боқӣ Раҳимзода*

Хотири боди сабо ошуфтааст,
Боқӣ андар боғи Айнӣ хуфтааст.
Санги ӯро ашки борон шустааст,
Дастсойиҳои мардум суфтааст.
Лола аз хоки мазораш медамад,
Дар дили мо доғи ӯ бишкуфтааст.
Роҳи дунёро ба пойи дил сипард,
Дар пайи ӯ роҳи дил бинҳуфтааст.
Меҳмони хушқадам буд дар ҷаҳон,
Хонаи мо аз пасашноруфтааст.

*Соли 1981*

## БӮСАИ ПАНОҲӢ

Бӯи гул боди шомгоҳӣ шуд,
Моҳ дар об ширмоҳӣ шуд.
Сӯи гардун ситораҳо рафтанд
Аз нигоҳе, ки бо нигоҳе шуд.
Аз табу тоби ишқи оташбор
Оҳи сангин булури шоҳӣ шуд.
Дар канори ду ошиқи шайдо
Як ду дунёи бегуноҳӣ шуд.
Мушки шомӣ сапедаи бомӣ
Бо яке бӯсаи паноҳӣ шуд.

*Соли 1980*

## ШАБТОБ

Ишқ сӯзи ноб шуд,
Дил саросар об шуд.
Дидагони ошиқам
Даргурез аз хоб шуд.
Ишқи аввал нақд буд,
Нася шуд, ноёб шуд.
Дузди худ гаштам зи дӯш,
Шаб вале маҳтоб шуд.
Ашки ман дар барги сабз
Шабнами шабтоб шуд.

*Соли 1980*

## АШКИ СИТОРА

Дар рӯи гул чакида ашки ситора имшаб,
Ман дар канора имшаб, дил пора-пора имшаб.
Бикшода моҳи нав рӯ, чун духтаре ба абрӯ
Дорад ишора имшаб, аз пушти бора имшаб.
Дар бистаранд ёрон, дар зери бӯсаборон,
Андар кафи муҳаббат мум аст хора имшаб.
Шаббодаҳои сарҳуй, шаббодаҳои дилҷӯй
Овораанд чун ман дар ҳар канора имшаб.
Чун гулхани шукуфта аз орзуи хуфта
Ишқи ҷавониям зад бар дил шарора имшаб.
– Дарёб ишқи дерин, дарёб ёри ширин!
Ман аз дилу дил аз ман дорем зора имшаб.

*Соли 1980*

## ДАРАХТОН

Ба ҳар диёр дарахтон бародарони мананд,
Давонда решаи армон ба мағзи ҷони мананд.
Сари бараҳнаи ман бепанаҳ чаро бошад,
Ки дар қаламрави хуршед соябони мананд.
Агар зи синаи хоканд тири сабзида,
Сутуни хонааму тири хонадони мананд.
Зи хок кундаам осон чи сон шавад канда,
Ки бахти сабзи заминии ҷовидони мананд.
Ба ҳар куҷо, ки фитодам, дарахтҳо хезанд,
Ки баъди ман зи сари сабзи ман нишони мананд.

*Соли 1979*

## ДАРХОСТ

Туро мехоҳам аз дунё, ки то дунёи ман бошӣ,
Ҳама пинҳони ман бошӣ, ҳама пайдои ман бошӣ.
Туро чун лолаи Наврӯз мехоҳам шавӣ бедор,
Ки то огаҳ зи сӯзу созҳои нои ман бошӣ.
Туро чун абри найсон хоҳам андар киштаи уммед.
Ки то борони раҳмат бар сари болои ман бошӣ.
Дарахти зиндагиям ман, туро чун зиндагӣ хоҳам,
Туро овоз бидҳам, гӯш бар наҷвои ман бошӣ.
Туро мепарварам умрест дар уммеду армонам,
Туро имрӯз мехоҳам, ки то фардои ман бошӣ!

*Соли 1979*

## ХУШ ОМАДӢ

Эй ишқ, сӯи ҷони ман хуш омадӣ, хуш омадӣ,
Эй дарди бедармони ман, хуш омадӣ, хуш омадӣ.
Бо бӯи афшони гуле, бо бӯи бирёни диле,
Эй боди саргардони ман, хуш омадӣ, хуш омадӣ.
Бо достакҳои баҳор, бо пайки неки рӯзгор
Бар гӯшаи айвони ман хуш омадӣ, хуш омадӣ.

Дар марзи дил худрӯ манам, қоқу манам, ҳулбӯ манам,
Эй абри ман, борони ман, хуш омадӣ, хуш омадӣ.
Ман бо туям рӯҳи баланд, ман бо туям кӯҳи баланд,
Хуршеди кӯҳистони ман, хуш омадӣ, хуш омадӣ.
Ман одамам, мирандаам, бо меҳри худ сарзиндаам,
Эй ишқи ҷовидони ман, хуш омадӣ, хуш омадӣ.

*Соли 1978*

## ПИЁДАИ ДУР

Навҷавонии ман, ки чанде буд,
Кӯҳгардию сарбаландӣ буд.
Бӯи ҳулбӯю зира мекард ӯ,
Дар лаби лола нӯшханде буд.
Дар табу тоби ошиқӣ месӯхт,
Дудандозии сипанде буд.
Доманафшон чу боди саҳроӣ
Ҳар куҷо буд, дилписанде буд.
Печ мезад гули каду гирдаш,
Дар сари кишта бо каланде буд.
Дар куҷое пиёдааст акнун
Шаҳсуворе, ки дар саманде буд.

*Соли 1977*

## КОШОНАИ ПАДАР

Даҳ сол шуд, ки ман аз хонаи падар
Рафтам ба дил умед, андешаҳо ба сар.
Рафтам раҳи дароз, гаҳ шебу гаҳ фароз,
Рафтам ба боғу роғ, рафтам ба баҳру бар.
Дар шаҳрҳои дур, дар қасрҳои нур
Будам кироящин аз шом то саҳар.

Бегоначойҳо, меҳмонсаройҳо
Сӯи мусофирон бикшодаанд дар.
Бас чой кофтам, бас чой ёфтам
Дар зери осмон, дар роҳ, дар сафар.
Дунёст беканор, ҳаққост беканор,
Аммо кушодтар кошонаи падар!

*Соли 1977*

## РУСТОӢ

Шаҳри серодаму танҳоии ман,
Чист дар қисмати фардоии ман?
Меҳрубонӣ накунад шаҳри бузург
Бо ману бо дили саҳроии ман.
Дар талу пушта бувад овора
Рӯҳи ошуфтаи савдоии ман.
Рафта дар кӯҳ шуда шаршарае
Оби чашми тари дарёии ман.
Руста бо лолаи шабнамзадае
Хандаву гиряи дунёии ман.
Мешавад арчаи ҳамсолам пир
Дар сари ағба ба раҳпоии ман.
Оқибат домани саҳро гирам,
Гул кунад киштаи бобоии ман.

*Соли 1977*

## ХУМОРИ ЗИНДАГӢ

Мо ҳам ба чаҳон умедвор омадаем,
Фирӯз ба сӯи рӯзгор омадаем.
То лона бимонем дар айвони чаҳон,
Чун чуфти парастуи баҳор омадаем.
То ки сари чуфти мо расад бар гардун,
Сарсабз ба тори кӯҳсор омадаем.
Монандаи Панчу Вахш аз кӯҳи баланд
Дарё шуда, оқибат дучор омадаем.

Дорем хумори зиндагонӣ бо ҳам,
Ҷуз зистан аз паи чи кор омадаем?

*Соли 1976*

## ШОДБОШ

Ҳамеша, ёри ширин, шод бошӣ,
Ба дил уммеди дерин, шод бошӣ!
Ҷавонӣ ҳар гаҳе резад чу борон,
Ту чун гулҳои рангин, шод бошӣ!
Ҷавонӣ ҳар гаҳе чун бод хезад,
Ту бо гесӯи пурчин шод бошӣ!
Сари роҳе, савор андар саманде
Туро гирам сари зин, шод бошӣ!
Барам сӯе, барам кӯе туро ман,
Ба ҳар ҷову ба ҳар ҳин шод бошӣ!
Дар ин дунё чу дар ойинаи бахт
Ба ҳар расму ҳар ойин шод бошӣ!

*Соли 1976*

## ДАРДИ ШИРИН

Ҳар гаҳ ки шод бошӣ, хушрӯйтар намоӣ,
Ҳар гаҳ ки шод бошӣ, дилҷӯйтар намоӣ.
Чашмони пурхуморат, чашмони пуршарорат
Механдад аз ҳавасҳо бо шавқи дилрабоӣ.
Ҳам меҳри ҷовидона, ҳам рашки ошиқона
Рӯ мезанад ба рӯят монанди рӯшноӣ.
Аз олами хаёлат, аз фикри бемалолат
Нарму маҳин ба гӯшам ояд аҷаб навое.
Бо ту умед дорам, бахти сафед дорам,
Ҳастиву ҳастаму ҳаст дунёву ҷонфидоӣ.
Ишқ аст дарди ширин, ишқ аст дарди дерин,
Шукронааш, ки моро дардест бедавое!

*Соли 1976*

## ПАЙМОН

Моем ду бахтхоҳи дунё,
По монда ба пойгоҳи дунё.
Дорем ба ҳам нигоҳи рустӣ,
Пинҳон шуда аз нигоҳи дунё.
Бо ҳам ба алови ишқ сӯзем,
Бо ҳам бикашем оҳи дунё.
Бар дӯш гирифтаем аз ҳам
Бори ҳамаи гуноҳи дунё.
Умре ба сари ману ту бошад
Бешу ками сарпаноҳи дунё.
Моем ду аспи як ароба
Дар шебу фарози роҳи дунё.

*Соли 1972*

# АНГЕЗА ДАР АНГЕЗА

## АНДӮҲИ ГАРДУН

Чунон андӯҳгинам ман,
ки мечархад сарам аз гардиши гардун,
Чи бад кардам, ки аз шодии андак ҳам
ғами ман мешавад афзун.
Чунон андӯҳгинам ман,
ки бо ман зиндагӣ шодӣ намеварзад,
Тану ҷони ман аз ангезаи хушнудии ночиз меларзад.
Чунон андӯҳгинам ман,
ки рангам мепарад аз бими хурсандӣ,
Ба чашмам менамояд
нимаи торики ғам як ними хурсандӣ.
Чунон андӯҳгинам ман,
ки пешонии худ бар хок мемолам,
Чу савдоӣ ба сӯги хеш меболам, ба сури хеш менолам.
Чунон андӯҳгинам ман,
ки дар сӯзи дили худ мешавам бирён,
Маро як сӯзи хас дилсӯзии кас
ногаҳонӣ мекунад гирён.
Чунон андӯҳгинам ман,
ки дар анбӯҳи дарҳам-барҳами андӯҳ
Пари коҳи ҳавои шодмонӣ
мекунад пахшам ба сони кӯҳ.
Чунон андӯҳгинам ман,
ки аз як лахт шодӣ сахт метарсам,
Барои ҳар хушии хеш омурзиш, худоё, аз ту мепурсам!
Чунон андӯҳгинам ман,
ки дар андешаҳои дури дилгирам
Намедонам, чи сон хандам, чи сон гирям,
чи сон бошам, чи сон мирам?!

*Соли 1997*

## САНГОБИ ГАРМО

Аз сари сангоб селоби дамон бигзаштааст,
Аз дилаш туғёну тӯфони замон бигзаштааст.

Дар ҷабинаш монда чини мавҷи оби рехта,
Девбоди гирдгардон хоки ӯро бехта.

Дар табу тобаш нуҳуфта сангҳои гурдааш,
Шӯраи гармо шукуфта дар лаби озурдааш.

Ташнагӣ санги маломат бар сари сахташ зада,
Рӯзи сангин мӯҳри худ бар мӯҳраи лухташ зада.

Хешро сангоб дар реги равон лутидааст,
Дар сароби роҳи дури хештан ғӯтидааст.

Ё ба роҳи бахти сангин санг бораш кардаанд,
Ё ба роҳи шӯру исён сангсораш кардаанд.

*Соли 1995*

## ЧАРОҒИ КУШТА

Рӯшноии чароғи шаҳри озурда
Боз ин бегоҳ ҳам ногоҳ афсурда.

Ҳам чароғи хонаи ҳамсояҳо мурда,
Ҳам чароғи кӯчаҳо дар пояҳо мурда.

Дар хаёли тира моҳи хира ғӯтида,
Токҳо бо сояҳои хеш лутида.

Боз ин бегоҳ ҳам сарманзилам торик,
Ёдҳоям бефурӯғанду дилам торик.

Бишнавам овози худ аз кунҷи хомӯшӣ
Чун садои ошное аз фаромӯшӣ:

– Эй шаби торик, хоби рӯшанам бахшой,
Лол месӯзам, забони гулханам бахшой!..

Як тамокӯкаш чу бар андӯҳи шаб ногоҳ
Мезанад гӯгирд аз анбӯҳи шаб дар роҳ.

Як зан аз долони тору тира норозӣ
Баччаи шабгарди худро хонад аз бозӣ.

Аз пайи овози ӯ овоз меояд,
Кӯдаке бо гомҳои ноз меояд:

– Ҳой, эй модар, кучоӣ, аз ту мепурсам,
Вой, эй модар, ман аз зулмот метарсам!

Оҳ, эй модар, парид аз дида хоби ман,
Кай чароғи хонадони мо шавад рӯшан?..

Шаҳриёр имшаб чароғи шаҳрро кушта,
Дар нигоҳи ман чароғи даҳрро кушта.

Аз сиёҳии шаб ояд бар димоғи ман
Бӯи дуди оташи афсурдаи меҳан.

Чашмҳоям хӯ намегирад ба торикӣ,
Дар намегирад чароғи мо ба наздикӣ.

*Соли 1991*

## ВУБОЛУ САВОБ

Ҳамсояи бадхоҳи мо дар роҳи мо,
Дар погаҳи дарвозаи даргоҳи мо.
Арзан пагоҳӣ бо дуо медод пош,
Аз мо паноҳӣ бо дуо медод пош,
То поймолаш карда зери по шавем,
То ҳамчу арзан пош дар дунё шавем.
Дар лаб дуои бомдоди худ падар
Мекард во дарвозаро сӯи саҳар.
Чун арзани пошидаро медид ӯ,
Аз остон дар остин мечид ӯ,
То арзане ёбад савоб аз роҳи хеш,
То аз вубол эмин кунад даргоҳи хеш...
Дидем бад охир худоро бад расид,
Ҳамсояи бадхоҳи моро бад расид.
Бад дар худаш зад, хонадонаш ногаҳон
Монанди арзан шуд парешон дар ҷаҳон.

*Соли 1990*

## МЕҲРГОНИ МЕҲРУБОН

Офтоби гарм инак мекунад ноз,
Абри гардун бӯи борон мекунад боз.
Боди серун мевазад аз пушта акнун,
Пода пойин мехазад аз пушта акнун.
Аз паси мол аст ҳоёҳойи чӯпон,
Дар бағал хомӯш дигар нойи чӯпон.
Мешукуфад ҷои гул дар домани деҳ
Бо сафои хандаи гул гулхани деҳ.
Баргҳо аз шохаҳо парвоз доранд,
Аз паси мурғон раҳо парвоз доранд.
Досак аз долони мардум пар фишонад,
Доси деҳқон дар бари девор монад.

Бӯи хас дорад ҳавои тирамоҳӣ,
Мерасад бӯи хуш аз чойи гиёҳӣ.
Хони албони пур аз файзу пур аз ноз
Меҳргон бо меҳрубонӣ мекунад боз.

*Соли 1988*

## ДАМИ ВОПАСИН

Пири беморе, ки дарди бедаво дорад,
Гӯш бар дил, дил ба дунё, дида во дорад.
То аз ӯ як лаҳза бошад дур дарди зӯр,
Дер аз гардун намегирад нигоҳи дур.
Хун сари нохун сияҳбодаш хӯрад ин дам,
Хун сари нохун сияҳбодаш хӯрад кам-кам...
Лек дардашро табибонаш аз ӯ пӯшанд,
Бо нигоҳи лолу бо лабҳои хомӯшанд.
Пир ҳам то фош нанмояд ба кас ногоҳ,
К-ӯ зи бедармонии дардаш бувад огоҳ,
Сӯзи ҷонашро ба умқи ҷони худ хандон
Мекунад пинҳон чу ашкашро зи фарзандон.
Сояи шаб мехазад оҳиста сӯи ӯ,
Балки маргаш соя андозад ба рӯи ӯ.
Ногаҳон аз ҷони ланҷаш ранҷ бигрезад,
Пир аз пирии худ гӯё ҷавон хезад.
Нури рӯи ӯ ҳувайдо мешавад аз нав,
Дар дилаш уммед пайдо мешавад аз нав.
Хона равшан мекунад пири ниҳонрӯшан,
То ки пас аз хеш монад ин ҷаҳон рӯшан.
Бо нигоҳи вопасини худ ба тобу таб
Чун чароғе ногаҳон сӯзад баланд имшаб...

*Соли 1986*

## ФАРИШТАИ РОҲ

Пири бекас бо чигас овора дар роҳ,
Худ ба худ гап мезанад бечора дар роҳ.
Барги гардолуди тутону чанорон
Сӯи ӯ чун гӯшҳои раҳгузорон.
Дар дилаш ногуфтаҳои беш дорад,
Гуфтугӯе раҳравон бо хеш дорад.
Мардуми раҳ бо ҳаёҳӯ, бо такопӯ,
Аз пасу пешаш шитобонанд ҳар сӯ.
Мефитад аз зарби бозӯе баногоҳ,
Пеши пои чорпаҳлӯе баногоҳ.
Тӯда аммо меравад бо роҳи худ боз,
Дурбин асту набинад пеши по соз.
Лек чун аз кӯдакиҳои худи ӯ
Кӯдаке сӯяш ба ёрӣ оварад рӯ.
Ҳамчу аз афсонаҳои нонавишта
Даст мегирад варо гӯё фаришта.

*Соли 1984*

## КӮҲИ ХОҶАМӮЪМИН

Кундаи сабзест кӯҳи Хоҷамӯъмин дар замин,
Решаҳо дар хок дорад чун ба қалби одамин.
Осмони сабзи Хатлон сар ба дӯшаш мондааст,
Раъд панди сангафшоне ба гӯшаш хондааст.
Чокҳои синааш захми намакфоридааст,
Ашки шӯр аз чашмаҳои чашми ӯ шоридааст.
Дорад ӯ савганди мардумро ба номи худ ба ёд,
Дар набарди неку бад, рӯзи ғаму рӯзи мурод.
Гарчи хуни ҳафт пушт аз ҳам талабгорем мо,
Лек байни якдигар поси намак дорем мо.
Гӯиё кӯҳи намак истода ҳампои ҷаҳон
Дар миёни мардуми имрӯзу фардои ҷаҳон!

*Соли 1983*

## ТАНӮРИ ГАРМ

Дар ин шаҳре, ки ҳар як хонааш аз дур
Ба чашми кас намояд хонаи занбӯр,
Зане аз ошёни ҳафтум ояд зер,
Чу ҳур аз осмони ҳафтум ояд зер.
Ба чакдони сари раҳ оташ афрӯзад,
Ки оташ дар танӯри синааш сӯзад.
Кушояд суфраи худрову бандад нон,
Пур аз нони фурӯшӣ гарчи ҳар дӯкон.
Хаёлаш, сард бошад гар танӯри ӯ,
Мусофирбаччаҳои роҳдури ӯ
Лаби ноне лаби обе намеёбанд,
Маҳи нон ғайри маҳтобе намеёбанд.
Таги болишташон шаб нон нахоҳад буд,
Ки ғайри нон балогардон нахоҳад буд.
Гар ӯ дар суфра парвезан наафшонад,
Хаёлаш, суфраи дунё тиҳӣ монад.

*Соли 1983*

## ЯККАЧИНОР

То шавад бунёд дар вайронаҳо
Пойдевори баланди хонаҳо,
Мардум охир кӯч баст аз манзилаш,
Боми худро канд чун боми дилаш.
Рафт аз даргоҳи дерин бо дараш,
Буда гӯё ки дари дунё дараш.
Бурд хиште ҳар касе аз ошён,
То ки бигзорад ба девори ҷаҳон.
Ошдоне, пояе, боме намонд,
Дигар аз ҳамсояе номе намонд.
Аз деҳи пешина акнун ёдгор
Монд танҳо шаҳчиноре пойдор.
Дар хаёли мардуми шаҳри баланд,
Гар чинори пирро аз бун зананд,
Мешаванд онҳо ҳам аз марзи ватан
Решакан ҳамчун кашоварзи ватан.

*Соли 1983*

## ЗОДАИ ДЕҲ

Рустоӣ рафт дур аз деҳкада,
Каллапӯшаш монд дар шохи сада.
Дар ниҳодаш хушк шуд корези ӯ,
Дар умедаш лош шуд полези ӯ.
Хомкан шуд ҳандалакҳояш дигар,
Монд зери по палакҳояш дигар.
Ҳар куҷо бошад, расад бар ёди ӯ
Хиргаҳи ӯ, хирмани бар боди ӯ.
Ғӯраи талх афканад боғи дилаш,
Гиряи талх ояд аз доғи дилаш.
Лек дар андешаи ширин ҳанӯз
Об бидҳад киштаи дерин ҳанӯз.
Ҳар куҷо бошад, агар дорад маҷол,
Ҳамчу аз дунёи сарсони хаёл,
Дар ҳазорон шаҳрҳо раҳгум зада
Охир ояд боз сӯи деҳкада.
Бо сари чархидаи худ бар замин
Мефарояд гӯӣ аз чархи барин.

*Соли 1983*

## РОҲИ КӮДАКӢ

Кӯдакони шӯху саргардону сарҳӯй,
Мо ба ҳар даргоҳ мекардем дар ҳӯй.
Мо ба ҳар як хона номаҳрам набудем,
Мо ба мардум аз писаршон кам набудем.
Аз сари деворҳои шӯрахӯрда,
Аз даҳони мӯрии тезоббурда,
Аз дарича, аз лаби боме ба боме,
Чоштгоҳе, нимарӯзе, субҳу шоме,
Бо ҳаёҳӯ, бо такопӯ мегузаштем,
Карда як олам тагорӯ мегузаштем.

Роҳи мо наздик то роҳи калон буд,
Аз дили мардум ба шаҳроҳи ҷаҳон буд...
Байни ҳавлиҳо дигар девор акнун,
Сар-сари деворҳо сархор акнун,
Баста дарҳои дарун, дарҳои берун,
Зинаҳои бомҳо бишкаста аз бун.
Мо ҳам акнун нестем он кӯдаки пеш,
Кӯдаки ноогаҳ аз дунёву аз хеш.
Бо раҳи шебу фарози дури мардум
Роҳпӯё, гоҳ раҳбар, гоҳ раҳгум,
Мо ба сӯи хона меоем акнун
Гирдгардон гӯиё аз гирди гардун.

*Соли 1982*

## ОТАШИ ДИЛ

Кӯдакии зочабозам лухтаки маҳтоб шуд,
Сар ба дӯши абрҳои даргузар дар хоб шуд.
Ман дигар бо даҳр, бо тақдир бозӣ мекунам,
Бо сари худ бо дами шамшер бозӣ мекунам.
Дӣ ба дом оварда будам мурғакони кӯҳсор,
Мекунам имрӯз ман мурғи дили худро шикор.
Дӣ кулоҳ афканда будам бар сари сардобҳо,
Дорам акнун худ шино дар ҳалқаи гирдобҳо.
Себ медуздидам аз боғи касон бо ҷӯраҳо,
Мекананд акнун зи гулбоғи дили ман ғӯраҳо.
Дина меларзид боми мардумон аз гоми ман,
Пой мекӯбанд рақсон ин замон дар боми ман...
Хешро дар оташ андозам, намесӯзад маро,
Оташи дил оқибат чун гулхан афрӯзад маро!

*Соли 1982*

## ЧАШМИ ПИРАЗАН

Варо дар базмҳои худ намехонданд,
Ба даргоҳи баланди худ намемонданд.
Нишинад ҳар куҷо, аз ҷой меҷастанд,
Аз ӯ роҳи гурез оҳиста меҷустанд,
Ки гирад одамиро чашми ӯ нохост,
Кафонад сангро ҳам чашми ӯ аз рост,
Ки чашми пиразан аз сеҳр гул дорад,
Кунад ҳамёни худ гум, ҳар кӣ пул дорад.
Агар чашмаш расад, девор меафтад,
Савори зӯр аз раҳвор меафтад.
Агар чашмаш расад, аз шир монад гов,
Бихушкад дар миёни деҳа оби нов...
Вале нам чашми ӯ аз оҳи мардум буд,
Ҳамеша дар азо ҳамроҳи мардум буд,
Нигоҳаш аз ғами кас зору маҳзун буд,
Дилаш хун буд, оби дидааш хун буд.

*Соли 1982*

## ДИДАИ БЕДОР

Ман кӯдаки нозпарвари ту будам,
Ман кӯдаки шӯху худсари ту будам.
То тохта дар замини сахте нафитам,
То аз сари шохаи дарахте нафитам,
То аз дами рӯдбор обам набарад,
То дар дами офтоб хобам набарад.
То пой ба хокистари сӯзон наниҳам,
То дар раҳи бесарии худ сар надиҳам,
Доим ҳама ҷо ту аз паи ман будӣ,
Модар, модар, даме намеосудӣ.
Акнун, ки калон шудам, калон шуд ғами ту,
Ҳар гоҳ, ки мепарад ду чашми нами ту,

Тарсӣ, ки канор аз канорат рафтам,
Дар роҳи ҳаёти худ мабодо афтам,
Дар оташи доғи дил мабодо сӯзам,
Шоху бари боғи дил мабодо сӯзам...
Оваҳ, ба раҳи ман шабу рӯз, эй модар,
Чашмони ту мепарад ҳанӯз, эй модар!

*Соли 1981*

## ҲАМРОЗ

Он дарахте, ки дар сари роҳ аст,
Аз ғаму шодии ман огоҳ аст.
Аз такопӯи рӯзгори хеш,
Бо дили решу ҷони зори хеш
Ояму дар бараш даме шинам,
Гӯям аз дарди талху ширинам.
Чун ба зонӯи он бимонам сар,
Мекашад оҳи сард чун модар.
Шохи сабзе ба пойин андозад,
Хотирамро ба меҳр бинвозад.
Мефитад як-ду ғӯра аз мушташ,
Мепарад мурғаке зи ангушташ.
Бишнавам аз забони барги ӯ
Қиссаи зиндагиву марги ӯ...
Ман, ки гирам хабар гаҳу бегаҳ
З-ин дарахти бузурги дилогаҳ,
Дар гумони касон, ки бехи он
Кардаам як хуми тило пинҳон.

*Соли 1979*

# ОЙИНА
# ДАР ОЙИНА

## НАФРИН

Нафрин ба он замон, ки замони ману ту буд,
Нафрин ба он замон, ки туро дӯст доштам.
Ҳамчун калиди вожакушоии сарнавишт
Номи ту дар нигини нигоҳам нигоштам.

Бастам ба гесувони ту як ришта орзу,
Як ришта аз калобаи абрешимии меҳр.
Як риштаи маҳин, ки ба як ларзаи дилам
Баҳри ту дошт сарбасар овои як сипеҳр.

Нафрин ба он замон, ки замин безамина буд,
Нозук ба ноз такя ба гардун задем мо.
Дар рӯзии ману ту гирифт офтоб лек
Рӯзе, ки ошиқона ба ҳам омадем мо.

Обитар об тофт ба чашмони ташнаам,
Оташ шуд оташинтару сангинтар оҳи санг.
Бодитар аз хаёли ҷаҳон бод печ зад
Гирди сари ману ту пур аз гарду чирку чанг…

Нафрин ба он замон, ки ба нафрини ӯ дучор
Аз ишқи безамони ҷавонист ишқи ман.
Бар санг ҳам задам сари сахти худ, эй дареғ,
Хушбахт карданат натавонист ишқи ман!

*Соли 2008*

## ИМРӮЗИ БЕФАРДО

Сухан аз чашми гӯёи ту, эй гул,
Пур аз андӯҳ нам-нам метаровад,
Ки аз ишқи заминии ману ту
Ниҳон як осмон ғам метаровад;

Ки парвое нахоҳад кард ҳаргиз
Ҷаҳон дар хоби дарҳам-барҳам аз мо.
Чунон бо ҳам барои ҳам бисӯзем,
Намонад мушти хокистар ҳам аз мо;

Ки ишқи ормонии ману ту
Дар имрӯзаш дигар фардо надорад.
Худоё, мон, ба як мӯ мӯяи мо
Ба гардун озарахшон рахна орад!..

Чи суд, эй гул, аз ин сӯзи фурӯзон,
Чи даркор аз алам ин фошгӯӣ?
Дилам аз ростии талх бигрифт,
Ягон ширин дурӯғам кош гӯӣ!

*Соли 2008*

## ОЗОРИ ОЗАРИН

Оҳ, метарсам, дили озурдаам охир
Аз ту, эй афсонаи ман, сард хоҳад шуд.
Бе ғами ширини ишқи осмоният
Ёди талхи ман дигар бедард хоҳад шуд.

Оҳ, метарсам, дили афшурдаам дигар
Хунчакон дар панҷаҳоят гул нахоҳад баст.
Дигар аз нози ту дар назди касу нокас
Оташи рашк аз нигоҳи ман нахоҳад ҷаст.

Оҳ, метарсам, дили афсурдаам дигар
Рӯ ба рӯят дарҳаму барҳам нахоҳад зад.
Аз табу тоби ниҳони ишқи поки хеш
Ӯ дигар, ӯро кушӣ ҳам, дам нахоҳад зад…

Ишқи пириям маро охир намепирад,
Навҷавон аз нав касе, оваҳ, нахоҳад шуд.
Оҳ, метарсам, дили пажмурдаам ногаҳ
Мирад аз ишқи туву огаҳ нахоҳад шуд!

*Соли 2007*

## ДАРВОЗАИ САБЗ

Дарвозаи сабзи кӯчабоғи Парвин,
Дарвозаи хонаводаи ишқи ман!
Дарвозаи хастаи ба рӯям баста,
Дарвозаи нокушодаи ишқи ман!

Дарвозаи даргоҳи умедам, афсӯс,
Пӯшида ба афсун ба мани нохонда.
Бӯсидаам аз дастаи он дасти ёр,
Дар дастаи он дастагули ман монда.

Пинҳон паси дарвозаи сабзи хомӯш
Як хонаи рӯшани чароғаш гирён.
Сӯзон дили ман дар ғами кадбонуяш,
Ӯ аз ғами кист дар дили худ бирён?

Дарвозаи сабзи сабзтар аз гардун
Дар кӯчаи каҳкашонии ишқи ман!
Фарёд куҷо кашам, ки бозам гардад
Дарвозаи бенишонии ишқи ман!

*Соли 2007*

## БОЗДИД

Чашм пӯшидаму ҳавои туро
Аз ҳаво масти маст бӯидам.
Як нафас аз раҳи раҳоии дил
Сад ҳавасро пиёда пӯидам.

Бонги андешаам ба гӯш расид
Аз фаросӯи дури хомӯшӣ.
Ёд кардам туро ба сӯзу гудоз
Сахт аз гӯшаи фаромӯшӣ.

Хостам ширaи лабони туро
Бо ҳама орзуи ширинам.
Ҷустам оғӯши меҳрубони туро
Бо ҳама ормони деринам.

Оҳ, бас бо ду дидаи нигарон
Барабас сӯ ба сӯ фаро дидам!
Лек як офтобии ҳама нур
Чашм пӯшидаму туро дидам…

*Соли 2007*

## МУАММО

Туро нодида ширин нағз дидам,
Туро ду чашми чорам солиён ҷуст.
Дилам таҳ зад ба ҳар андешаи ту,
Ба ҳар ангезаи ту шуд дилам суст.

Ҳазор абҷад ба ёди ту шумурдам,
Ба номи ту кушудам сад муаммо,
Ба сад ойина дидам фоли ишқат,
Яке ҳам барнаомад рост аммо.

Нигоҳам раҳ ба раҳ хоби туро дид,
Лабонам раҳ ба раҳ сӯи ту ҷӯшид.
Дилам як косаи зардоби маҳтоб
Шаб аз тобу таби ишқи ту нӯшид.

Миёни чорсӯи бахт охир
Нигоҳи мо ба ҳам бархӯрд ногоҳ.
Дилам гум зад, чунон гум зад, ки як зум[1]
Дигар ман нестам аз хеш огоҳ.

*Соли 2007*

## ЗОДРӮЗИ ИШҚ

Дар ҷашни зодрӯзи ту як дил дилам тапид,
Як лаҳза аз ҳавову ҳавас ларзаам қапид,
Дар шаҳри гарми хотираи ишқи ташнасӯз
Борон ба сад садо ба сарам ногаҳон шапид.

Дар гирди мизи ноз даҳанҳои баста боз,
Чашмони масти ту ба қадаҳгӯии касон.
Дар пеши ту ситоиши беши ту мекунанд,
Аз пушти хеш мешунавӣ носазо пасон.

Дар ҷашни зодрӯзи худ охир маҳин-маҳин
Хондӣ таронае ҳама армон, ҳама алам.
Аз қиссаи ҷудоии ҷодуии ту шуд
Чун ҳисса-ҳисса ғусса дили ман қалам-қалам.

Як сӯхтор сӯзи ниҳонам аланга зад,
Аз гунаи ту тофт фурӯзон ҳазор тафт.
Дар дидагони мо нигарон монд офтоб,
Танҳоии ман аз паи танҳоии ту рафт…

*Соли 2007*

1. Зум – воҳиди зумон (замон), лаҳза, дам.

## СУРОБИ ДУРИ САРОБ

Куҷо ҳавас-ҳавас дилам мекашад!?
Куҷо нафас-нафас дилам мекашад!?
Чу кабки масти ишқ дар синаам
Куҷо қафас-қафас дилам мекашад!?

Надонамат куҷо кунам ҷустуҷӯ,
Ки бе ту худ ба худ кунам гуфтугӯ.
Суробат аз сароб дар чашми хеш
Ба ашки ормон кунам шустушӯ.

Чунон ту дур аз манӣ, ёраме,
Ки сӯи осмон нигаҳ дораме.
Ба сар ҳавои боздидат ҳанӯз
Ба бӯсаи ҳавоият зораме.

Дилам ҳазору як алам мекашад,
Дилам алам қалам-қалам мекашад.
Қасам ба ишқат, аз ҷудоии ту
Ниҳон-ниҳон маро дилам мекушад.

*Соли 2007*

## САБЗ ДАР САБЗ

Дар чашми сабзи ту
Сабз аст осмон.
Борони сабзи он
Нам-нам ба ормон.

Дар чашми сабзи ту
Сабз аст нуби ноб

Як барга офтоб
Чун барги рӯи об.

Дар чашми сабзи ту
Сабзон ҳамешагӣ
Як марзи бешагӣ,
Сад сӯзи решагӣ.

Дар чашми сабзи ту
Сабз аст бахти ман
Аз ишқи сахти ман,
Аз лахт-лахти ман!..

*Соли 2007*

## ГУЛИ ҲАМЕШАБАҲОР

Гули ҳамешабаҳор, эй гули ҳамеша кабуд,
Умеди сабзи чаман дар хазони буду набуд!
Дили маро ба ҳаводории ту боғ ба боғ
Ҳавои сӯхтаи ишқ барг-барг рабуд.

Гули ҳамеша шукуфои орзуии хеш,
Таровиши ту тар аз ишқи ормонии ман!
Дамидаӣ ба ҳавову ҳавас нафас ба нафас
Ба шохаҳои худ аз решаҳои ҷонии ман.

Ба чашм об диҳам пояат ба зора, ки ишқ
Ҳамеша аз дами гармо нигоҳдори ту бод!
Ба чашм бӯса занам сояат ба нола, ки ишқ
Ҳамеша аз дами сармо нигоҳдори ту бод!

Агар ба боди хазон аз ту баргаке биравад,
Шавад баробари он зард барги сабзи дилам.
Гули ҳамешабаҳор, аз баҳори хуррами ишқ
Фаро расад, ба худо, бе ту марги сабзи дилам!

*Соли 2006*

## ОТАШИ РАШК

Дар нигоҳи ту бимирам, эй гул,
Эй дилафрӯзтарин зебоӣ!
Ман дар андешаи худ сохтаам
Аз ту дилсӯзтарин зебоӣ.

Аз фаросӯи сипеҳри меҳрам
Хондаам зор ба фарёд туро.
Як қалам аз алами танҳоӣ
Дар дилам кардаам эҷод туро.

Роҳи Абрешими бахтам дар каф,
Аз ту афсонаи худ бофтаам.
Як Раҳи Коҳкашон овора,
Ман туро аз дили худ ёфтаам.

Охирин оташаки ишқамро
Гарм афрӯхтаам дар чашмат.
То ба худ омадаам, худро худ
Сарбасар сӯхтаам дар чашмат…

Дар ҳавои дилам акнун нозӣ
Аз шукуфоии зебоии хеш.
Мекунӣ кӯру кару шалро ҳам
Ошиқи масти фиребоии хеш.

Оҳ, хуш дор, ки аз рашк охир
Дар дилам ишқи туро хоҳам кушт.
Мезанам лек пушаймон дигар
Бар сари хеш ҳазору як мушт!

*Соли 2006*

## УМЕДИ БОЗПАСИН

Эй як сипеҳр меҳри ман, эй меҳрубони ман,
Аз ишқи осмонии мо дар замин чи суд!
Покиза дар алови дили хеш сӯхтем,
Дорад чаро ҳанӯз аламии мо сипанддуд?

Оҳ, эй хаёли сабзи хазонрези талхи ман,
Аз гулбаҳори хеш чи ширин шукуфтаӣ!
Дар нозҳои нозуки худ нозанинтарин
Армони ношикастаи дерин нуҳуфтаӣ.

Оҳ, эй фурӯғи рози ниҳон дар ҷаҳони ман,
Зеботарин навову фиреботарин суруд!
Чандон ки дӯст доштамат шодмон, вале
Андӯҳи чашмҳои ту сӯзи дилам фузуд.

Оҳ, эй умеди бозпасини ман аз худо,
Сӯзонтарин ҳавову фурӯзонтарин ҳавас!
Дигар ҳаво намерасадам зери осмон,
Дигар туро чу қисмати худ мекашам нафас…

*Соли 2005*

## НИГОРИ НИГАРОН

Эй нигори нигарон,
Дар нигоҳат нами андӯҳи гарон,
Нигаронӣ ба раҳи дур ҳанӯз,
Нигаронӣ ба раҳи кӯр ҳанӯз
Ҳама дарду ҳама оҳу ҳама сӯз!

Дер кард ӯ, ки ба чашмони ту гуфт:
– Зуд хоҳам баргашт!
Оҳ, аз рӯзи гусел
Аз сари шаҳпули ишқи ту чу сел
Сол дунболаи сол
Бо талотум бигзашт.

Дигар аз зиндаву аз мурдаи ӯ
Дараке нест, дареғ!
Мезанад хотираҳои ту чириғ![1]
Дилат аз сӯзи ҷудоӣ бирён,
Аз ғами талхи ту ширин гирён…

Боди овораи ёди дерин
Мевазад аз хами гесӯи ту.
Шомгоҳон маҳтоб
Ба фиғон менигарад сӯи ту.
Бомдодон хуршед
Дар паси абри тари тирамаҳон
Аз нигоҳи ту ниҳон месӯзад,
Дар нигоҳи ту ҷаҳон месӯзад!

Эй нигори нигарон,
Дилфигори нигарон,
Дар раҳи хотираи ишқ ҳанӯз
Ҳама доғу ҳама сӯз
Мекашӣ оҳи гарон.
Аламатро ба тамоми олам
Мебарад турнақатори гузарон…

*Соли 2005*

1. Чириғ – бонги баланд, фиғон.

## ОЙИНА ДАР ОЙИНА

Аз ойинаи арӯсии худ
Як пораи мондаӣ ту, эй гул!
Аз ойинаи шикастаи дил
Ангораи мондаӣ ту, эй гул!

Афсӯс, ки шаҳр баста ойин
Аз ойинаҳои худнамоӣ.
Ӯ ишқи туро намеписандад
Ҷуз якшаба айши боҳамоӣ.

Саҳл аст ҳисоби ишқи мардум,
Он гуна ки ду карат ду чор аст.
Танҳоии хастаи ту бо ту
Дар ойинаҳои раҳ дучор аст.

Чун ғуссаи моҳ метаровад
Аз ойина оби дидаи ту.
Чун қиссаи дил давом дорад
Дар ойина хоби дидаи ту…

Ойинаи рӯ ба рӯи хуршед,
Оҳ, эй санами умедворӣ,
Бар чашми замона медурахшӣ,
Аз кӯрии ӯ хабар надорӣ!

*Соли 2005*

## ҲАМРОЗИ РОЁНА

Чашмҳои ту фол мебинанд,
Фоли наргис ба дашти ишқ, эй гул!
Чашмҳои ту роҳ мебинанд,
Роҳи бебозгашти ишқ, эй гул!

Аз хаёли пур аз малоли ту,
Оҳ, кай мешавад касе огоҳ!
Чакрае ашки озарини пок
Метаровад ба гунаат ногоҳ.

Менавозӣ ба панҷаҳои ноз
Тугмаҳои ҳуруфи роёна[1].
Ҳасрати ишқи хеш дар лавҳаш
Менависӣ ту содалавҳона.

Сахт андеша мекунад ӯ низ
Дар сари қиссаи дили покат.
Оҳ, роёна ҳам намедонад
Посухи ғуссаи дили чокат!

Чашмҳои ту хоб мебинанд
Аз дигар саргузашти ишқ, эй гул!
Аз нигоҳат кашад ҳазор овоз,
Сад алам даргузашти ишқ, эй гул!

*Соли 2005*

## ГУЛИ ГУЛДОН

Эй гули гулпарвари ман,
Эй гули танҳоии хеш!
Бо гули гулдони ишқат
Роз гӯӣ аз дили реш.

Нимашаб ӯ аз ғами ту
Зор мегиряд панохӣ.
Шабнами ашкаш дурахшад
Дар кафи баргаш пагоҳӣ.

---

1. Роёна – компютер.

Сабзу хуррам мешавад ӯ,
Ту агар хурсанд бошӣ.
Атр мебезад шукуфо,
Ту агар лабханд пошӣ…

Дӯст медорад туро ӯ,
Эй гули дилбастаи гул!
Худ ба худ аз рашк печад,
Бахшамат гар дастаи гул.

*Соли 2005*

## ГУЛАФШОН

Эй гули нози нозбӯи ман,
Лоларӯи бунафшамӯи ман,
Эй шукуфотарин шукуфой
Аз баҳорони орзуи ман!

Эй гули офтобии ишқам,
Бӯямат маст аз ҳавои дил,
Ҳамчуноне ки аз паи борон
Бишнавам бӯи гул аз обу гил.

Гул кунад дар чароғи шоми ман
Ёди сӯзонтаринат аз армон.
Ранг-ранг оташам занад ишқат
Сурху зарду кабуду нофармон…

Чун гули мушаки ҳавои ид
Озарину баланд пошопош
Бахти мо як шаби висол охир
Баршукуфад ба шодбош, эй кош!..

*Соли 2005*

## ГУЛБОНГ

Лаҳза дар лаҳза, ларза дар ларза
Мезанам дил дар орзуи ту.
Мехазад реша-реша андӯҳам
Дар ҳаво шоха-шоха сӯи ту.

Хоксории бахти кӯр, эй вой,
Хок бар чашми офтоб афшонд.
Лек як Роҳи Каҳкашон дурӣ
То ту наздик дар нигоҳам монд.

Роҳи сад соли рӯшноиро
Мезанам пай ба як дами ёдат.
Чашми худ пӯшаму туро бинам,
Мекунам як сипеҳр фарёдат!

Ҳамчу дарёи Ҳинд дар чашмам
Медамад обларзаи[1] армон.
Ман барои ҳақиқати ишқат
Бо ҷаҳон ҷанг мекунам эълон!

*Соли 2005*

## ИШҚИ ОХИРИН

Ишқи ман, ишқи охирини ман,
Озарин, озаринтарини ман!
Ишқи ман, охирин умеди дилам,
Орзуи баринтарини ман!

1. Обларза – сунами.

Ишқи ман, сӯзи бекаронаи ман,
Ошиқиҳои худсаронаи ман,
Аз гудози ниҳонтарини дил
Дар ҷаҳон охирин таронаи ман!

Ишқи ман, ҳастии фирории ман,
Дар хазон мастии баҳории ман,
Бо ҳама шӯри зиндагӣ охир
Мурданивор дӯстдории ман!

Ишқи ман, ишқи дери бетадбир,
Охирин нолаи дил аз тақдир,
Сӯи маҳтоб нимашаб ба алам
Нӯлаи охирини гурги пир…

*Соли 2005*

## ЯК НАФАС ҲАВАС

Барои қиссабофӣ чарх имшаб чарха мегардонд,
Нахи андешаи абрешимии абр мересид.
Нигоҳи волаам аз ишқи волои ту ширинком
Як ангушт ангубин аз косаи маҳтоб мелесид.

Миёни соярӯшанҳо ба гармогармии дидор
Ҳавасҳо аз нафасҳои ману ту нарм меҷастанд.
Ба ҳам дар ҷангали ҷодуии хомӯш гум будем,
Садоҳои ғариб аз дур моро хаста меҷустанд.

Ба атри гесувони ишқ мастомаст мепечид
Чунон шаббодаи оворагарди орзуи мо,
Ки аз шохи баланди худ чароғи боғи танҳоӣ
Ба рашки доғ-доғаш чашм мепесонд сӯи мо.

*Соли 2005*

## НИШОНА

Ману ту дер ба ҳам вохӯрдем,
Ману ту дер ба ҳам дил бастем.
Дер кардем ба ояндаамон,
Дер аз рафтаи худ ворастем.

Дер мондем, дареғо, аз ҳам
Дар раҳи дури умеди дерин,
Ки намондаст нишоне аз мо
Ба ҷуз андешаи талху ширин.

Панҷаи панҷараи танҳоӣ
Шираи ҷони маро афшурда.
Ҳусни шодоби баҳории туро
Ҳузни бетоби хазон афсурда.

Роҳи тақдир ба саргардонӣ
Сарфарозии маро бурда дигар.
Нози зебову фиребои туро
Чашми бадрашки ҷаҳон хӯрда дигар...

Лек, эй вой, ҳанӯз аз дили ман
Монда хуншору пурармон лахте.
Оҳ, дар дидаи бози ту ҳанӯз
Монда сӯзон ҳаваси хушбахтӣ.

*Соли 1997*

## ДАРДИ МАРД

Хурд будам, ногаҳон лат хӯрда будам ман,
Чун нишеб афтодам аз шохи баланди себ.
Зонувони нозуки ман сахт захмин шуд,
Бозувони нозуки ман сахт дид осеб.

Лек пеши чашмҳои меҳрубони ту,
Духтари ҳамсолам, эй тимсоли зебоӣ,
Мард худро кӯдакии волаам бигрифт,
Ашки худро кард пинҳон бо шикебоӣ.

Ман кунун дар боғи урёни дили гирён
Аз дарахти орзуи хеш афтодам.
Ҷони ман месӯзад аз дарди ниҳони ман,
Пора-пора мешавад ҳамвора бунёдам.

Лек сӯи ман ҳанӯз аз кӯдакии дур,
Ёри дерин, содаву ширин нигаҳ дорӣ.
Шарм медорам, занам аз дарди дил фарёд,
Шарм медорам, бигирям зор аз хорӣ.

*Соли 1995*

## ЧОДАРИ РОЗ

*Барои Эрондухт*

Ту зебоии зери парда будӣ,
Фиребоии зери парда будӣ.
Лаби худ бо лаби хомӯши чодар
Паноҳ аз бӯсахоҳон карда будӣ.

Ба зери чодари дунёии хеш
Ту будӣ рози рӯъёии хуфта.
Ба зери чодари дарёии хеш
Чу гавҳар дар садаф будӣ нуҳуфта.

Ниҳон будӣ ба зери чодари пок
Ба монанди дуо дар ҷилди тӯмор,
Ки аз темори дил бошад нигаҳбон,
Ки аз озори дил бошад нигаҳдор.

Таги чодар умеди вижа будӣ
Ба сони вожае дар сарнавиштам,
Ки маънояш ҳамеша пардапӯш аст
Чу дар пешонии ту дар сириштам.

Саропои ту дар чодар панаҳ буд,
Ба сӯят омадам, рӯят надидам.
Ба ҷуз чашмони ҷодуят надидам,
Ба ҷуз чашмони дилҷӯят надидам.

Нигоҳи меҳрубони меҳрхоҳат
Дар ин дунё фурӯғи зиндагӣ буд.
Дар он танҳо муҳаббат ҳастии рост,
Дигар ҳастӣ дурӯғи зиндагӣ буд.

Вале пӯшидатар дар чодари роз
Гузаштӣ аз раҳи ноошноӣ.
Бимонд аз дидагони рӯшани ту
Ба як кунҷи дили ман рӯшноӣ.

*Соли 1995*

## ОЙИНАИ БАХТНАМО

Оташи ишқ ба дил, ноз ба чашмони сиёҳ,
Бо ҳавас ҳарду ба як ойина кардем нигоҳ.
Ҳамчу кабкони асир аз қафаси синаи худ
Як нафас дар қафаси ойина бурдем паноҳ.

Бингаристем ба як ойина бо ҳам ба умед,
То диҳад ойинаи бахткушо бахти сафед.
Бо нафас ойинаро тозаву рӯшан кардем,
То кунад ойинаи бахтнамо бахт падид.

Бе ягон ғуссаи деринаву бе ҳеҷ малол
Ҳарду дар ойина будем ба дунёи хаёл.
Ногаҳон дар ҳаваси бӯсаи шодоби висол
Рехт аз дидаи мо ойина чун ашки зулол...

*Соли 1992*

## ДАРИ КОШӢ

Ман аз торикии шаб омадам дер
Ба сӯи рӯшании хонаи ту.
Чу чашми нимпӯшат нимво буд
Дари кошонии кошонаи ту.

Хамида нарм-нармак рӯшноӣ
Чу дасти меҳрубон бар шонаи дар.
Ниҳода гарм-гармак рӯшноӣ
Кафи пурнур дар пешонаи дар.

Ба гесӯи сиёҳи шаб ситора,
Гиреҳи рӯшанӣ дар зулфи дар буд.
Ба бахти бастаам ҳамчун кушоиш
Калиди рӯшанӣ дар қулфи дар буд.

Валекин сахт пӯшидӣ дари худ
Ба рӯи ман, ба сӯи ошноӣ.
Задам аз дард фарёде, ки дармонд
Таги дар панҷаҳои рӯшноӣ!

*Соли 1992*

## СОЯИ ТАНҲОӢ

Омадам сӯи ту аз танҳоӣ,
Аз раҳу бераҳаи дунёӣ.
Омадам сӯи ту, эй зебоӣ,
Бо дили чоку сари савдоӣ.

Бе ту дар дашту даманҳо будам,
Бе ту дар боғу чаманҳо будам.

Гарчи дар қиссаи занҳо будам,
Бе ту аммо тани танҳо будам.

Қалбам аз ишқи худоӣ мехонд,
Банди ҷодуи ҷудоӣ мехонд.
Дар ҳавои ту ҳавоӣ гӯё
Дар қафас мурғи ҳавоӣ мехонд.

Ташнаву тафта ба сони хуршед
Сӯхтам сӯи ту ман бо уммед,
Чашмам аз чашмаи чашмони ту
То хӯрад оби ҳаёти ҷовид.

Бо дили доғу нигоҳи вола,
Дар лабам оҳу ба ҷонам нола
Омадам сӯи ту аз танҳоӣ
Ҳамчу аз роҳи ҳазоронсола.

Ташнаам, зуд маро об мадеҳ,
Бӯсаҳое ба табу тоб мадеҳ.
Дар гулӯям зада сад гиря гиреҳ,
То нагирям, ба сарам даст манеҳ!..

*Соли 1990*

## ТАШНАКОМ

Ҳанӯз ҳам ту чун таронае хушӣ,
Ҳанӯз ҳам ту дилбарӣ, ту дилкашӣ.
Дилам гирифта чун ҳавои тирамоҳ,
Ҳанӯз ҳам ту оташӣ, ту оташӣ!

Ҳанӯз ҳам умеду орзуи ту
Чу рӯшанӣ ҳамедамад ба рӯи ту.
Ҳанӯз ҳам чу аз гузаштаҳои дур
Нигоҳи ошиқонаам ба сӯи ту.

Дар он замони безамону бемакон
Дилам зи ишқ хӯрда чун замин такон.
Сиришкам аз ғами ниҳон ҳанӯз ҳам
Чу оби чашми санг ноаён чакон.

Ҳанӯз ҳам ба ёдҳои тобнок
Сарам бичархад аз хумори ишқи пок.
Чу марҳаме ба захми бедавои дил
Ниҳам ба набзи хеш барги сабзи ток.

Вале намонда ишқи ман ба ёди ту
Чу қиссаҳои хоби бомдоди ту.
Кушода чеҳраи ту чун ҳавои соф,
Ҳавои дил дамида аз ниҳоди ту.

Ҳанӯз ҳам ба кокули ту тобҳо,
Ҳанӯз ҳам бупечам аз азобҳо.
Нигоҳам аз нигоҳат об мехӯрад
Ҳанӯз ҳам чу ташна аз саробҳо.

*Соли 1990*

## МАҲРАМИ РОЗ

Дар домани сабзи зиндагонӣ
Сӯи ту намоз оварам ман,
Ҳамчун ба буте, ки саҷда орад
Бо рози бараҳнае бараҳман.

Дар рӯи ту рӯшноии дил,
Дар ҳусни ту ҷилваи саодат.
Дар роҳи муҳаббати худодод
Бо номи ту мекунам ибодат.

Дар чашми ту сеҳри оташи пок,
Дар қалби ту розҳои дерин.
Дар мӯи ту печутоби тақдир,
Дар қадди ту нозҳои ширин.

Шодоб чу меваи биҳиштӣ
Ангӯри лаби ту сершира.
Аз зираи гардани ту хоҳам
Дар гардани кӯҳ бӯи зира.

Аз чеҳраи содаат падидор
Ишқу ҳаваси муқаддаси ту.
Дар роҳи умеди ишқи ҷовид
Ман аз паси дил, дил аз паси ту...

*Соли 1990*

## АШКИ АРӮС

Аз навои най ҳавои даф баланд,
Аз адои дил садои каф баланд.
Базми гарм асту сафои нӯшбод
Бо суруди «ёр-ёр» аз саф баланд.

Аз паи паймони домоду арӯс
Мекашад як тӯда пойандози бахт.
Рӯи дасти шаҳ дили маҳ таҳ занад
Чун ба рафти ҳой дар шохи дарахт.

Ҳамчу аз хоби хуши рӯшан арӯс
Афканад дар хонаи рӯшан нигоҳ.
Мечакад дар косаи оби никоҳ
Ашки ӯ нохост чун як чакра оҳ.

*Соли 1990*

## ОЙИНА

Ёр бубинад ба ноз
Рӯи худ аз ойина.
Ёр табассум кунад
Сӯи худ аз ойина.

Мӯҳраи чашмӣ нигоҳ
Афканад аз гарданаш.
То нарасад чашми бад
Ҳеҷ ба ҷону танаш.

Бӯи гули навбаҳор
Дар гули пероҳанаш.
Ойина рӯшан шавад
Аз нигаҳи рӯшанаш.

Шона ба гесӯ занад
Ёр ба нозу адо.
Ойина дар рӯ ба рӯ,
Оҳ кашад бесадо.

Ойина дар ишқи пок
Ҳамдилу ҳамрози ӯ.
Нест ба ҷуз ойина
Мӯнису дамсози ӯ.

Ойина дорад ба дил
Сӯзи дилу ҷони ӯ.
Ойина ҳам ошиқаш,
Ошиқи чашмони ӯ.

*Соли 1989*

## МОҲИ НАВ

*Аз номи Моҳинав*

Буро, буро, моҳаме,
Туро, туро хоҳаме.
Ман аз ту, эй моҳи нав,
Дуо, дуо хоҳаме.

Ҳино бубастам, гирифт,
Ҳинои дастам гирифт.
Уқоби ишқ аз ҳаво
Чу кабки мастам гирифт.

Буро, буро, моҳаме,
Туро, туро хоҳаме.
Ба ҷонам, эй моҳи нав,
Сафо, сафо хоҳаме.

Суман ба ҳомун дамид,
Сабо ба афсун дамид.
Ба пеши ёр аз ҳаё
Ба гунаам хун дамид.

Буро, буро, моҳаме,
Туро, туро хоҳаме.
Ба чашмам, эй моҳи нав,
Зиё, зиё хоҳаме.

Ба дидаам нам расид,
Ба синаам ғам расид.
Ба кокулам гул задам,
Назарбаландам надид.

Буро, буро, моҳаме,
Туро, туро хоҳаме.
Ба ишқам, эй моҳи нав,
Вафо, вафо хоҳаме.

*Соли 1989*

## БАХТИ РӮШАН

Ба навои ошноӣ
Ба ту месароям имшаб.
Ба мисоли рӯшноӣ
Бидам аз бароям имшаб!

Нигаҳи ту бозии нур
Ба булӯри ишқи покам.
Ту хаёли рӯшани ман,
Ту умеди тобнокам.

Ба ҷабини рӯшани ту
Нигарам таровиши нур
Ва туро чу ширмаҳтоб
Ба нигоҳ бӯсам аз дур.

Шаби рӯшании армон,
Шаби рӯшании дидор,
Чу ба хоби рӯшанам ман
Ба ду чашми бозу бедор.

Ба ҷуз андаруни чашмат
Набувад ҷаҳони рӯшан.
Зи ду дидаи ту берун,
Ба худо, ки нестам ман!

Ба навои ошноӣ
Ба ту месароям имшаб.
Ба мисоли рӯшноӣ
Бидам аз бароям имшаб!

*Соли 1988*

## ШАБИ МАҲТОБ

Моҳи падидор дар шаби дидор,
Ишқу табу тоб, дидаи бедор.
Дар лаби ёрам рози нагуфта,
Дар дили зорам сӯзи нуҳуфта.

Ҷуфти хамӯшем, лоли ҳавасҳо,
Нест садое ғайри нафасҳо.
Эй шаби маҳтоб, эй шаби маҳтоб,
Об шудам, об, эй шаби маҳтоб!

Чун маҳи рӯшан рӯи маҳи ёр,
Медамад афсун аз нигаҳи ёр.
Гирамаш охир гарм ба оғӯш,
Ларзаду лағжад нарм ба оғӯш.

Ҷуфти хамӯшем, лоли ҳавасҳо,
Нест садое ғайри нафасҳо.
Эй шаби маҳтоб, эй шаби маҳтоб,
Об шудам, об, эй шаби маҳтоб!

*Соли 1988*

## НОЛАИ НАЙ

Чашму дили рӯшани туро мехоҳам,
Обу гили гулшани туро мехоҳам.
Ҳамчун гули сурхи домани сабзи баҳор
Гулдӯзии домани туро мехоҳам.

Дар ёла гули лола,
Аз доғи дили вола
Чун най бикунам нола.

Ман рӯи кушодаи туро мехоҳам,
Гесӯи кушодаи туро мехоҳам.
Чун боли кушодаи парастуи баҳор
Абрӯи кушодаи туро мехоҳам.

Дар ёла гули лола,
Аз доғи дили вола
Чун най бикунам нола.

Ман ишваи зебои туро мехоҳам,
Ман нози фиребои туро мехоҳам.
Монанди таронаҳои борони баҳор
Барги тари лабҳои туро мехоҳам.

Дар ёла гули лола,
Аз доғи дили вола
Чун най бикунам нола.

*Соли 1988*

## БАХТНОМА

Духтари танҳои хаста,
Дилфигору дилшикаста.
Бо лаби хомӯшу баста
Дар лаби дарё нишаста.

Эй дареғо, модари ӯ
Нест дигар дар сари ӯ.
Дар сиришки хеш ғарқ аст
Рӯд аз чашми тари ӯ.

Дар гулӯяш монда розаш,
Дар нигоҳаш хуфта нозаш.
Модараш не, то кунад тахт
Рӯзи тӯйи ӯ ҷиҳозаш.

З-ин ғами деринаи ӯ
Доғи дил дар синаи ӯ.
Рӯд ҳамчун дар арӯсӣ
Гаштааст ойинаи ӯ.

Рӯд ин дам дар бари ӯ
Ҷуфт мехоҳад сари ӯ.
Бахт мехоҳад барояш
Зинда ҳамчун модари ӯ.

Бахти ӯ мехоҳад ин дам
Кӯҳ ҳам, боди сабо ҳам,
Селаи мурғи ҳаво ҳам...
Бахти ӯ хоҳем мо ҳам!

*Соли 1987*

## ГУЛАНДОМ

Баҳораш рафт, то тифлон
Чу гул парвард дар доман.
Ҷавониҳои гулбозаш
Чу гул бигзашт аз гулшан.

Хаёли ишқи лоли ӯ
Ба гардун абри пурнам шуд.
Зулоли дидагонаш гул
Ба сони Ашки Марям[1] шуд.

---

1. Ашки Марям – номи гул.

Баҳораш рафту ранги гул
Парид аз нақши домонаш.
Гули садбаргро боде
Бибурд аз мӯи печонаш.

Ба чанги кӯдакон афтод
Гули сурхи сарандозаш.
Хазон шуд лолаи рӯяш,
Гули ҳуснаш, гули нозаш.

Ба рӯи кӯдаконаш рехт
Гули худрӯи андомаш.
Дигар аз навбаҳори ӯ
Фақат гул монд дар номаш.

*Соли 1984*

## БӮСАИ ЧАШМ

Духтаре танҳо буд
Рӯй бар ойина,
Як ҷаҳон дар уммед,
Як дил андар сина.

Дидааш механдид,
Чеҳрааш меболид.
Аз муҳаббат аммо
Дар дилаш менолид.

Барги райҳон дар мӯ,
Ёди гулбоғе дошт.
Доғи ишқе дар дил,
Ҳусни бедоғе дошт.

Бо ҳавас лабҳояш
Аз муҳаббат мехонд.
Ӯ киро, кай донам,
Сӯи хилват мехонд.

Чеҳраи ойина
Мегирифт аз ӯ нур.
Бӯсааш мекарданд
Чашмҳоям аз дур.

*Соли 1982*

## ИШҚИ ДАРЁӢ

Аё нилуфари дарёии ман,
Гули хуршедии дунёии ман.
Чу шамъе дар кафи амвоҷ бишкуф,
Фурӯзон кун шаби танҳоии ман.
Зи ишқ охир шудам дарёи бетоб,
Дилам обу дилам обу дилам об!

Аё гулмоҳии дарёии ман,
Чаро лолӣ зи serовоии ман?
Ба фарёде бигӯ дарё ба дарё
Сухан аз ҳастии шайдоии ман.
Зи ишқ охир бупечам ҳамчу гирдоб,
Дилам обу дилам обу дилам об!

Аё мурғи дили дарёии ман,
Аё минуии миноии ман.
Парафшонӣ бикун чун мурғи бахтам
Ба болои сари савдоии ман.
Маро дар ишқ як дарё ту дарёб,
Дилам обу дилам обу дилам об!

*Соли 1982*

## АБРИ СӮЗОН

Кабки рав дар адир мехонад,
Мезанад ханда лолаи рӯят.
Доманатро гирифта боди сабо,
Бӯи пудина мекунад мӯят.

Чун парасту ба сӯи боғу роғ
Бол бикшодааст абрӯят.
Ҳамчу абри уфуқ бисӯзам ман,
Аз шарарҳои чашми ҷодӯят.

Меравад навбаҳори гул охир,
Нагзарад навбаҳори дил, эй кош.
Бар сарат ҳамчу резаи борон
Гавҳари меҳр мекунам барчош.

Ё ба ишқи ту дар ҷудоиҳо
Як замон ғуссамарг хоҳам шуд.
Ё ки лаб бар лабони ширинат
Ногаҳон бӯсамарг хоҳам шуд!

*Соли 1982*

## НОМАҲО

Номаҳои ошиқии навҷавонӣ,
Номаҳои ҳамдиливу ҳамравонӣ,
Кафтарони коғазии паршикаста,
Аз ҳаво бар шохаи оташ нишаста,
Номаҳои қисмати ман,
Номаҳои ҳасрати ман!

Номаҳои бӯсахоҳиҳои лоле,
Номаҳои беҷавоби пурсаволе.
Баргҳои ғунчаи нашкуфтаи боғ,
Орзуҳои дили роғии бедоғ,
Доғ-доғ аз оби дида,
Номаҳои норасида!

Ёр дар гардуни бахтам чун ситора
Дур буд оё канора то канора?
Дар суроғи ишқи беоғозу анҷом
Номаҳои ман ба номаш гашт гумном,
Номаҳои зораи дил,
Номаҳои пораи дил!

Дар хаёлам номаҳоям парфишон шуд,
Мурғи рӯйинболи Роҳи Каҳкашон шуд.
Баъди садҳо сол то як ахтари дур,
Гарчи он дам нестам дар олами нур,
Номаи фархундаи ман
Мерасад аз зиндаи ман.

*Соли 1982*

## БАХТИНТИЗОР

Гулрухе пеши арӯсу домод
Мекунад рақс ба қадди шамшод.
Дили гирёну лаби хандонаш
Оварад ғижжаку най дар фарёд.

Бӯи ҳулбӯ бикунад гесӯяш
Аз баҳори гузарони рӯяш.
Мерамад аз нигаҳи кафкӯбон
Чашми бозингари хилватҷӯяш.

Нигаҳи сода ба дунё дорад,
Лек бошад дили ӯ мардшинос.
Мешавад мард дар оғӯшаш мард,
Гар сари зулфи варо дорад пос.

Бо дилу дидаву ҷон мерақсад,
Бо ҳавасҳои ниҳон мерақсад.
Ҳамчу гулхан шарарафшон гӯё
Ба гиребони ҷаҳон мерақсад.

Оварад ёд ба рақси беёд,
Ошиқе занги дарашро назада.
Модари шаҳписаре ҷорӯбе
Остони падарашро назада.

Назди домоду арӯсаст ба рақс,
Маст аз қисмати афсонаашон.
Дафу най медиҳад овоз варо,
Лек гӯшаш ба дари хонаашон.

*Соли 1980*

## ДАР ЛАБИ ҶАР

Дар лаби ҷар решаи пушу кавар луч,
Дар лаби ҷар монда нақши ашки борон.
Дар бари ҷар хори овезони бебар,
Дар дили ҷар лонаи мурғону морон.

Сар-сари ҷар мечарад бузғолаи шӯх,
Духтаре болои санге шишта сархам.
Мекашад хори кафи пояш ба сӯзан,
Аз ҳавасҳои ҷавонӣ дидааш нам.

Боди сарҳӯе баногаҳ сӯи гардун
Докаашро аз сари ӯ мерабояд.
Докааш дар чашми ҳайрони вай аз дур
Пораи абри сафеде менамояд.

*Соли 1979*

## ЁДИ ХУШ

Ёд аз он дам, ки ин дили гармам
Аз нигоҳи ту ногаҳон лағжид.
Ёд аз он дам, ки сахт тундар зад,
Резаборон туро ба ман бахшид.

Пур шуд оғӯши танги ман аз ту,
Пур шудам аз ҷавониву уммед.
Ростӣ, шуд кушодтар дунё,
Ростӣ, шуд баландтар хуршед.

Тухми меҳри ману ту аз пушта
Сар баровард чун гули худрӯй.
Бӯсаҳои ниҳонии мо руст
Аз лаби ҷӯй чун гули хушбӯй.

То ки аз қайди худ раҳо ёбем,
Ҳар ду гаштем пойбанди ишқ.
Дар баландии кӯҳ по мондем,
То ки бошем сарбаланди ишқ.

Ёд аз он дам, ки дар дил омад рост
Роҳи дури умеди мо бо ҳам.
Ёд аз он дам, ки ҷовидон пайваст
Роҳи бахти сафеди мо бо ҳам!

*Соли 1978*

## ОШИҚ ШАВ, ЭЙ ДИЛ!

Хоҳӣ замоне танҳо намонӣ,
Аз навҷавонӣ фардо намонӣ,
Ошиқ шав, эй дил, ошиқ шав, эй дил!

Хоҳӣ ҳамеша сарзинда бошӣ,
Бо меҳри дунё фархунда бошӣ,
Ошиқ шав, эй дил, ошиқ шав, эй дил!

Хоҳӣ ки аз ғам дар дил напечӣ,
Бе майсаву гул дар гил напечӣ,
Ошиқ шав, эй дил, ошиқ шав, эй дил!

Хоҳӣ биболӣ бо резаборон,
Хоҳӣ саройӣ бо обшорон,
Ошиқ шав, эй дил, ошиқ шав, эй дил!

Хоҳӣ ки ширин бошад хаёлат,
Хоҳӣ ки рӯшан бошад ҷамолат,
Ошиқ шав, эй дил, ошиқ шав, эй дил!

Ҷуз ошноӣ, ҷуз ҷонфидоӣ
Дунё надорад асло кирое,
Ошиқ шав, эй дил, ошиқ шав, эй дил!

*Соли 1978*

## ОҲИ САБУК

Аз ҳаёҳӯи кӯчаҳои шаҳр,
Аз такопӯи кӯчаҳои шаҳр,
Андаке хаста, андаке дар қаҳр,
Мегурезам ба сӯи ту, эй гул!

Аз сари базмҳои тафсида,
Аз бари мастҳои коҳида,
Об дар дида, талх хандида,
Мегурезам ба сӯи ту, эй гул!

Аз гурӯҳи парешандешон,
Аз мулоқоти зишти бадкешон,
Шалпар аз ёвагӯии эшон,
Мегурезам ба сӯи ту, эй гул!

Аз бузургон, ки панд мехонанд,
Донаи нарду давр меронанд,
Зиндагиро қимор медонанд,
Мегурезам ба сӯи ту, эй гул!

То даме дар канорат осоям,
Шодмон сар ба осмон соям.
То даме аз ҷаҳон ба худ оям,
Мегурезам ба сӯи ту, эй гул!

*Соли 1978*

## БАРФИ ГАРМ

Барф meборад ба нармӣ,
Барфи гарме!
Дар хаёли ман парафшон селаи қӯи сафеде
Аз диёри орзуҳо бо навиде.
Дар хаёли ман бирезад гард аз мӯи сафеде
Гарди умри пурумеде.
Дар хаёлам наварӯсе доманафшон аст дар тӯй,
Наварӯсе, к-аз сару аз кифти ӯ пошидаанд орд,
То барад бахти сафеде хонаи шӯй.
Барф meборад парешон,
Ин дили ман ёдҳо дорад парешон,
Ёди дерин,
Ёди ширин...

Духтари шӯхе, ки дар тан
Ҷомаи пашминааш буд,
Оташи навошиқӣ дар синааш буд,
Як саҳар овард «барфӣ»,
Пур зи розе, пур зи ҳарфе:
«Барфи нав борид бисёр,
Метавонӣ гар, маро дор!»
Аз паси ӯ тохтам ман, тохтам ман,
Аз паси ӯ лӯлабарф андохтам ман.
Тири ман, оваҳ, хато рафт,
Ёри ман оё куҷо рафт?
Ишқи аввалро ба бозӣ бохтам ман.
Гар варо медоштам ман,
Барфи мижгони варо бо бӯса мебардоштам ман,
Сар намедодам варо ҳеч,
Навҷавониям намедонист оби дидаро ҳеч...
Барф меборад ба ҳомун,
Барфбоди сард мепечад ба гардун,
Барфро дар синаи сӯзони худ мемолам акнун.

*Соли 1977*

## ПОЙАНДОЗ

Ҷуфти домоду арӯс аз рӯи пойандоз бигзашт
Зери оҳангу тарона,
Бо хироми дилбарона,
Сӯи даргоҳи умеду орзуи бекарона.

Ҷуфти домоду арӯс аз рӯи пойандоз бигзашт,
Монд по бар остони кохи меҳри ҷовидонӣ,
Монд по бар зинаҳои пойдори зиндагонӣ,
Монд по бар сарзамини ишқи поки осмонӣ.

Ҷуфти домоду арӯс аз рӯи пойандоз бигзашт.
Аз паи фархундаи онҳо баногаҳ чусту чолок

Ҳафт марди зуру бебок
Чанг зад якбора пойандози навпаймударо сахт,
Ҳар яке як сӯ кашидаш сахт ҳамчун домани бахт.

Ҳар яке то бозувонашро ба майдон озмояд,
Ҳар яке то мушти сахти ҳамнабардонро кушояд,
Ҳар яке то пойандози муборакро рабояд,
Ҳар яке то зӯр ояд,
Зӯр зад бисёру бисёр,
Зӯр зад бисёру охир аз кашокаш шуд арақшор.

Ногаҳон дар панҷаи гирои пойандозкашҳо
Зери кафкӯбии гарму ҳоюҳӯи моҳвашҳо
Пора-пора гашт пойандози поки рӯзгорон
Аз паси навхонадорон,
То қафо гаштан зи шаҳроҳи вафо зору пушаймон
Ҳеҷ натвонанд домоду арӯси некпаймон!

*Соли 1976*

## БАРОИ ТУ

Аз барои муҳаббати бедоғ,
Ки дилу дидаи маро бикшод,
Аз барои ту, ёри ҳамтақдир,
Дар ду дунё ҷавоб хоҳам дод!

Ман барои хаёли ширинат,
Ки аз онем ҳар ду ҳам дилшод,
Ман барои умеди деринат
Рӯзи фардо ҷавоб хоҳам дод!

Ман ҳамеша барои бахти ту,
Ки баланду сафеду некӯ бод,
Ман барои ту дар раҳи қисмат
Дар сари по ҷавоб хоҳам дод!..

З-ин сабаб ҳам нахоҳад осон рафт
Домани рӯзгор аз чангам.
З-ин сабаб ҳам нахоҳад осон бурд
Оби дарёи зиндагӣ сангам.

*Соли 1976*

## БА НИГОҲЕ...

Ба нигоҳе, гули ман, ақли маро медуздӣ,
Ба нигоҳе бикунӣ афсунам.
Зи такопӯи ҷаҳон,
Зи ҳаёҳӯи ҷаҳон
Бубарӣ берунам.

Ба нигоҳе, гули ман,
Зиндагонии навин аз сари нав
Аз дили ман
Диҳӣ оғоз дар обу гили ман...
Ана, мо чашм ба чашмем канори рӯъё,
Ана, мо аз ҳаваси ишқи нахустин мастем,
Ана, мо Одаму Ҳавво ҳастем,
Ки касе нест ҳанӯз
Гӯиё ҷуз ману ту дар дунё.

*Соли 1976*

## ВИСОЛ

Ҷуфти дилбохтаи хушбахтем,
Кист доротаре аз мо имшаб.
Ҳама аз мост, ҳама буду набуд,
Ҳама бешу ками дунё имшаб.

Ахтари бахту самои нилӣ,
Каҳкашонҳост аз они ману ту.
Офтоби паси кӯҳи сангӣ,
Субҳи фардост аз они ману ту.

Силаи панҷаи шаббодаи шӯх,
Розҳои маҳи ширӣ аз мост.
Созу овози хуши шаршараҳо,
Бӯи гулҳои адирӣ аз мост.

Шир-шири барги сафедори баланд,
Навҷавониву хаёли ширин,
Абрҳои гузарону борон,
Зиндагониву умеди дерин...

Ҳама аз мост, ҳар он чи зебост,
Балки дорои ҳама баҳру барем.
Чунки дигар ману ту дар дунё
Бо дилу ҷони худ аз якдигарем.

*Соли 1976*

## РЕЗАБОРОН

Шомгоҳон резаборон гарм рехт,
Дар хаёлам/ модари ман бо умед
Бар сари мо панҷа-панҷа об зад
Чун нишони рӯшани бахти сафед.

Рӯй тар, абрӯй тар, гесӯй тар,
Бӯсаҳои ошиқӣ тар буд, тар!
Ҳамдилони ташнадил будем мо,
Ташнагони ношикеби якдигар.

Чакраҳои гарми борон мечакид
Дона-дона аз сари гесӯи ту.
Метаровид оби борони умед
Ҳамчу файзи осмон аз рӯи ту.

Оҳ, моро сахт афсун карда буд
Резаборон бо ҳама афсонааш.
Дар нигоҳам, норасида бар замин
Тухми гул мегашт ҳар як донааш.

Аз сари ҷуфти ману ту мегузашт
Шомгоҳон резаборон рез-рез.
Оҳ, моро ҳамчу аз ишқу ҳавас
Аз таги борон набуд роҳи гурез.

*Соли 1975*

## ГУЛИ НОЧИДА

Ба гумонам, ки ту, эй духтараки содаи деҳ,
Ба куҷое наравам, ҳамраҳи ман меоӣ.
Гоҳ-гаҳ медиҳӣ овоз маро аз наздик,
Нигарам, нестӣ, рустӣ магарам мепоӣ?

Ҳама ҷо шарфаи пои ту ба гӯшам ояд,
Шунавам нолаи зангӯлаи дастонатро.
Чу насими саҳарӣ мегузарӣ аз бари ман,
Маст бӯям ҳама нақши гули домонатро.

Бинамо рӯи худ, эй духтараки содаи деҳ,
Ки дилу дидаи ман дар талаби дидор аст.
Зудтар о, ки баҳори ману ту мегузарад,
Гули нашкуфтаву ночидаи мо бисёр аст.

*Соли 1975*

## НИГОҲИ ГАРМ

Носери навҷавониву носери ошиқӣ
Ногаҳ миёни раҳ ману ту рӯ ба рӯ шудем.
Чун ахтарони бахт ба ҳам рост омадем,
Ҳамрозу ҳамнасибаву ҳаморзу шудем.

Дигар нигоҳи гарми ту дар роҳи зиндагӣ
Умре гусел мекунадам, эй нигори ман!
Аз ҳусни беғубори туву ҳузни ишқи пок
Носер дидаи дили уммедвори ман.

Дастобадаст, бори ғами якдигар ба дӯш,
Роҳи вафо дарозу равонем мову ту.
То сарбаланд, рост ба чашмони ҳамдигар
Умре нигоҳ карда тавонем мову ту.

*Соли 1975*

## САРҶӮИ САБЗ

Ҳарду пудинаи баҳоронро
Лаб-лаби ҷӯйбор мечидем.
Гоҳу гаҳ масти ишқ ҳамоғӯш
Аксамонро дар об медидем.

Лек оби равон чӣ мегӯяд
Ин замон аз ҷудоиҳои мо?
Бурда оби равон магар бо худ
Шӯри дилҳои ҳамнавои мо?

Дар нигоҳам ситораи рӯят
Гарму рахшон ҳанӯз метобад.
Аз лаби ҷӯ туро ба базми дил
Чашми чорам ба сӯз мекобад.

Дар хаёлам ҳанӯз мерақсӣ,
То барӣ бо карашмае ҳушам.
Занги зангӯлаҳои дастонат
Мерасад то ҳунӯз бар гӯшам.

*Соли 1974*

## САДОИ ДАФ

Бо ҳавас дар домани сабзи баҳор
Гулрухи дилбохта даф мезанад.
Нози арғуштаст дар ангушти ӯ,
Бо дили бигдохта даф мезанад.

Чеҳрааш бишкуфта аз ишқи нахуст,
Ғӯра баста норҳои синааш.
Меҳрубонӣ метапад бо зеру бам
Дар дили покизаи бекинааш.

Чун дафи тафсида аз оҳанги шӯх
Дар вуҷудаш базмҳо тафсидаанд.
Розҳову сӯзҳову созҳо
Дар дили сӯзони ӯ шӯридаанд.

Сӯи дуриҳо хаёлаш пар зада,
Роҳ мебинад ба армон чашми ӯ.
Менавозад даф ба нози нозанин
Аз гудози дилнавози орзу.

Ҳамраҳи боди мурод овои даф
Мевазад аз хотири ошуфтааш.
Бахти бедори кӣ бозӣ мекунад
Дар навои орзуи хуфтааш?

*Соли 1974*

## МЕҲРПАЙВАНД

Дар нимаи шаб зи дидагонам
Бигрехтаӣ чу хоби ширин.
Аз ман чу ситора дурӣ акнун
Бо сӯзи дилу умеди дерин.

Аз ман ба канори марғзоре
Чун оҳу яке рамидаӣ ту.
Аз шонаи ман ба сӯи боғе
Чун саъва яке паридаӣ ту.

Ҳайҳот, ки бод бурда акнун
Ҳар чиз ки дар миёни мо буд.
Дурему баландтар бихандем
Ман аз ғами худ, ту аз ғами худ.

Ман бо раҳи худ, ту бо раҳи худ,
Ҳарду паи зиндагӣ равонем.
Ҳарчанд шавем дуртар, лек
Дил канда зи ҳам наметавонем.

*Соли 1973*

## АБРИ БЕБОРОН

Бо ту мехостам шавам розӣ
Аз ҷавониву ишқу дилбозӣ.
Бо ту мехостам чу досакҳо
Ёбам аз шавқ боли парвозе.

Бо ту мехостам ҷавон бошам
Дар ҷаҳони умед, то ҳастам,
Раҳ ба раҳ то раҳо нагардидаст
Гӯшаи домани ту аз дастам.

Бо ту мехостам кашам умре
Бори дилрову бори дунёро.
Бо ту мехостам кунам тақсим
Насяву накди бахти фардоро.

Лек ҳамчун хаёли хоми хеш
Ҳар ду ҳам хому норасо будем.
Андар оғӯши гарми якдигар
Ҳар кӣ будем, бевафо будем.

Ишқи аввал чу пораи абре
Аз сари мо гузашт беборон.
Ҳамчу мо ношикеб ҳоло ҳам
Дар куҷоест зору саргардон.

*Соли 1972*

## ГУЛИ КӮҲӢ

Гули кӯҳии ман, куҷоӣ ту?
Кош, бо ишқи рафта боз оӣ!
Дар дили худ чӣ орзу дорӣ?
Кай ту бо сӯзи ишқ соз оӣ?

Боз о, ҳастии маро сӯзон
Бо нигаҳҳои гарми дилҷӯят,
То ба зону занам ба назди ишқ,
То кушоям гиреҳи гесӯят.

Боз о, то ба бозии тақдир
Сари худро ба ту гарав монам.
Аз ғурури ҷавонии худсар
Бори дигар бикун пушаймонам.

*Соли 1972*

## БАХТИ БЕДОР

Гули ман,
Эй шукуфоии гулбоғи муроди ман,
Ба сӯят буд ду дасти кушоди ман.
Шарар мерехт аз чашмони ҷодӯят,
Асал мерехт аз гуфтори дилҷӯят,
К-аз ин сӯзону ширин буд ишқат дар ниҳоди ман.

... Ту дар арғунчаки шохи дарахти тут
Саҳаргаҳ ҳой мерафтӣ,
Ба савти ной мерафтӣ.
Дили ман бо ту ҳампарвоз мешуд,
Бо ту таҳ мезад,
Шамоли домани ту ихтиёрамро зи раҳ мезад.

Баҳоре маст будам аз гули рӯят,
Баҳоре гул задам дар банди гесӯят.
Баҳоре аз сияҳгӯши нахусти кӯҳи меҳри ман
Бинӯшид об абрӯят...

Вале акнун куҷоӣ, бахти сабзи ман,
Куҷоӣ шодмонии баҳори шод?
Туро бисёр кардам ёд.
Ҳанӯз уммедворам ман, ки як рӯзи дилафрӯзе
Ба рӯи дастҳоям бо сарафрозиву пирӯзӣ,
Туро ҳамчун арӯси бахти худ алвонч хоҳам дод!

*Соли 1969*

## СИТОРА

Дар кокулони хеш задастӣ ситораҳо,
Афкандаӣ ба ҷону дили ман шарораҳо.
Аз осмони бахт
Гӯё гирифтаӣ
Ҳар як ситораро.
Гӯё ба мӯи тофтаи хеш хастаӣ,
Гӯё ба мӯи бофтаи хеш бастаӣ
Ҳамчун ситорапора дили пораи маро.
Ҳар шаб ба тобу таб,
Овои дил ба лаб,
Танҳоии ғамовари марди ситорагум
Дар дидаи талаб,
Аз роҳҳои тираи андешаҳои хеш
Оям ба сӯи ту.
То он ситораро, ки бувад раҳнамои ишқ,
Дарёбам аз сиёҳии шабранги мӯи ту.
То бинам он ситораи бахте, ки равшан аст
Аз орзуи ман,
Аз орзуи ту.

*Соли 1969*

## АРҒУШТӢ

Гулхани тӯёнаро дар сина меафрӯхтем,
Дидаи уммед сӯи ҳамдигар медӯхтем.
Зери кафкӯбии мардум дар ҳавои базмгоҳ
Бо ҳам аз бозии дил арғушт меомӯхтем.

Мурғи навболи дилам ҳамболи абрӯи ту буд,
Дошт имои паноҳӣ сӯи ман ангушти ту.
Бо навои гарми сурнай, бо садои ҷӯри даф
Нарм мепечид арғушти ману арғушти ту.

Бо суруди «Шаҳбаророн» пеш-пеши аспи шаҳ
Рафтаем арғушт бо ҳам дар раҳи испеди бахт.
Бо суруди «Шаҳбаробар» аз дилу ҷон кардаем
Назди тахти бахти домоду арӯс уммеди бахт.

Лек акнун гирди гулханҳои тӯйи мардумӣ
Ман туро, эй духтари оташ, намеёбам чаро?
То ҳанӯз аз ёди дур ангуштбозиҳои ту
Сӯи арғушти муҳаббат боз мехонад маро.

*Соли 1969*

## ГАҲВОРАБАХШ

Дар он даврон, ки бо ҳам кӯдаки гаҳвора мо будем,
Гаҳе гирён, гаҳе хандон ба худ овора мо будем,
Дар он даврон, ки шабҳои хаёлангези маҳтобӣ
Ба чашми модари бехоби худ маҳпора мо будем,

Ба меҳру меҳрубониҳои бобоиву момоӣ
Ба ҳам диданд ахтарҳои моро дар само ҷуфтак.
Ба ҳам гаҳворабахшон карда моро бо умеди нек,
Дуогӯён ба ҳам моро бубахшиданд чун луфтак.

Дигар чун барги сабзи армуғонӣ пешвози ид
Бароят куртаҳои арғувонӣ модарам медӯхт.
Дар андоми ту дида орзуву ормонашро,
Шавад то чашми бад дур аз сарат, испанд ӯ месӯхт.

Вале роҳи умеди зиндагии мо дигар будаст,
Ту аз афсонаи бегона ҷустӣ бахти фирӯзат.
Маро ҳам дур сӯе бурд ишқи дигаре, падруд!
Саломе мефиристонам зи дилсофӣ ба дилсӯзат.

Аё гаҳворабахши ман, наомад бахтамон бо ҳам,
Вале дар осмони ормони модарони мо
Ҳанӯз аз меҳри ҷовиди сипеҳрӣ роз мегӯянд
Ба ҳам наздик, сӯзону фурӯзон ахтарони мо.

*Соли 1968*

## ПАЗМОН

Ба зери сояи гесӯи маҷнунбед
Ба ҳам дидем меҳру меҳрубониро.
Зи ишқи аввалини ҳамдигар бехуд
Ду дил бикшод аз худ як ҷаҳонеро,
Ҷаҳони ноаёнеро.

Парастуҳои меҳр аз шохи маҷнунбед
Ба гардун ҷуфт дар парвоз гардиданд.
Ба ҳам дилҳои мо аз шодии дидор
Ба аҳди ошиқии хеш болиданд,
Даруни сина рақсиданд.

Ту акнун аз баҳори сабзи маҷнунбед
Куҷо рафтиву мондӣ шикваву сӯзам.
Ман акнун шомҳои сарди танҳоӣ
Ба армон гулхани уммед афрӯзам,
Ба роҳат дида медӯзам,

Ки шояд мерасад рӯзе, ту меоӣ,
Шарикам мешавӣ дар ҷодаи уммед.
Гирифта дасти ман аз дасти ҳасратҳо,
Намоӣ шомгоҳони сияҳ испед.
Биё, эй духтари Хуршед!

*Соли 1968*

## ЛАБЧАНГ

Ҳар шом дар лаби рӯд лабчанг дар наво буд,
Бо мавҷи об мавҷи оҳанг ҳамсадо буд.
Ҳар шом ман ба наздат хомӯш менишастам,
Лабчанг мезадиву чун мавҷ мешикастам.
Метофт мавҷи дарё чун мӯи майдабофат,
Мемонд авҷи дарё бар дидагони софат.
Мехонд нарм-нармак лабчанг ишқи моро,
Мекард гарм-гармак садранг ишқи моро.
Лабчанг аз лабонат як шом дур гардид,
Оҳанги бӯсаи мо он шом ҷӯр гардид,
Бо ҳам ду мавҷи печон дар рӯди ошноӣ
Аз обу оташи дил гаштем рӯшноӣ...
Ҳар шом дар лаби рӯд лабчанг дар наво буд,
Дар дидаи муҳаббат оби равон раво буд,
Ишқи заминии мо сармаст дар ҳаво буд,
Дар ёд дорӣ оё, кай буд, дар куҷо буд?

*Соли 1968*

# ПАНҶАИ БАРГИ ХАЗОН

*Дар сӯгвории хушдоманам шодравон*
*Бибӣ Марями Азиз, ки чун модар азизам буд.*

## ОҲИ БОМДОД

Дар он дунёи шод, эй модар, эй модар,
Равонат шод бод, эй модар, эй модар!
Дар ин дунёи ғамгин бе ту, бе ғамхор
Дилам омад ба дод, эй модар, эй модар!

Дареғо, ногаҳон рафтӣ ту бе падруд
Ба оҳи бомдод, эй модар, эй модар!
Дигар бе ту ғами ҷонсӯзи танҳоӣ
Ба ҷони ман фитод, эй модар, эй модар!

Дигар бе чеҳраи гарми ту аз армон
Бисӯзам дар ниҳод, эй модар, эй модар!
Дигар бе ту дили тангам занад фарёд
Ба гардуни кушод, эй модар, эй модар!

Дигар бе ту сарам гоҳе ба гирдоб аст,
Гаҳе дар гирдбод, эй модар, эй модар!
Гулӯямро бигирад гиря аз андӯҳ,
Агар ой ба ёд, эй модар, эй модар!

## САПЕДАДАМИ СИЁҲ

Саҳар чун чашм во мекардам, эй модар,
Туро дар ҷонамози хеш медидам.
Туро дар лаб ниёишҳои яздонӣ
Ба меҳроби ниёзи хеш медидам.

Саҳар дасти дуоят аз нигоҳи ман
Ба як каф рӯшанӣ мешуст хобамро.
Тамошо доштам, эй модар, аз кифтат
Дамиданҳои гарми офтобамро.

Дареғо, дар намози бомдод охир
Дуо дар лаб гузаштӣ аз ҷаҳон, модар!
Надидӣ рӯз чун маҳтоби берӯзӣ,
Чаро рӯзи ту пур шуд ногаҳон, модар?

Сапеда дар нигоҳи ман сиёҳӣ зад,
Ҷаҳон дар дидаам торик шуд ҷовид.
Дигар аз пуштаи гӯри ту, эй модар,
Ба сӯям сарду сангин медамад хуршед.

## ЗАНГӮЛАИ ТУТ

Дареғо, модари чодарсафеди ман,
Таги тути сафед акнун намешинӣ.
Дигар дидори Пири сабзпӯш аз дур
Яке дар сояи сабзаш намебинӣ.

Барои мурғи ёди некат акнун тут
Қафас мебофад аз шохи хаёли хеш.
Дигар дар сояаш девони Ҳофизро
Намехонӣ, кушоӣ то ки фоли хеш.

Ғанав дорад ғамин тути сафеди пир,
Ки дар хоки сияҳ хобидаӣ акнун.
Дигар аз номаи барги кабуди он
Намехонӣ паёми нилии гардун.

Ба гӯшам аз фарози тут, эй модар,
Занад зангӯлаи ёди ту фарёде.
Ба худ печам ба сони тути тӯрида,
Ба гунҷишкони он тӯр афканад боде.

## ШАБИ ОДИНА

Шаби тору нигоҳам тира бемаҳтоб,
Шаби торику бемодар дилам торик.
Худоё, рӯшанӣ мехоҳам аз дунё,
Ки аз андӯҳ шуд обу гилам торик.

Шаби ошуфтаву аз боди саргардон
Кунад нолиш дари во мондаи модар.
Ба гӯш ояд ҳанӯз аз хонаи хомӯш
Ба зери лаб намози хондаи модар.

Ба кунҷи хонаи модар барафрӯзам
Шаби одина шамъи ёди поки ӯ.
Шаби одина дар ойинаи чашмам
Бигиряд шамъи ёди тобноки ӯ.

Биҷӯяд чеҳраи пурнури модарро
Нигоҳи дури пазмонам ба тобу таб.
Ба пиндорам, сафедии сари модар
Саҳар тобад зи гесӯи сиёҳи шаб.

## ДУДИ СИПАНД

Дилам мегиряд аз ғам, оҳ, эй модар,
Кашам оҳи дамодам, оҳ, эй модар!
Намебинам туро то рӯзи растохез
Дигар бо дидаи нам, оҳ, эй модар!

Маро аз сад балову бад дар ин дунё
Дуои некат, эй модар, нигаҳбон буд.
Ба ҳар сӯе, ба ҳар кӯе, ки мерафтам,
Ба роҳам чашми раҳбини ту раҳбон буд.

Ҳазориспандро бар пешвози ман
Дами дар дуд меандохтӣ, модар!
Валекин дар гуселат ҳастии ман сӯхт,
Ки умре дуд дар худ мекунам дигар.

Дилам бовар надорад ҳамчу кӯдак ҳеҷ
Ба марги ногаҳон аз даргузашти ту.
Ба чашми интизорам ашк мепечад
Ҳамеша дар раҳи бебозгашти ту.

*Соли 1995*

# АНГОРА
# ДАР АНГОРА

## АШКИ САРОБ

Ман парешонтар аз андешаи хеш,
Хаста аз кашмакаши буду набуд,
Сӯи ойина нигоҳ афкандам,
Лек ойина намудам нанамуд.

Оҳ, дидам, ки намондаст дигар
Чизе аз ман, на тавону на суроб.
Нам-нам аз ашки ниҳонии ман
Рӯи ойина таровид сароб…

*Соли 2010*

## САНГИСТОН

Ҷаҳон бастаст санг ин ҷо, дар ин куҳсори сангобод,
Деҳи сангин канори шах, саросар ҷонаш аз санг аст.
Ба тахти тахтасанг аст он, ба рахти пахтасанг аст он,
Ба рӯи тобасанги рӯзгорон нонаш аз санг аст.

Деҳи сангин дарахте соябон бар сар надорад ҳеҷ,
Ба зери сояи шах киштаи хушкидааш саргум.
Аз ин сангинтарин куҳсору сангистону сангобаш
Ба ҷуз одам намерӯяд, намесабзад ба ҷуз мардум.

*Соли 2009*

## ПАНДИ ХУНИН

Инак ҳазору як сол ин «Пандномa»-ро кас
Дар зиндагӣ чу дастур хондасту боз хонад.
Бе чашми хат ҳам онро бо дасти шуста гирад,
Бӯсад, ба чашм молад, аммо на ҳар кӣ донад:

Пире, ки ин ҳама панд ҳамчун падар ба фарзанд
Аз неку бад фаровон бо меҳри пок гуфта,
Гаштаст куштаи ин фарзанди носипосаш,
Як дасти хеш берун дар зери хок хуфта.

*Соли 2009*

## МОРИ ГАНҶИНАБОН

Мори пири кӯр дар вайронаи таърих
Мекунад ганҷинаи як сарзамин бонӣ.
Заҳри ӯ хушкидаву пӯсида дандонаш,
Пӯст афкандасту печидаст пинҳонӣ.

Вoйи мори пиру ганҷурии деринаш,
Вoйи мори кӯри кӯрон аз куҳансолӣ!
Ӯ намедонад, ки кайҳо ғораташ карданд,
Посбонӣ мекунад ганҷинаи холӣ.

*Соли 2009*

## САКТАИ ҚАЛБ

Падарамро дили пур аз ғами ӯ кард ҳалок,
Дили пур аз аламаш модари зорамро кушт.
Амаку аммаам оҳи дилашон бурд ба хок,
Дили мотамзадааш хоҳари хорамро кушт.

Дили ошуфтаи ман ҳам, ки пур аз андӯҳ аст,
Ба сарам сахт гиреҳ мекунад акнун мушташ.
Ман аз ӯ дилзада, ӯ як дила аз хунам маст,
Кушадам як хала ё сад хала хоҳам кушташ.

*Соли 2009*

## ТАРКИШ

Боядам кард акнун қомати худро рост,
Мезанам зӯр, аммо мекунад ғам зерам.
Об агар хоҳам ман, оби дарё хушкад,
Ҳар чи дар каф гирам, мефитад, ё пирам!

Рӯзиям рӯз аз рӯз кам-камак мекоҳад,
Дасти ман меларзад, ранги ман мепуркад.
Соати як таркиш дар ман ово дорад,
Мағз-мағзам охир аз алам метаркад.

*Соли 2009*

## ПИРОНИ БЕПИР

Пирони бозор, пирони бекор,
Пирони берӯ, пирони бепир.
Пирони худбин, пирони бадбин,
Пирони чапгир, пирони хапгир.

Дар чашми онҳо, дар хашми онҳо
Андеша даргир, ангеза дархӯр.
Дар кори мардум, дар бори мардум
Пирони саркор, пирони сархӯр!

*Соли 2009*

## ҲАМЁНИ САРБАСТА

Хуб оши худоии мардум
Муфт хӯрдасту муфт хоҳад хӯрд.
Муфт агар ёфт боз хони касе,
Нози он ҷуфт-ҷуфт хоҳад хӯрд.

Худ надорад вале ду дасти кушод,
Дар саховат на гурдаву на ҷигар.
Сахт сарбаста аст ҳамёнаш,
Дар пулаш акси як хасиси дигар.

*Соли 2009*

## ВАСВАСА

Ранҷи андешаи кас дар шатранҷ
Ӯ ба писханд тамошо мекард.
Дошт бозӣ нигаҳаш сӯи қимор,
Чӯтали[1] муфт таманно мекард.

Ӯ гарон сӯи ҳаёҳӯи сабук,
Ӯ сабук сӯи такопӯи гарон
Аз паси панҷаи худ менигарист,
Аз паси панҷара акнун нигарон…

*Соли 2009*

## БОЗОРИ БЕГОҲӢ

Дар хами бозори бегоҳӣ
Як-ду зан олуфта чун луфтак.
Нози онҳо бо касу нокас
Муфтак охир меравад ҷуфтак.

Лучи лучак кифташон зебо,
Пучи пучак афташон бенур…
Дар сари худ ҳам сабукпоӣ,
Кас нагӯяд, афташон дар гӯр!

*Соли 2009*

1. Чӯтал – пуле, ки аз маблағи бурди қимор ба ҳаводор дода мешавад.

## НАНГ

Оҳ, медиду намеомад ҳеҷ
Бовари мард ба чашмони хеш.
Буд ҷононаи ӯ даст ба даст
Раҳ ба раҳ бо дигарон пешопеш.

Таҳ ба таҳ сӯхт ниҳон як олам,
Як алам аз пасашон ҳой нагуфт.
Зад сиёҳӣ нигаҳи ӯ ногаҳ,
Ҷо ба ҷо мурд, вале вой нагуфт!

*Соли 2009*

## ГИРЕҲИ НИГОҲ

Ман ба ӯ ягон бадӣ накардаам,
Ӯ ба ман ягон бадӣ накардааст.
Ман насибаи варо нахӯрдаам,
Ӯ насибаи маро нахӯрдааст.

Лек рӯ ба рӯ ба ҳам чу омадем,
Сард пурсад ӯ марову ман варо.
Ман надорам аз чи чашми диданаш,
Чашми диданам надорад ӯ чаро!?

*Соли 2009*

## ГУШНАПУШТ

Дар сари оши худоӣ ӯ
Мезад оруғ аз шикамсерӣ.
Дар лаби хон бо ду лунҷи пур
Ӯ намедонист дамгирӣ.

Сар ба сар деги палавро ҳам
Чашми носераш фурӯ мебурд.
Дар нафасҳои палиди ӯ
Мурдае мурдори худ мехӯрд.

*Соли 2008*

## ЧАШМИ МАРДУМ

Раг ба раг дар ормонаш
Ҷӯш зад хуни ҷавонӣ.
Бар зад ӯ майдон ба майдон
Бозувони паҳлавонӣ.

Зӯр зад як кифт аз хеш
Ҳафт кӯҳи рӯ ба рӯро …
Ёфт то як хурдаи нон,
Чашми мардум хӯрд ӯро!

*Соли 2008*

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Ятими рус буд аз кӯдакӣ ӯ,
Ба ойинҳои русӣ зист умре.
Забони модарии хештанро
Ба ҷуз русӣ намедонист умре.

Вале аз кӯдакии хеш чизе
Баногаҳ вопасин дам омадаш ёд.
Ба тоҷикӣ, худо бахшояд ӯро,
Ба ҳасрат «Оҳ, модар!» гуфту ҷон дод.

*Соли 2008*

## ПУЛИ ПАНҶ

Хушо, аз панҷаи сангини қисмат
Ба туғён Панҷ меҷӯяд раҳоӣ.
Ба кафкаш ҷилваи рангини қисмат,
Ба мавҷомавҷаш обу рӯшноӣ.

Ду кишварро ҷудо мекард агар Панҷ,
Дар он бигзошт акнун дӯстӣ пул,
Чу дарёи дили мардум дигар Панҷ
Бупайвандад ба ҳам Кӯлобу Кобул.

*Соли 2007*

## ЗАМОНА

Ҳар кучо якчанд таркиш,
Ҳар кучо якчанд куштор,
Ҳар замон якчанд тороҷ,
Ҳар нафас садчанд озор…

Аз касодиву фасодӣ
Домани хок аст дар хун.
Зистан душвор дигар,
Мурдан осон аст акнун!

*Соли 2007*

## БОЗОРИ МАРДИКОР

Аз пагоҳӣ дам ҳавои шаҳри тобистонзада,
Сӯи бозори хунук хуршед механдад хунук.
Боди гарми чорсӯ дар рӯи мардум медавад,
Сояи калтутҳои пир мегардад тунук.

Пешвози кордоре рост чандин коргар
Тешаи худ дар камар, белу каланди худ ба даст.
Мардикоре бехи деворе ба чашмонаш ғанав,
Дастҳои норасо дар зери сар паҳлӯ задаст.

*Соли 2007*

## ХОКИ ЧОК-ЧОК

Қуфли дороии ниҳони хок
Мекушоянд бе калид акнун.
Мешавад хоки чок-чоки пок
Аз пайи одамӣ палид акнун.

Мепарад сурхии гули доғаш
Дар баҳорони бепаноҳ, афсӯс!
Медамад лолааш сафед, эй вой,
Медамад лолааш сиёҳ, афсӯс!

*Соли 2007*

## ЗИЛЗИЛА

Ногаҳон имшаб замин ҷунбиду бим афканд,
Лаҳзаҳоро ларзаҳои шишаӣ бигрифт.
Ҳуй хӯрд ойинаи девор аз мехаш,
Ҳой рафт овезаҳои чилчароғи шифт.

Бар сарам якбора зад ёди азизе дур,
Лахт-лахти ман тарак бардошту хун шуд.
Эй худо, бошӣ нигаҳдораш, намедонам,
Хонаи танҳоии ӯ ин замон чун шуд?!

*Соли 2007*

## ФОЛИ ЧОЙ

Фол зад дар пиёлаи чоям
Меҳмоне аз омадаш бегоҳ.
Кист ӯ, кист? Кош, бошӣ ту!
Чашм дар раҳ кашидам аз дил оҳ.

Боз дар орзуи дидорат
Ормонам гирист ҳоёҳой.
Бе ту нагзашт аз гулӯям об,
Чой дар ҳалқи ман парид, эй вой!

*Соли 2007*

## НАМУНА

Некмарде дӯсташ медошт, лек
Орзуи зан, дареғо, ӯ набуд.
Ормонаш буд як болобаланд,
Айнаки ӯ муду чашмонаш кабуд.

Дар ду чашми чори зан омад дучор
Марди дилхоҳаш яке бо ин намуд.
Ӯ ба гӯшаш хонд шаб афсуни ишқ,
Бомдодон гӯшворашро рабуд!

*Соли 2007*

## ОТАШАК

Як дарахт оташакам[1]
Дар ҳавои ту фароз.
Сӯят орам ба алам
Шоха дар шоха гудоз.

---

1. Оташак – барқ, сойиқа.

Реша дар реша алов
Барг дар барги ман аст.
Оҳ, як беша алов
Ишқи ман марги ман аст!

*Соли 2007*

## НОФОР

Боди шом аз роҳ доман метакад,
Чашми худ аз гард гардун мешакад.
Сӯи торикӣ саги кӯри ҳарос
Аз дами дарвозаи шаб межакад.

Аз нигоҳи бесадо гирёни моҳ
Сӯзи меҳолуд нам-нам мечакад.
Пашшаи андешаам то бомдод
Хор-хор аз хоби ман хун мемакад.

*Соли 2007*

## БОДБОДАК

Бӯи сабзи навбаҳорон медамад,
Бӯи сурхи лола дорад офтоб.
Ранги гардун мепарад аз бӯи ранг,
Мекунад бӯи кабудӣ ҷӯи об.

Бӯи як газ себи моҳи нав ҳанӯз
Мерасад аз кӯдакии ман ба ёд.
Бодбодакҳои рангоранги хеш
Ормонам медиҳад аз нав ба бод…

*Соли 2007*

## СОДАГӢ

Диламро бурд ӯ бо як нигоҳи рӯшани хеш,
Гумон кардам, ки меёбам ба осонӣ дилашро.
Гумон кардам, ки ширину гуворо мекунам об
Ба як шеъри нави сабки хуросонӣ дилашро.

Вале ӯ номаи меҳри маро дар оташ афканд,
Барои содалавҳии дили худ хашмам омад.
Дареғи сӯзҳову созҳову розҳоям,
Чунон аз хашм хандидам, ки оби чашмам омад.

*Соли 2007*

## САЛЛАИ СУФ

Пире паи сарнавишти худ саргардон,
Саргаштатар орзуи ӯ дар оҳаш.
Сарбастатар аз фалсафаи ишқи хеш
Як саллаи суф ҷонамози роҳаш.

Пай мезанад ормони худро саргум,
Ҳаргиз ба ҷаҳон набошадаш созомад.
Як салла кафанвории суфаш дар сар,
Овораи роҳи дури бебозомад…

*Соли 2007*

## ДАСТИ ДУО

Роҳи шаҳри зердасти муштзӯрон
Дар нишебаш сӯи бесӯӣ фароз аст.
Зиндагӣ мелангад аз кӯе ба кӯе,
Дасткӯтоҳии кас ҳар сӯ дароз аст.

Сояи сабзи хиёбон аст помол
Аз гаронии пайи сармоядорон.
Ёдашон бошад, ки дастоне расотар
Нест аз дасти дуои шаҳчинорон!

*Соли 2007*

## ШОХНАМ

Шаҳри сангинро, ки гармо мегудозад,
Шохнам якбора нам-нам менавозад,
Мезанад ӯ чак-чакон дар бом тунбак,
Мезанад ӯ так-такон дар роҳ хунбак.

Гардад аз хунёи ӯ дунё фаромушт,
Кӯр ҳам дар базми ӯ ояд ба арғушт.
Офаринаш бод, гардам сози ӯро,
Гӯши кар ҳам бишнавад овози ӯро!

*Соли 2007*

## ТУҒМАЗОР

Сояи гунбади хароби мазор
Хок хӯрда дар офтоби мазор.
Дар суроби дарахти туғи хеш
Морпеч аст печу тоби мазор.

Мағзи нон пош медиҳад мардум
Сӯи гулмоҳиёни оби мазор.
Аз ҳаёҳуи нонгадоёнаш
Мепарад лаҳза-лаҳза хоби мазор.

*Соли 2007*

## СОАТ

Соати дасти ман аз даврони хеш
Ё қафо мемонд, ё мерафт пеш.
Вақтам ӯ медоду вақтам мегирифт,
Бозмонд охир аз ин гашти шигифт.

Тофтам бас мурваташро барабас…
То ҳанӯз аммо кучое пешу пас
Дар гумонам соати истодаам
Мешуморад вақти аз каф додаам.

*Соли 2007*

## КӮДАК

Набошад ҳеҷ аз кӯдак сабуктар
Ба дасти модари дилбастаи хеш,
Ки дорад меҳри бепоёни ҳастӣ
Саросар ҳаста андар ҳастаи хеш!

Набошад ҳеҷ аз кӯдак гаронтар
Ба дасти модари дилхастаи хеш,
Ки дорад ранҷи бепоёни ҳастӣ
Саросар баста андар бастаи хеш!

*Соли 2007*

## ШИНОВАР

Хешро ӯ аз шахи сангини рӯҳонӣ
Зад ба дарёи дамони ишқи тӯфонӣ.
Рӯ ба рӯи обхези тунди пешомад
Даст ёзид аз миёни мавҷи пешонӣ.

Сӯи хуршеде, ки пушти кӯҳаи дарё
Озарин мешишт, дур аз худ шино кард ӯ.
Дар паси хезобҳо шуд нопадид охир,
Бозгашти хеш аз хотир баровард ӯ.

*Соли 2006*

## ПАНДГУНА

Одами нек ҳам шавад охир
Андак-андак бад аз бадии кас,
Чун саги меҳрубон, ки мегардад
Гурги хашмин ба санги кас вопас.

Ҳар кӣ зери шиканч, дар занҷир
Гар сагашро газанда месозад,
Кафк бар лаб жакида рӯзе ӯ
Бар сари ӯ баланд метозад!

*Соли 2006*

## СОЯИ САНГИН

Вой, дар ин замонаи нангин
Болишам сангу нолишам сангин!
Кас сиёҳу сафед бинад хоб,
Хоб бинад нигоҳи ман рангин.

Сурху зарду кабуд мерахшад
Чашмҳои кирояи мардум.
Ман сари худ чи гуна бардорам
Аз гаронии сояи мардум?!

*Соли 2006*

## ЧАРОҒИ ШИКАСТА

Нимаи шаб зодгоҳи худ расидам,
Ёдгоҳи рӯшани ман буд торик.
Як чароғи хонадоне ҳам намесӯхт,
Дар сиёҳӣ роҳ мепечид борик.

Кӯдакии содаам мехост бахшиш
Аз чароғи куштаи даргоҳи мардум,
К-ӯ шабе бишкаста буд бо ғӯлаки хеш
Як чароғи симчӯби роҳи мардум.

*Соли 2006*

## ГАРДИШ

Замину осмонро мезад оташ
Барои ғояи бепояи хеш.
Далерӣ дошт афзун, лек акнун
Парешон мерамад аз сояи хеш.

Ба зону мезанад дар пои гардун,
Ки аз гардан гуноҳашро бигирад.
Дигар ӯ дар мазори душманонаш
Хамӯш аз сар кулоҳашро бигирад…

*Соли 2006*

## НАБАРД

Муштзанро ҳарифи муштзанаш
Монад аввал, ки чанд мушт занад,
То ки охир фуроварад муште
Бар даҳонаш, ки ӯ ба пушт занад.

Лек як мушти обдор нигоҳ
Дорад ӯ ҳам барои ӯ ба камин…
Кас надонад, кӣ мешавад пирӯз?
Зиндагиву набарди ӯст ҳамин!

*Соли 2006*

## АНДӮҲИ ГАРОН

Миёни пуштаҳо аз пушти тобут
Ба ҳасрат сӯгворон раҳсиноранд,
Ки болотар ба хоки тира ночор
Ҷавонмарди ҷавонмарге супоранд.

Ба роҳи сахти гӯристон, дареғо,
Хамида қомати марде тавонманд,
Ки бар дӯши падар дар зери гардун
Гаронтар нест аз тобути фарзанд!

*Соли 2006*

## КУШТОР

Оҳ, як рӯзи дарози кӯдакии ман
Аз паси девор меомад фиғони хук.
Мехарошид осмонро бонги ҷонкоҳаш,
Дар шиканҷу ранҷ ҷон меканд ҷони хук.

Аз сари девор медидам, ки бо оташ
Доғ мекарданд пеш аз куштанаш ӯро.
Зинда ҳамчун зиндагӣ месӯхтанд он рӯз
Дар дили ман то ба хун оғуштанаш ӯро.

*Соли 2006*

## НАМОЯ

Чархро сӯз медиҳанд дигар
Гушнапуштон ба кадхудоии хеш.
Сад намуд аст худнамоии шон
Бо зару зевари гадоии хеш.

Бӯи бад то наояд аз дамашон,
Бар сари боди худ гулоб зананд.
То набинанд хоксории кас,
Хок бар чашми офтоб зананд.

*Соли 2006*

## КОХИ СУХАН

*Ба устод Меҳмон Бахтӣ*

Шуд Кохи сухан кушод аз чеҳраи ту,
Аз ойинаи дили ту гашт ойинабанд.
Гул кард анори лухти сармохӯрда
Дар боғчааш аз қадамат сурхи баланд.

Боз аст дари даромади Кохи сухан,
Қуфл аст дари баромади банда аз он.
Раҳгум зада аз паси ту дар даҳлезаш,
Берун наравад ягон нависанда аз он!

*Соли 2005*

## СӮЗВОРА

Меҳан, эй сарзамини бобоӣ,
Дар тайи офтоби ёбоӣ
Аз ҳавасҳот боғ-боғ охир
Сӯхтам чун дарахт аз гармо!

Меҳан, эй сарзамини армонӣ,
Дар тайи барфбоди тӯфонӣ
Аз аламҳот доғ-доғ охир
Сӯхтам чун дарахт аз сармо!

*Соли 2005*

## ФОЛИ ХУН

Дар миёни мардуми майдон
Пир чун дасти дуо бикшод,
Гашт бисмиллоҳи ӯ кафтар,
Аз кафи дасташ парид озод.

Пир чун дасти дуо бардошт,
Тир бар дасти дуояш хӯрд.
Панҷаҳои хунчаконашро
Ӯ ба рӯи худ ба омин бурд.

*Соли 2005*

## ҲАРОС

Дар баста-бало баста! Дигар имшаб ҳам
Аз бим дар аз дарун бубастам маҳкам.
Қуфлаш задам аз хатар парешонхотир,
Андак дами хеш рост кардам як дам.

Аммо паси дар ниҳоли даргоҳи ман
Дар тирашаби пур аз бало берун монд.
Оваҳ, шаби торик тани танҳо ӯ
Ларзони шамоли кӯчаи серун монд!

*Соли 2005*

## СИТОРАБОРОН

Имшаб аз осмони нилобӣ
Пора-пора ситора меборид,
Дар нигоҳи ману ту зебо буд,
Дар нигоҳи ману ту мефорид.

Аз паи ҳар ситораи афтон
Барқ мезад нигоҳи мо мафтун,
Ғофил аз он ки санг меафканд
Бар сари бепаноҳи мо гардун!

*Соли 2005*

## РӮ БА ҚИБЛА

Таърихи шаҳид дар канорат хуфта,
Дар сояи Девоначанорат[1] хуфта.
Дар хоки ту гунбаду манорат хуфта,
Эй шаҳри ҳазоршаҳри ман, эй Кӯлоб!

Ду дасти дуо ба қиблаи рӯи ту,
Бо пои бараҳна меравам сӯи ту,
Молам хокат ба дида аз кӯи ту,
Эй шаҳри мазоршаҳри ман, эй Кӯлоб!

*Соли 2005*

## РАҲНАВАРД

Роҳи Лӯликутал[2] аз пушти ту
Пушта дар пушта ҳанӯз овора.
Дуртар сӯи ҷаҳон ноҳамвор
Меравӣ ҳамвора…
Нест дигар чора!

---

1. Як маҳаллаи қадимаи Кӯлоб.
2. Остонаи Кӯлоб.

Тирароҳи ту гаронбор акнун,
Тирамоҳи ту саду як барг аст.
Пеш рав, пеш, ки аз дунболат
Зузаҳои гург аст,
Истодан марг аст!

*Соли 2005*

## РӮ БА РӮ

Бо ишқи ту рӯ ба рӯ дилам гум мезад,
Оромии чеҳраат талотум мезад.
Аз бонг баландтар хамӯшият буд,
Дар синаи ман ҳамҳама ҳум-ҳум мезад.

Афсуни ту бегонаи хешам мекард,
Гесӯи пареши ту парешам мекард.
Чашмони ту мехонд маро сӯи хеш,
Дастони ту афсӯс ки пешам мекард.

*Соли 2005*

## ҶУМЪАИ МУБОРАК

Субҳи рӯҳонии рӯзи ҷумъа
Мерасад нурсалом.
Пушта дар пушта дуои хуршед
Меравад гӯрсалом.
Раҳ ба раҳ тӯдаи мардум бо ҳам
Мекунад мӯрсалом.
Мекунад кафтараке болафшон
Бо ман аз дур салом…

*Соли 2005*

# МУНДАРИҶА

Гулназар. То қиёмат тарона пардозӣ ............................................3
Андеша дар андеша ...........................................................................9
Ошёни симурғ........................................................................146
Афсона дар афсона ........................................................................165
Ангеза дар ангеза .........................................................................232
Ойина дар ойина ..........................................................................243
Панҷаи барги хазон .......................................................................294
Ангора дар ангора .........................................................................298

**Раҳмат НАЗРӢ**

**СИТОРАБОРОН**

*(Барчидаи ашъор)*

Ороиши *Раҳмонӣ Орзу*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *Мавлудаи Равшанёр*

Ба матбаа 20.06.2011 супорида шуд.
Чопаш 29.06.2011 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 20. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар матбааи КММИИ «Аршан» ба табъ расидааст.
н. Рӯдакӣ, ҷамоати Испечак, минтақаи Зафар.
Телефон: (+992) 918-24-82-90